**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**“ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА”**

**ТДУ – 82.09**

**ТКБ – 83.3 [0] 9**

**Д 98**

**Ба ҳуқуқи дастнавис**

**ДАВЛАТОВ УМАРАЛӢ МИРЗОАЛИЕВИЧ**

# УБАЙД РАҶАБ ВА АНЪАНАИ ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология**

**аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ**

**(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

**Роҳбари илмӣ:**

доктори илми филология, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Нуров Нуралӣ Норович**

**Данғара - 2023**

# Мундарича

**Муқаддима**........................................................................................3-13

**Боби I. ЖАНРИ ЁДДОШТ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР НАСРИ МУОСИРИ ТОҶИК**..........................................................................................14-45

1. 1. Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ.........................14-24

1. 2. Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик.....24-39

**1.3.** Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик.......39-44

**Хулосаҳои боби аввал**..........................................................................45

**БОБИ II. УБАЙД РАҶАБ ВА ИДОМАИ СУННАТҲОИ ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК................46-97**

2. 1. Сохтор ва мундаричаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб............................46-51

2.2. Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб............................................51-72

2. 3. Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб.................................71-80

2.4.Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош».............81-97

**Хулосаҳои боби дувум...........................................................................98**

**БОБИ III. СИМОИ АҲЛИ АДАБ ДАР ЁДДОШТҲОИ УБАЙД РАҶАБ ВА ТАСВИРИ ЧЕҲРАИ МУАЛЛИФ ДАР ХОТИРОТИ ҲАМҚАЛАМОН**...........................................................................99-156

3. 1. Бозтоби чеҳраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ» …………………………..............................................99-112

3. 2. Симои адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб.............113-130

3. 3. Чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб …….….........130-158

**Хулосаҳои боби севум**.........................................................................159

Хулосаҳо I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия.............................160-163

II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот..........................164

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ**.......................................................................166-178

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ**...................179-180

# МУҚАДДИМА

**Мубрамият ва муҳиммияти мавзуъ.** Таҳлилу тадқиқи пурдоманаи адабиёти тоҷик дар қарни XX, зиндагиву осори намояндагони он, баррасии чигунагии рушду инкишофи тамоюлҳои жанрии адабиёти ин давра дар адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик аҳаммияти бузурги назарию амалиро молик аст. Пажуҳиши кулливу фарогир имконият медиҳад, ки дар адабиётшиносии ватанӣ осори адабии давраи Шӯравӣ бо вуҷуди монеаю мушкилоти мавҷуда аз нигоҳи арзишҳои адабию эстетикӣ ва ҳунарӣ мавриди таҳқиқ ва баҳсу баррасӣ қарор гиранд. Он, аз ҷониби дигар, барои таҳияи матнҳои илмию интиқодии осори намояндагони барҷастаи адабиёти қарни XX ва таҳқиқи марҳилаҳои эҷодӣ, коркардҳои адабии осори адибон аз ҷониби худи онҳо шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар айни замон ба ин соҳа осори таърихиву ҷуғрофиёӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо ва асарҳои ёддоштиро низ мансуб донистан аз аҳаммият холӣ нест, зеро онҳо ҷуз аз хусусияти илмӣ, ҳамчунин, дорои арзишҳои адабиву бадеӣ низ будаанд. Маълум аст, ки доираи ин гуна асарҳо дар адабиёти гузашта ва кунунӣ хеле зиёданд. Масалан, доир ба асари ёддоштӣ будани «Сафарнома»-и Носири Хусрав олимон А. Эделман, И. Қосимов, Р. Қубодиёнӣ, А. Абдуллоев, С. Атобуллоев, Н. Нурзод ва дигарон андешаҳои худро иброз намуда, онро гоҳе асари ёддоштӣ, гоҳо бадеӣ, ҳатто илмӣ маънидод кардаанд.

Иқдоми пешгирифтаи устод Садриддин Айнӣ дар ҷодаи идомаи суннатҳои хоси ёддоштнависӣ омили истиқлоли комили ин навъ асар дар адабиёти муосири тоҷик гардид. Ба таври воқеӣ метавон изҳор дошт, ки устод Садриддин Айнӣ бо навиштани асари гаронарзиши «Ёддоштҳо»-и хеш ба эҷоди навъи мустақили ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик асос гузошт, ки минбаъд ин шева аз сӯйи нависандагони номвари тоҷик Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Ӯрун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Убайд Раҷаб ва чанде дигарон идома ёфтааст. Ҳарчанд сайри таърихии таҳаввули жанри ёддошт дар пажуҳишҳои

мухталифи донишмандони ватаниву хориҷӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифтаанд, аммо дар ин рисола манзури мо муайян кардани мавқеи осори насрии ҷанбаи ёддоштидошта дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, ба риштаи таҳқиқ кашида шудани осори доири ҷанбаи ёддоштии шоири бачагон Убайд Раҷаб зарурат ва муҳиммияти омӯзиши ин қазияро равшан менамояд, зеро ин суханвари мумтоз дар баробари мусоидат ба рушди адабиёти кӯдакони тоҷик бо таълифи силсилаи осори ёддоштӣ саҳми худро дар инкишофи ин навъи муҳими наср гузоштааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиётшиносии муосири тоҷик роҷеъ ба асарҳои насрии ҷанбаи ёддоштидошта якчанд асару мақолаҳои Муҳаммадҷон Шакурӣ [153, 154, 155], Атахон Сайфуллоев [107, 108], Худоӣ Шарифов [147, 148, 149], Носирҷон Салимӣ [111], Матлубаи Мирзоюнус, [171], Нуриддин Бозоров [77], Ҳамза Боқиев [76], Нурзод Н. [101] ва дигарон ба қалам омадаанд, Тавре таъкид шуд, қисмате аз онҳо ба масъалаи таҳаввули жанри сафарнома чун асари дорои ҷанбаҳои ёддоштӣ бахшида шудаанд. Дар адабиётшиносии хориҷӣ силсилаи таҳқиқот оид ба жанри ёддошт ё истилоҳоти дигари он – «зиндагиномаи худнавишт», «зиндагиноманависӣ, «хотиранависӣ» ба анҷом расидаанд, ки ин ҷо метавонем, ба таҳқиқоти анҷомдодаи Меҳрии Ҳақонӣ [136], Сируси Шамисо [146], Муҳаммадризои Айравонӣ [59], Алиризои Қамарӣ [85] ва дигарон ишора намоем. Убайд Раҷаб ҳарчанд адиби пуркору сермаҳсул ва аз ҷумлаи шоироони маҳбуби хонандагони навраси тоҷик ба ҳисоб меравад, осори насрии ӯ дар нақди адабӣ ва адабиётшиносии муосир то имрӯз ба таври зарурӣ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Дар тадқиқоти донишмандон Р. Амонов [61], Ҷ. Бобокалонова [75, 163],Ф. Ҳусейнзода [138, 139, 140], А. Абдуманнов [56], Н. Файзуллоев [129, 130, 131], С. Саидов [168], Хазраткулова Н. [170] ва дигарон ишораҳои ҷолиби илмӣ вобаста ба таълифоташон, ки марбут ба адабиёти атфол аст, мавҷуд мебошад. Дар адабиётшиносии хориҷӣ бошад, роҷеъ ба шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме»-и шоир таҳқиқоти қобили таваҷҷуҳи адабиётшиноси эронӣ Ғуломҳусайни Юсуфӣ ҷой дорад, ки ба ин

шеъри шоири номвари тоҷик руҷуъ шуда, ба арзиши адабиву эстеттикӣ ва аҳамияти он дар шинохти забони модарӣ таъкид гардидааст. Ин шеър минбаъд ба китобҳои дарсии макотиби таҳсилоти миёнаи ин кишвар низ ворид шудааст [162, 788-795].

Дар баробари ин Алиасғари Шеърдӯст низ ба осори Убайди Раҷаб таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ҳамчун шоири кӯдакон ба эҷодиёти ӯ баҳои баланд додааст. Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар мақолааш «Рӯзгори ибратомӯз ва дидаи ибратбин» низ дар бораи устод Убайд Раҷаб андешаи худро изҳор дошта, ба таври махсус арзиш ва аҳамияти ёддоштҳои ӯро қайд намудааст, ки аз аввалин пажуҳишот оид ба осори ёддоштии адиб ба шумор меравад. [40,127-132] Мақолаи дигари ин шоир ва муҳаққиқи тоҷик бо номи «Ҳикоёте дилписанду мондагор» маҳз ба таҳқиқи ёддоштҳои Убайд Раҷаб бахшида шуда, дар онҳо хотираҳои ин адиби бачагон ҳамчун ҳикоёти дорои арзиши баланди адабиву бадеӣ баррасӣ шудаанд [133].

Мақолаи Шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло «Шарофати марди шариф» низ ба таҳқиқи ҳамин ҷанбаҳои эҷодии Убайд Раҷаб бахшида шудааст. [40, 175-180].

Муҳаққиқи номвари адабиёти кӯдакон, профессор Неъматҷон Файзуллоев дар китобҳои «Шеъри атфол дар қарни ХХ», «Ҳамосаи кӯдакон», «Назми кӯдакон» силсилаи ашъори кӯдаконаи Убайд Раҷабро ҳамчун намунаи беҳтарин шеъри атфол дар адабиёти муосири тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Мавсуф роҷеъ ба мақоми ин шоири номвар мақолоти ҷудогонае ҳам ба қалам овардааст, ки аз ҷумлаи онҳо «Таронасарои хушадо» мебошад. [40, 123-126]

Адабиётшинос Фарҳод Ҳусейнзода, ягона муҳаққиқи осори адабии шоир ба шумор рафта, ҷойгоҳи суханварро дар адабиёти кӯдакон муқаррар карда, аз ҷумла қайд намудааст, ки «Убайд Раҷаб зиёда аз 20 мақолаи публитсистӣ ва гузориши илмӣ омода кардааст, ки то ба имрӯз дар маҷмуаи алоҳида чоп шуда, дастраси хонанда нагардидаанд» [139, 236].

Адабиётшинос Абдувалӣ Давронов бештар ба ҷанбаҳои адабии гузоришу ёддоштҳои Убайд Раҷаб таваҷҷуҳ зоҳир намуда, андешаҳои хешро ба шакли хотира баён кардааст. [40, 290-297]

Бояд қайд намуд, ки соли 2012 китобе ба муносибати 80 солагии ин шоири шаҳир таҳти унвони «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» ба чоп расид, ки дар он хотироти пажуҳишгарон, ҳамқаламон ва дӯстон ҷой гирифтааст. Бештари мақолоти ин маҷмуа хислати ёддоштӣ дошта, ҳамзамон мақолоте низ ба он ворид шудаанд, ки асосан таҳқиқи ашъори бачагонаи шоирро фаро мегиранд [40]

Соли 2018 бошад аз ҷониби Ҳазратқулова Нафиса рисолаи номзадӣ дар мавзӯи "Поэтикаи ашъори бачагонаи Убайд Раҷаб" ба дифоъ расид, ки асосан баррасии ҷанбаҳои ҳунарии  сурудаҳои барои кӯдакон эҷоднамудаи шоирро фаро мегирад. [170]

Дар натиҷаи омӯзиши асарҳои донишмандони фавқуззикр, ба чунин хулоса омадем, ки жанри ёддошт дар насри Убайд Раҷаб то ҳол таҳқиқ нашудааст. Роҷеъ ба арзишҳои ҳунарӣ, хусусиятҳои жанрӣ, ғоявӣ, мавзӯӣ ва услубию бадеии осори ёддоштии Убайд Раҷаб таҳқиқи ҳамаҷониба ё монографияи илмӣ анҷом наёфтааст. Танҳо адабиётшинос Фарҳод Ҳусейнзода дар бораи осори бачагонаи Убайд Раҷаб ва асарҳои барои калонсолон эҷоднамудаи ӯ маълумоти марбут ба кори илмиаш алоқаманд додааст [142].

Аз мутолиа ва пажуҳиши осори муҳаққиқони ин соҳа маълум гардид, ки ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб падидаи нав мебошад. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи фаъолияти насрнависии Убайд Раҷаб, таъйини хусусиятҳои жанри ёддошт, мавзуъ, услубу бадеияти қиссаҳои ёддоштии ӯ ва шинохти мақоми вай дар таърихи насри муосири тоҷик яке аз масъалаҳои муҳим ва қобили таваҷҷуҳ дар адабиётшиносии тоҷик ҳисоб меёбад. Аз ин хотир, бо такя ба осори донишмандони ватанию хориҷӣ ва осори худи адиб, тасмим бар ин шудааст, ки масъалаи жанри ёддошт ва ҷойгоҳи он дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ**.

Мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқоти илмӣ бо барномаҳо [лоиҳаҳо]-и мавзуъҳои пажӯҳишҳои илмӣ пайванди мустаҳкам дошта, он дар асоси нишондоди қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503 «Дар бораи самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ва яке аз самтҳои асосии "Барномаи дурнамои корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи **забон ва адабиёти тоҷики** МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Данғара» барои солҳои 2019-2023" таҳти унвони "Таҳқиқи масоили вожашиносӣ ва сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва шеваҳои он. Масъалаҳои назариявии адабиётии классикӣ ва муосири тоҷик" анҷом ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муаллифи рисола дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар робита бо адабиёти рус, Осиёву Аврупо ва дар асоси омӯзиш ва пажуҳиши адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ нуқтаи назари худро оид ба заминаҳои суннатии ёддоштнависӣ аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ баён намояд. Дар ин замина, ҳадафи аслии таҳқиқот муайян намудани нақш ва мақоми Убайд Раҷаб дар инкишофи жанри ёддошт ва бозтоби махсусиятҳои сабкӣ ва мавзуии он дар осори насрии ӯ ба шумор меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**: Барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мавзуъ баррасии масоили зерин дар меҳвари аслии пажуҳиши мо қарор гирифтааст:

- муайян кардани анъанаҳои суннатии ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик, ки аз адабиёти классикии форсу тоҷик, русу ИДМ маншаъ гирифтаанд;

- баррасии сохтор вв муҳтавои ёддоштҳо дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ва алоқаи он ба адабиёти классикию шифоҳӣ;

- таҳқиқ дар фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб ва анвои жанрии осори ёддоштии ӯ;

-таъйини мавқеи ёддошт дар эҷодиёти Убайд Раҷаб;

-таҳқиқи ғоявию бадеии ҳикоя ва қиссаҳои воқеии китоби «Марди майдони талош» ҳамчун намунаи барҷастаи асари ёддоштӣ;

- таҳлили хусусиятҳои ғоявӣ, мавзуӣ ва услубии ёддоштҳои Убайд Раҷаб;

- шинохти чеҳраҳои фарҳангӣ, тасвири фазилатҳои фардии қаҳрамони марказии ёддоштҳои Убайд Раҷаб;

- чеҳраи адабӣ ва фарҳангии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар насри Убайд Раҷаб ва нақши нависанда дар эҷоди шахсияти адабии ӯ;

- таҳқиқу баррасии вежагиҳои забонӣ ва сабки осори насрии Убайд Раҷаб.

**Объекти таҳқиқотро** баррасии хусусиятҳои ёддошт ва анъанаи ёддоштнависӣ дар таркиби осори насрии Убайд Раҷаб ташкил медиҳад.

**Мавзуи таҳқиқот** «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» унвон гирифтааст.

**Асосҳои назарияви таҳқиқот**ро комёбиҳо ва принсипҳои пажуҳиши муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, мисли Эдуард Браун, Евгений Бертелс, Ҳ. Эте, А.Э. Крупский, Э. Браун, Ян Рипка, Маликушшуаро Баҳор, С. Шамисо, М. Шакурӣ, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, Аҳмад Абдуллоев, Носирҷон Маъсумӣ, Садрӣ Саъдиев, С. Табаров,  Ю. Салимов, А. Раҳмонов, Абдунабӣ Сатторзода, Худоӣ Шарипов, Абдулманнони Насриддин, Носирҷон Салимӣ, Матлуба Хоҷаева, Н.А. Маҳмадаминов, Ш. Солиҳов, Н. Бозоров, Ф. Ҳусейнов, Ҳ. Боқиев, Н. Нуров ва дигарон ташкил медиҳад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот:** Дар ҷараёни нигориши диссертатсия равиши муқоисавӣ-таҳлилӣ ба кор рафта, ҳамзамон, усулҳои оморӣ ва тавсифӣ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Заминаҳои эмперикӣ:** Маводи таҳқиқот асосан ба мабнои омӯзиши осори насрии Убайд Раҷаб, аз қабили «Марди майдони талош», «Дӯш будам ҳамнишин», «Зинда ба ишқ» ва дигар таълифоти эшон фароҳам омадааст.

**Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқотро** таълимгоҳҳои [синфҳои] МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Данғара», Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, конференсияҳои донишгоҳӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ташкил медиҳанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар диссертатсия бори аввал ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои нав ва суннатҳои хоси онро дар таркиби осори насрии ӯ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Бо такя ба дидгоҳҳои адабиётшиносии рус ва нависандагони Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадем, ки насри ёддоштии мо аз адабиёти классикӣ, рус ва Шарқу Ғарб баҳра бардоштааст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии тоҷик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ- садаи бист мусоидат хоҳад намуд. Ҳамчунин, баррасии мавзуъ имконият медиҳад, ки дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва забону услуби он тасаввури возеҳ пайдо карда шавад. Ҳамзамон, осори насрии Убайд Раҷаб аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар рисола ба таври махсус сурат гирифтааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1.Дар марҳилаи нави адабиёти тоҷик, шуруъ аз қарни XX бо кӯшиши устод Садриддин Айнӣ давраи нави ташаккули ёддоштнависӣ оғоз ёфта, истиқлоли он аз нигоҳи шеваи нигориш ба сатҳи нав расид. То ҷое тавофути куллии он аз навъи сафарномаҳо ба таври барҷаста ошкор гардид.

1. Убайд Раҷаб солҳои 90-уми қарни XX ба ёддоштнависӣ оғоз карда, барои инкишофи навъи мазкур саҳми худро гузоштааст. Аз ин рӯ,

бегумон ӯ низ яке аз пайравон ва давомдиҳандаи анъанаи ёддоштнависии устод Садриддин Айнӣ ба шумор меравад.

2. Марҳилаи нахустини ёддоштнигории Убайд Раҷаб бо қиссаҳои «Марди майдони талош», «Зинда ба ишқ», «Дӯш будам ҳамнишин» оғоз гардида, муҳимтарин вежагиҳои сабкӣ ва мавзуии жанри ёддошт дар ин осор равшан таҷассум ёфтаанд.

3. Ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб, асосан, ба сурати корбурди жанрҳои ҳикоя ва қисса ҷараён гирифтааст. Ба таъбири дигар, нависанда барои идомаи суннати ёддоштнависӣ қолабҳои жанрии ҳикоя ва қиссаро ба кор бурдааст.

4. Осори Убайд Раҷаб ба забонҳои гуногуни дунё чун русӣ, англисӣ ва дигар забонҳои халқҳои ИДМ тарҷума ва нашр шудаанд, ки ин матлаб аз арзиш ва аҳамияти осори тарҷумаиҳолӣ ва ёддоштии ӯ дарак медиҳанд.

5. Убайд Раҷаб бо ду хусусияти муҳимми қиссаҳои ёддоштии худ – арзишҳои ахлоқию тарбиявӣ ва таълимию маърифатии онҳо дар таҳаввули жанри ёддошт дар таърихи адабиёти муосири тоҷик мақоми устувор пайдо кардааст.

6. Убайд Раҷаб дар ёддоштнависӣ асосан равиши устод Айниро дар шеваи иншо истиқбол намудааст. Бештари ёддоштҳои ӯ дар бораи адибони ҳамсолу ҳамкори худ ба сурати ҳикоётӣ ҷудогона дар таркиби як қисса ба қалам омаданд, ки ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ як саҳифаи рӯзгори ҳамон адибро таҷассум мекунанд.

7. Ёддоштнависӣ дар эҷодиёти Убайд Раҷаб аз лиҳози мавзуъ, мундариҷа ва сабки таълиф дорои равиши хосси худ буда, ин иқдом аз талошу кӯшишҳои вай барои ташаккули ин навъи адабӣ дарак медиҳад.

8. Дар идомаи роҳи эҷодии устод Садриддин Айнӣ Убайд Раҷаб низ дар ёддоштҳои хеш нақли қиссаҳо аз рӯзгору осори адибони ҳамзамони хешро ба сурати бадеӣ ривоҷ бахшидааст, ки симоҳои устодони бузурги адабиёти мо, Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода,

Абдусалом Деҳотӣ ва дигарон дар меҳвари онҳо қарор дорад, зеро дар бораи ин намояндаи барҷастаи адабиёти муосири тоҷик асари ҷудогонаи ёддоштӣ ба қалам овардааст, ки дар шинохти муҳимтарин нукоти марбут ба рӯзгору осор ва сарчашмаҳои эҷодии вай муҳим аст.

9. Убайд Раҷаб дар баробари ин ки осори ҷолибе ба сурати ёддошт навиштааст, худ низ дар силсилаи ёддоштҳои ҳамкорону ҳамсафон, адибону олимон ба сифати қаҳрамони меҳварӣ баромад намудааст. Ёддоштҳои дигарон дар бораи адиб низ барои кушоиши гиреҳҳои муҳими марбут ба рӯзгор ва эҷодиёти худи суханвар ва дар умум муҳити адабии рӯзгори ӯ нақш ва аҳамияти муҳим хоҳанд гузошт.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ба масъалаҳои камтаҳқиқи марбут ба фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб рӯшанӣ андохта, дар омӯзиши осори насри бадеии ӯ, алалхусус, ёддоштҳои вай маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада дар омӯзиши насри ёддоштии тоҷик ва марҳилаҳои таҳаввули ин жанр, тағйироти падидомада дар мавзуъ, мундариҷа ва сабки насри ёддоштӣ дар садаи бистум мусоидат карда метавонад.

Натиҷаҳои таҳқиқи мазкурро метавон дар таълифи таърихи мухтасами адабиёти муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода бурд. Аз маводи диссертатсия ҳангоми омода сохтани курси лексияҳо дар адабиёти муосири тоҷик, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои «Жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик», «Назария ва амалияи наср», “Поэтикаи насри муосири тоҷик” дар факултетҳои филологияи тоҷики мактабҳоли олӣ метавон истифода бурд. Инчунин, аз натиҷаҳои бадастомада омӯзгорон ҳангоми хондани курсҳо ва семинарҳои махсус дар факултетҳои филология метавонанд истифода баранд ва кафедраҳои марбут ба факултетҳои филологӣ номгӯйи мавзуъро метавонанд ба сифати фанни элективӣ ба нақшаҳои таълимӣ ворид намоянд.

**Дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот.** Натиҷаи таҳқиқот дар дарсҳои лексионию амалии факултетҳои филологияи тоҷик, таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» истифода шудааст. Муҳимтарин нуктаҳои рисолаи диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию амалии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» (солҳои 2016-2022**),** чанд конфронси байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар семинарҳои махсуси факултети филология арзёбӣ гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 –Адабиётшиносӣ(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмӣ ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснок карда мешавад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия давоми солҳои 2016-2021 дар конфронсу ҳамоишҳои илмии донишгоҳӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузоришу маърузаҳо ироа гардид. Баъзе фаслҳои рисола дар конференсияҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва ҳамоишҳои илмии ҷумҳуриявӣ, аз ҷумлаи конфронси илмии МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон  Ғафуров» интишор гардидаанд .

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст. (протоколи рақами 2, аз 9 -уми ноябри соли 2021).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯи диссертатсия 9 мақола, аз ҷумла, 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

**Сохт ва ҳаҷми тадқиқот**. Рисола аз муқаддима, се боб, 10 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, дар ҳаҷми 180 саҳифаи чопии компютерӣ омода гардидааст.

# БОБИ ЯКУМ . ЖАНРИ ЁДДОШТ ВА МАВҚЕИ ОН ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 1. 1. Таснифоти анвои наср дар адабиёти навини тоҷикӣ

Давраи ташаккул ва камолу пешрафти насри форсу тоҷик ба асрҳои X-XIII тааллуқ дошта, дар ин қарнҳо чи аз назари сабк ва ҳам мавзую мундариҷаи таълифоти осори мансури тоҷик рӯ ба таҳаввул овардааст. Ин матлаб дар навиштаҳои муҳаққиқони насри классикии тоҷик Худой Шарифов, Носирҷон Салимӣ ва дигарон таъкид ёфтааст. [147;111]

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз замони қадим то имрӯз адибони зиёде зиндагӣ ва эҷод намуда, осори фаровони илмӣ-адабӣ аз худ боқӣ монда ва бо ин роҳ дар рушду нумӯи забони тоҷикӣ саҳми намоён гузоштаанд. Ин шеваи муносибат ба адабиёт боиси ташаккули осори мансури ин давра гардида буд, ки бештари осори насрӣ дар забони форсӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ба қалам омада, пасон бар асари ҳуҷуми муғулҳо нобуд гардида, як қисмати онҳо то имрӯз ба дасти мо расидааст.

Дар ин давра тоҷикон ба навиштани китобҳову осори мансур таваҷҷуҳ доштанд, чунки дар ин замон масъалаҳои муҳиме дар таърихи насри ин давра ба назар мерасид ва аз назари сиёсӣ дигаргуниҳои куллӣ дар ҳукумати марказии исломӣ рух дода буд. Бо вуҷуди он ки гурӯҳе аз адибон аз навиштани китобҳои арабӣ ғофил набудаанд, вале ба таълифу таснифи китобҳои форсӣ- тоҷикӣ низ дар фанҳои гуногун таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир менамуданд. Аз ҷумла, Саид Исмоили Ҷурҷонӣ асоситарин китобҳои худро дар масъалаҳои илмӣ ба забони форсӣ мураттаб сохтааст. Дар даврони Салҷуқиён, ки донишмандони онҳо аз тарбиятёфтагони макотиби Хуросону Ироқ будаанд, бо таълифи осори гаронарзиши насрӣ забони форсии тоҷикиро дар ин манотиқ густариш додаанд. Агар дар давраи қабл вазирону дабирони машҳур мисли Ибни Умед ва мутарассилони аҳди сомонӣ маҷмуаҳое аз рисолоти худро ба арабӣ тартиб медоданд, аммо дар ин қарн насри порсӣ аз вазъи қаблии худ берун рафт. Дар даврони сомонӣ он осоре ба назар мерасанд, ки сабки пардохти онҳо андак-андак ба насри мутакаллифи маснуъ

бадал гардид. Асосан, решаи аслии тағйири сабки порсиро дар ин аҳд бояд ривоҷи адабиёти арабӣ дар миёни донишмандон донист. Дар забон ва насри форсӣ тағйироте роҳ ёфт, ки бар асари он тарки эҷоз ва таваҷҷуҳи нависандагон ба итноб ва тавсифоту тамсилот рӯйи кор омад. Ин ҳолат дар охири давраи аввали ғазнавӣ дар насри форсӣ ривоҷ ёфт ва дар бисёр таълифот ва девонҳои шоирон дида мешуд.

Дар байни нависандагон истифодаи шеър баробари наср ҳам аз ҳамин овон ривоҷ гирифт ва ин амр василае барои итноби сухан ва тасвири ҳусни таъсири он шуда, то дергоҳ дар насри форсӣ боқӣ монд. Бо таваҷҷуҳ ба ин омилҳо, бояд гуфт, ки насри маъмули форсӣ, яъне насри содаи мурсалу орӣ, ки дар дувоздаҳум ва ҳатто дар баъзе аз осори қарни сенздаҳум ривоҷ дошт, дар ҳақиқат, дунболаи сабки насри қарни ёздаҳум ва нимаи аввали дувоздаҳ буд, зеро аз бисёр ҷиҳат бо насри он давра мувофиқ аст ва миёни онҳо тафовути чандоне вуҷуд надорад. Ба вуҷуд омадани ин масъала исбот намуд, ки насри содаи нимаи дувуми қарни панҷум ва қарни шашум дар ҳоли содагии алфоз, аз ҳайси диққат дар маонӣ ва мазомин ба дунболи ороиши маънавӣ мерафт. Возеҳ аст, ки ҳамин таваҷҷуҳ бо ороиши санъатҳои лафзию маънавӣ ҳам ҳамроҳ мешуд, чунонки ба зудӣ дар ҳамин давра гурӯҳе аз адибон ҳар ду унсур, яъне санъатҳои маънавӣ ва ороишҳои лафзиро як ҷо дар осори худ корбаст карданд. Аз ин қисмати осори насри мурсал метавон китобҳоеро, аз қабили «Таърихи Байҳақӣ» ва «Сиёсатнома» ва асарҳои Носири Хусрав дар навбати аввал зикр кард.

Фаридаддини Аттор дар «Тазкират-ул-авлиё» дар бораи зиндагиномаи аҳли тасаввуф маълумот дода, аз иборaҳои мавзуни мусаҷҷаъ истифода намудааст. Оғози маълум гардидани ин сабк қарни дувоздаҳум буда, нахустин асари маснуи форсӣ дар байни нимаи аввали қарни ёздаҳуми милодӣ пайдо шуд ва он «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ ибни Муҳаммад аст, ки дар соли 1141 мелодӣ таълиф шудааст. «Калила ва Димна» насри комилан маснуъ (дорои санъат) нест, лекин аз ҳайси ба кор бурдани мутародифоту эроди саҷъҳои ноқис ва риояти мувозина дар бисёр мавридҳо

ва далелу санадҳо ба ашъору амсол ва дарозкашӣ дар калому назоири ин такаллуфот, бояд онро дар муқаддимаи сабки маснуъ қарор дод ва ҷузъи осори мушкилҳо шумурд, ки дар нимаи дуюми қарни ёздаҳум ва аввалҳои қарни дувоздаҳум, яъне охири садаи мавриди мутолиаи мо дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ пайдо шуд ва мо ҳангоми зикри осори мансури ин аҳд ба ному нишони онҳо боз хоҳем гашт. Гарчанде ки насри маснуъ аз аввали қарни ёздаҳум дар адаби форсу тоҷик шуруъ шуд, лекин камоли он дар охири қарни ёздаҳум ва хосса дар қарни дувоздҳум аст, яъне охири даврае, ки дар бораи он таҳқиқ мекунем ва қисмате аз давраи ғалаба кардани муғулон бар сарзамини Мовароуннаҳр мебошад.

Ба таври куллӣ таваҷҷуҳ ба адабиёти гузаштаи мо баёнгари он аст, ки ёддошт ҳамчун жанри мустақили адабӣ аз дергоҳи таърих ҷойгоҳи хосае доштааст ва ҳарчанд гоҳо бо сафарномаҳо як навъи асари бадеӣ шинохта шудааст, вале таваҷҷуҳ ба аслу моҳият ва бунёди ин навъ осор шаҳодат аз он медиҳад, ки бо гузашти замон баробари доштани умумиятҳои муайян онҳо вежагиҳои муҳимми услубиву баёниеро доро мебошанд, ки фаркҳое миёнашон мегузоранд. Дар меҳвари сафарнома ҳузури муаллиф дар ҷараёни сафарҳои худ ва бозгӯи диду водидҳо дар раванди сафар қарор дошта бошад, дар асарҳои ёддоштӣ муаллиф дар маркази воқеаву рӯйдодҳо қарор мегирад, аммо ин ҷо сафар ҳатмӣ нест ва агар бошад, вобаста ба ҳаракатҳои ӯ дар ҷараёни ҳодисаву воқеаҳо сурат мегирад. Дар канори ин, дар асари ёддоштӣ ҳодисаву воқеаҳое низ накл мешаванд, ки худи муаллиф дар онҳо иштирок надорад ва онро аз нафари дигаре шунидааст. Ҳамин тавр, дар адабиёти классикии тоҷикӣ баъд аз «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Бадоеъ – ул – вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷи Ҳаким, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Шамсиддин Шоҳин, «Савонеҳ-ул-масолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ ва монанди инҳо осоре ба қалам омадаанд, ки ҳам унсури сафарномаро доро буданду ҳам асарҳои ёддоштӣ ба шумор мераванд.

Тавре ки маълум гардид, насри ривоятӣ ва таълифии гузаштаро асарҳои бадеии дорои хусусиятҳои ҳамосӣ [эпикӣ], осори пандуҳикматӣ ва мазмуни танқидиву моҳияти равшангароидошта ташкил додаанд. Осори таърихиву ҷуғрофӣ, сафарномаву саёҳатномаҳо ва асарҳои ёддоштиро ба насри бадеии шӯравӣ мансуб донистан аз аҳамият холӣ нест, ки онҳо дорои ҷиҳатҳои бадеӣ низ будаанд. Қазоват бояд кард, ки ибтидои ҳар адабиёти навишторӣ адабиёти шифоҳӣ [омиёна] мебошад.

Ҳаминро бояд ёдовар шуд, ки насри муосири тоҷик дар солҳои баъд аз ҷанги ҷаҳонии дувум, махсусан, дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри XX вижагиҳои жанрии худро равшан сохт. Ин давра ба солҳое рост омад, ки адабиёти шӯравӣ аз фишори назарияи беконфликтӣ наҷот ёфта, дар рӯҳияи қарорҳои муфиди Анҷумани XX-и ҳизби коммунист [1956] рӯ ба инкишоф овард. Нависандагон ва мунаққидон дар ин солҳо сари масоили асосии адабиёту фарҳанг баҳсҳо оростанд ва ҳадафмандии адабиётро дар ҷомеаи шӯравӣ муайян карданд.

Дар ин давраи бисёр ҳассос адабиёти шӯравии тоҷик, аз ҷумла насри он, дар сайри таърихии худ қадами нисбатан ҷиддие гузошт. Гӯё, оғози давраи нави насрро дид, ки муҳимтарин хусусиятҳои он дар поёни солҳои панҷоҳ, хусусан дар солҳои шаст, равшану возеҳ намудор шуд. Лекин, бар асоси баррасии академик Муҳаммадҷон Шукуров: «. . . нишонаҳои муҳимми протсесҳои нави адабиёт хеле пештар – аз нимаи аввали солҳои панҷоҳ тахминан аз соли 1953 зоҳир шуданд. . . » [155, 6].

Ҳаминро ёдовар мебояд шуд, ки давраи марбутаи инкишофи адабиёти шӯравии тоҷик (аз соли 1955 то 1990) бо давраҳои пешинаи сайри таърихии он иртиботи қавӣ дошта, муҳимтарин анъанаҳои адабиёти солҳои бисту сӣ ва чиҳилу панҷоҳро идома бахшидааст ва худ инкишофу такмил ёфтааст. Устод Садриддин Айнӣ дар ин ҷода нахустин қадамҳои ҷиддиро гузошт, ки мисоли барҷастаи он «Ёддоштҳо»-и ӯ буд. «Ёддоштҳо» асари чаҳорҷилдаи маҳсули ҳамин давра аст, зеро он, аз як ҷониб, ҳам ҷустуҷӯҳои эҷодии дуру дарози Айниро ҷамъбаст кардааст, аз сӯи дигар, муҳимтарин тамоюлоти инкишофи

баъдии насри тоҷик тавассути он муайян гардидааст. Дар маҷмуъ, ин навъ асарҳоро ба насри таълифӣ мансуб медонанд. Чӣ тавре ки аз сарчашмаҳо маълум мегардад, С. Айнӣ ёддоштнависиро аз романнависӣ душвортар меҳисобад. Ба ақидаи устод Айнӣ, дар ҳама осори насрӣ воқеа мавқеи асосӣ дорад, ба шарте ки он афсона набошад, балки чизе бошад, ки дар ҳаёт мавҷуд аст, зеро онро ба таври дурӯғ навишта намешавад.

Ба ин муносибат, то ки воқеаи аслӣ – реалиро аз воқеаи афсонавӣ фарқ карда бошем, такрор ҳам шавад, боз ба иқрори С. Айнӣ рӯ меорем, ки нисбати воқеаҳои «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш иброз доштааст: «Ҷоҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷоҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам.. » [4, 51].

Ҳамин аст, ки устод Айнӣ орзу менамояд, агар кас насрнавис шавад, ӯ бояд монанди Аҳмади Дониш шавад. Дониш воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода муҷассам кунонда нишон дода метавонад. Агар оғози насри бадеии С. Айнӣ – повести «Ҷаллодони Бухоро»-ро ҳисоб кунем, сараввал бояд бигӯем, ки адиб ин навъи насриро аввалтар дар жанри хурди насрӣ – ҳикоя навишта буд, ки «Фоҷиаи оилаи як ҷавони Бухоро» ном дошт. Ин ҳикоя моҳи июни соли 1920 эҷод мешавад, аммо дар нашрия онро «гум» мекунанду чоп нашуда мемонад. Баъд аз ин ҳикоя С. Айнӣ повести «Ҷаллодони Бухоро»-ро менависад.

Аз ин лиҳоз, ки таваҷҷуҳи адибон ба сӯи тасвиру таҳлили иҷтимоии психологӣ ҷалб шуд ва дар насри тоҷик мабдаи таҳлилӣ пурқувват гардид, шахс дарунмояи онро ташкил медод. Бешубҳа, яке аз тамоюлҳои умдаи насри ин солҳоро дар ҳамин ҷиҳати фаъолияти адибон ба мушоҳида мегирем. Дар Анҷумани панҷуми нависандагони Тоҷикистон [1966] М. Турсунзода изҳор карда буд: «Ба ман қайд кардани он шодиовар аст, ки насрнависони мо дар солҳои охир ба романи психологӣ бештар аҳамият медодагӣ шудаанд, онҳо олами ботинии қаҳрамони худро чуқур ва ҳаматарафа меомӯзанд» [121, 89]. Он вақт М. Турсунзода ба сифати намуна «Тобистон»-и П. Толис, «Ман

гунаҳгорам» ва «Духтари оташ»-и Ҷ. Икромиро мисол овард. Ин тарзи тасвир дар насри тоҷик раванди тоза буд. Дар ин ҷабҳа ба масъалаи таҳаввулу тағйири назари нависандагон ба одам, ба масъалаи меъёрҳо ва тарзу услуби тасвири бадеии инсон таваҷҷуҳ зоҳир намуданд. Аз ин нуқтаи назар хусусиятҳои ташаккулу такомули насри тоҷик, тадриҷан мустаҳкам шудани асоси реалистии он ва, умуман, моҳияти протсесҳоеро, ки баъд мавриди таҳқиқ қарор доданд, ки дар наср дар давоми беш аз панҷоҳ сол рӯй дода буд. Қобили таъкид аст, ки аз нимаи дуюми солҳои панҷоҳ дар насри муосир масъалаи шахсият ва рӯҳи инсон пайваста ба инъикоси олами ботинии он мавқеъ пайдо мекунад. Ҳамаи он падидаҳое, ки ба дигаргуниҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву маънавӣ дар ҷомеа вобастагӣ доштанд, ки дар натиҷаи таваҷҷуҳи адибон ба инсон, зиндагии ӯ беҳбудии рӯзгори вай ва мақомаш дар ҷомеа бештар гардид.

Дар ин давра имкониятҳо фароҳам омаданд ва инсон бо фаъолияти рӯзмарраи давра худ дар ҷамъият ҷои асосиро ишғол намуд, моҳияти инсон баланд рафт ва боиси он шуд, ки адабиёти бадеӣ воқеаву ҳодисаи нави зиндагӣ, масъалаҳои муҳимми аҳлоқиро ба тасвир гирифт ва аз ин тариқ ба дунёи ботинии инсон ворид гардид. Ба ин хотир, адибон роҳу воситаҳои тозаи тасвирро ҷустуҷӯ карда ва барои фаъол гардондани робитаи олами ботинии инсон нисбат ба муҳити иҷтимоӣ, масъалаи худшиносии шахсро кашф намуданд. Гӯё, дар муносибати адиб ба инсон тағйирот ба вуҷуд омад, ки ҷиҳатҳои фаъолиятмандии рӯҳӣ ва маънавии шахсро мавриди тасвир қарор дод ва ба ин восита қимати ҷамъиятиву зебоишиносӣ доштани инсонро муайян сохт.

Масоили ахлоқӣ баъди Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷомеаро фаро гирифт, ба ин иллат, ки расму русуми шарқиву исломӣ рӯ ба таназзул оварданд ва баръакс ташвиқу тарғиби аврупоигароиву ғарбзадагӣ ва русгароӣ боло рафт. Дар назди аҳли адаб масъулияти калон меистод, ин ҳам бошад, мурочиати ҷиддӣ ба мавзуи ахлоқу одоби муосирон, рӯзгору маишати онҳо. Дар ин раванд романи ахлоқиву психологии Ҷ. Икромӣ «Ман гунаҳгорам» [1955-1957]

ҳодисаи мусбат дониста шуд, чунки мавқеи шахс, ҳолатҳои мухталифи рӯҳӣ, низои ахлоқиву ботинӣ ҷойи асосиро ишғол намуданд. Симои маънавии инсон қаблан дар очерки А. Сидқӣ «Ҷӯраи деринаи ман» ва очерку қиссаҳои Ф. Муҳаммадиев-«Раиси нав», «Муҳоҷирон», «Фаттоҳ ва Музаффар» ва «Одамони куҳна», «Дар он дунё» ҳам мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Руҳияи психологӣ дар «Ёрони боҳиммат» оғоз ёфту ба «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромӣ тағйирот ворид сохт, сипас, «Тобистон»-и Пӯлод Толисро фаро гирифт. Вазъи психологӣ дар ҳар се асар вақту замони худро дошта, аз якдигар ба куллӣ фарқ мекунанд.

Мақсади дигари насри солҳои мавриди назар он буд, ки нависандагони ҷавон дар мавриди ба тасвир овардани масоили ахлоқӣ ба сифати қаҳрамони марказӣ ҷавонон, ҳамсолони худро интихоб менамоянд ва ба воситаи тасвири фаъолияти онҳо ба ҳадаф мерасанд. Мақсади асосии адибон дар офаридани образи ҷавонон дар он аст, ки онҳо мехоҳанд симои маънавии ҷавононро дақиқ омӯзанд ва он вазъияту шароитеро, ки афкору ақидаҳои ин ҷавононро ташаккул додааст, аз назари тадқиқи бадеӣ гузаронанд. Бо боварӣ метавон зикр намуд, ки ҳамин ҳолат бори нахуст дар «Тобистон»-и П. Толис рӯй дод ва баъд ба қиссаҳои миёнаи Юсуфҷон Акобиров «Баъде ки осиё бозмонд» [1963], «Духтаре, ки ҷустуҷӯяш мекунам» [1963] ва «Мунира» [1964], қиссаи Болта Ортиқов «Гули садбарг» [1963] таъсир ворид сохт. Чунин ҷиҳатро дар осори Р. Амонов «Дар доманаи кӯҳҳои кабуд» [1960], Ҷумъа Одинаев «Авроқи рангин» [1964], А. Шукӯҳӣ «Парии ҷазира» [1971] ва ғайра ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, ки дар онҳо ҳаёти адибони солҳои шаст тасвир гашта, солҳои ҷанг дар рӯзгори қаҳрамонони онон мақоми муҳимме бозидаанд. Гузашта аз ин, тасвири шароити сахти ҷанг дар нахустин қиссаҳои миёнаи Сорбон «Занги аввал», «Санги сипар», «Ҷӯгӣ» ва дар якумин қиссаи С. Турсун «Сукути қуллаҳо» низ мавқеи калон дорад. Дар насри ҷавонони халқҳои дигари шӯравӣ, масалан, дар эҷодиёти С. Залгин, С. Крутилин, Ф. Абрамов, В. Шушкин, П. Проскурин, В. Лиханосов ин ҳолат арзи вуҷуд дорад. Инкишофу муваффақияти насри солҳои 60-90-ро дар эҷодиёти Фаз-

лиддин Муҳаммадиев баръало эҳсос кардан мумкин аст. Фазлиддин Муҳаммадиев нависандае буд, ки ҷанбаи фалсафӣ ва маърифатмандии насри муосирро бо ҷиддият инкишоф дод. Оғози тасвири психологӣ агар бар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ, «Ман гунаҳгорам»-и Ҷ. Икромӣ, «Тобистон»- и П. Толис ва ғайра нисбат диҳем, ҷиҳати умдаи ин навъи тасвирро дар осори Фазлиддин Муҳаммадиев, аз ҷумла дар романи «Палатаи кунҷакӣ», ба равшанӣ мебинем. Баъдтар дар ҳикояҳои «Суди рафиқона» [1955], «Сози Мунаввар» [1957], «Даъво» [1967], «Шаби савум» [1973], «Ҷага» [1978] ва ғайра таҳлили диалектикии мавзӯи ахлоқи иҷтимоӣ тамоюли асосии насри нависанда гардид. Сипас, диққати нависандагон ба инсони воқеӣ ва олами рӯҳии ӯ аз муҳимтарин ҷиҳатҳои насри тоҷик шинохта шуд, чунончи дар асарҳои ба рӯзгори коргари тоҷик бахшидашудаи Р. Ҷалил «Шӯроб», М. Хоҷаев «Обрӯшноӣ» ва «Норак»-и Ю. Акобиров муаллифон дар инъикоси бадеии инсон ба тасвири психологӣ рӯ овардаанд. Тамоюли инсоншиносӣ торафт дар насри тоҷик ривоҷу равнақ меёфт, нависандагон тамоми тағйиротҳоро дар ботини инсонҳо ба мушоҳида мегирифтанд.

Равшан аст, ки насри шӯравии тоҷик монанди адабиёти достонии Эрону Афғонистон тавассути жанрҳои калони ҳаммоса – қисса, повест ва роман арзи вуҷуд намудааст. Нахустин асарҳои насрии устод Айнӣ «Ҷаллодони Бухоро» [1920] ва «Одина» [1924] повест буданд. Ҷалол Икромӣ повести «Тирмор»-ро соли 1930 эҷод кард. Қисми якуми романи «Шодӣ»-и мавсуф соли 1936 навишта шуд. Романи «Гулрӯ»-и Р. Ҷалил низ дар поёни солҳои сӣ эҷод гардид. Дар давраи Ҷанги Бузури Ватанӣ яке аз мавзуъҳои асосии насрро қаҳрамонии майдони муҳориба ташкил медод. Шодӣ дар қисми дувуми романи Ҷ. Икромӣ – «Шодӣ», Нуралӣ Баротов дар «Диёри навобод»-и С. Улуғзода, Сафар дар қисми дувуми «Вафо»-и Ф. Ниёзӣ, Маҳмуд дар повести «Ҷавонӣ»-и П. Толис, Музаффар дар очерки Ф. Муҳаммадиев – «Фаттоҳ ва Музаффар» аз ҷумлаи касонеанд, ки ҷанги ватанӣ хислатҳои инсонии онҳоро ташаккул додааст.

Дар осори адибони тоҷик солҳои 50-уми асри XX мавзуи дигар: ҳаёти деҳоти колхозӣ, рӯзгор ва муборизаҳои деҳқонон, ки инъикоси бадеии он бештар таваҷҷуҳи адибонро ба худ ҷалб намуда буд, мавқеи калон дошт. Профессор Шарифҷон Ҳусейнзода соли 1959 дар мавриди романи «Шодӣ»-и Ҷ. Икромӣ чунин навишта буд: «Диққати асосии муаллиф бештар ба конфликтҳои ботинӣ, . . . ба муборизаҳои зиддиятноки рӯҳӣ . . . нигаронида шудааст... Муаллиф, асосан, ба воситаи ҳартарафа нишон додани деҳқонони меҳнатӣ ва равшан тасвир кардани меҳнаткашони деҳот симои умумии оммаи васеъ ва протсеси хеле мураккаб ва зиддиятноки шуури сотсиалистиро ба вуҷуд овардааст» [145, 18-20].

Дар ин солҳо навъи повест мавқеи калон пайдо намуд, ки пайваста ба мавзӯи ҳаёти муосирон бахшида шуда буд. Дар наср падидаи худифодакунӣ ва баёни воқеоти марбут ба зиндагонии худи нависандаро дар таркиби осори ғайриёддоштӣ ба вуҷуд овард, ки минбаъд Пӯлод Толис, Ю. Акобиров, Сорбон, Ҷумъа Одина, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Сайфи Раҳимзод ҳамин равияро ҳар кадом бо роҳу усули хеш инкишоф додаанд.

Дар робита ба мавзуи мазкур метавон таъкид дошт, ки дар адабиёти давраи шӯравӣ ин баҳси нав нест, балки Ч. Айтматов, В. Распутин, устод Айнӣ, С. Улуғзода ва Ҷ. Икромиву Р. Ҷалил ба инъикоси бадеии он дахолат кардаанд. Дар солҳои 70-80-и асри XX низ як қатор роману повестҳои адибони тоҷик ба мавзуи ақибгоҳи ҷанги ҷаҳонии дувум бахшида шудаанд, ки дар ин миён таълифоти С. Турсун «Сукути қуллаҳо», И. Файзуллоев «Дур аз фронт», Сорбон «Ҷӯгӣ», «Санги сипар», Гулрухсор «Занони Сабзбаҳор», Ч. Айтматов «Рӯ ба рӯ», В. Распутин «Зиндагӣ намою ба хотир дор» мавқеи аслӣ дошта, бо мазмуну муҳтавои рангин ва таҷассуми падидаҳои ёддоштнависӣ масъалаи худифодакуниро дар наср такмил додаанд.

Дар солҳои 60-90 -и асри XX ривоҷу равнақи насрнависӣ, хусусан, жанри повест бештар ба назар мерасад, бисёре аз масоили ҳаёти муосир маҳз аз тариқи ин навъи насрӣ мавриди баррасии адибони тоҷик қарор гирифтанд. Муҳтавои асарҳои насрии ин давра, асосан мавзуъҳои рӯзмарра ба ҳисоб

мерафтанд, ки повести «Авроқи рангин»-и Ҷ. Одинаев, «Дилро ба дил роҳест»-и М. Хоҷаев, романҳои «Норак» [ 1978] ва «Водии муҳаббат» [1980] -и Юсуф Акобиров, романи «Вафо»-и Фотеҳ Ниёзӣ, «Сарбозони бесилоҳ»-и [1984] -и Абдумалик Баҳорӣ, «Нанг ва номус»-и М. Хоҷаев [1981], «Дур аз фронт»-и И. Файзуллоев, «Хубон»-и Меҳмон Бахтӣ, романи дигари Ҷ. Икромӣ – «Зоғҳои бадмур» [1977] ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд. Дар қатори жанри повест, жанри роман дар солҳои 70-80 хеле ривоҷ ёфт, чунончи «Печутоби роҳҳо»-и А. Шукӯҳӣ ва Ҳилолиён Аскар, «Актёр»-и Сорбон, «Гузашти айём»-и Ҷ. Одинаев, «Занони Сабзбаҳор»-и Гулрухсор, «Шӯроб» [1956-1967]-и Раҳим Ҷалил, инчунин романи сегонаи Ҷ. Икромӣ [«Духтари оташ» – 1960, «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро» – 1967, «Тахти вожгун» – 1973], «Восеъ»-и С. Улуғзода, романи тарҷумаиҳолии Ҳасан Ирфон «Дар кулбаи косибон» [1963], романи «Сафар-махсум дар Бухоро»-и Ҷ. Икромӣ, повести Ӯ. Кӯҳзод «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» [1978], қиссаи Р. Ҳодизода «Ба пешвози офтоб» [1981] ва романи Ю. Акобиров «Дунё ба умед» [1984] аз ин зумраанд.

Масоили худшиносӣ, худогоҳӣ ва меҳанпарастӣ бо падидаҳои маърифатпарвариву фарҳангдӯстӣ, вобаста ба пешрафту рушду нумӯи осори насри тоҷик тавъам гардида буданд, ки насрнависони таърихнигор ба давраҳои қадимтари таърихи миллати хеш назар карданд. Аз ин хотир, нависандагон барои аз нав эҳё намудани мавзуъҳои таърихӣ анъанаеро, ки устод Садриддин Айнӣ дар эҷоди «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» нишон дода буд, идома бахшидаанд.

Сотим Улуғзода дар ин ҷода қадамҳои нахустини хешро гузошт, ки таҷрибаи бештар дошта, як силсила асарҳо барои саҳна эҷод карда буд [«Рӯдакӣ», – 1958, «Темурмалик» – 1968, «Алломаи Адҳам» – 1973 ва ғайра]. Инчунин, дар заминаи рӯзгори намояндагони машҳури адабиёти классикии форсӣ адабиётшиносони тоҷик як навъ асарҳои публитсистиро эҷод карданд, ки то андозае ҷанбаи таърихӣ пайдо намудаанд. Масалан, «Ҳофизнома»

[1971] , «Абдураҳмони Ҷомӣ»[1978]-и Аълохон Афсаҳзод ва «Адиб Собири Тирмизӣ»-и Аҳмад Абдуллоев [1983].

Дар ин раванд нависандагон ба эҷоди асарҳои насрии калонҳаҷм низ пардохтанд, ки намунаи барҷастаи онҳо асарҳои Ҷалол Икромӣ «Шодӣ», «Қаҳрамони канори Днепр», «Достони марди танкшикан» аз ин зумраанд. Ҷалол Икромӣ дар солҳои 60-ум ба навиштани насри сафарнома мутаваҷҷеҳ гардида, очеркҳои «Сафар кардан-ҷаҳон дидан» [1959], «Аз Сталинобод то ба Киев» [1959], «Аҷоиботи сафар» [1961-62] -ро эҷод намуд. Ин анъанаи дар эҷодӣ аз ҷониби адибони дигар низ дар мароҳили баъдии рушди адабиёт идома ёфт.

Ҳамин тариқ, дар баробари рушду такомули очерку повест ва роману достон, ки дар боло шарҳ ёфт, жанри ёддошт ҳам аз пешрафти чашмгире бархӯрдор гардидааст. Ба хотири он ки диссертатсия ба мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик» бахшида шудааст, мо лозим донистем, жанри ёддоштиро дар иртибот бо эҷодиёти адибони касбии дохилию бурунмарзӣ баррасӣ намоем.

## 1.2. Жанри ёддошт ва сайри таҳаввули он дар адабиёти форсу тоҷик

Пажуҳиш дар бораи ёддошт ва ёддоштнависӣ мавзуи наве аст, ки осори илмӣ дар ин замина андак мебошанд. Бо ин ҳол дар бораи ёддошт таърифҳои бисёре аз ҷониби муҳаққиқони соҳаи адабиёт ва рӯзноманигорони касбӣ ироа шудаанд, ки муаллиф ин таърифҳоро дастабандӣ намуда, хулосаи худро перомуни мавзуъ баён менамояд. Умри ёддошт ба умри инсон мерасад. Яъне, аз ҳамон замоне ки инсон по бар рӯйи ин кураи хокӣ гузоштааст, шикори ҳайвонот, зиндагӣ дар ғор, издивоҷ, марг, сохтани васоили зиндагӣ ва ғайра барои ӯ ёддоште шуданд, ки интиқоли ин ёддошт аз ҳамон замонҳои қадим ба унвони василаи тарбият, интиқоли таҷрибаҳо, одобу русум ба наслҳои баъд ба кор гирифта мешуд. Афсонаҳо ва устураҳои баҷоймонда дар воқеъ, ёддошти инсонҳо буда, дар тули замон ба шаклу мазмуни он тағйирот ворид гардидааст. Аз ин рӯ, метавон ба таърифу тафсир ва тағйиру таҳаввули

жанрҳои ёддоштӣ аз ибтидои пайдоиши он дар адабиёти қадим то давраи кунунӣ пардохт.

Хотиранависӣ яке аз муродифҳои ёддоштнависӣ мебошад ва решаи он аз феъли «хатара юхатиру», ки дар маънои «ба фикри касе расидан», «роҳ ёфтан», ба кор меравад [59, 3]. Масдари ин калима хутур аст, ки вожаи хотира дар фарҳангҳои гуногун ин гуна маънидод шудаанд. Таваҷҷуҳ шавад: «Он чӣ ки ба қалб хутур [бигзарад] кунад, он чӣ дар дил [замир] гузарад, зеҳн, қариҳа, хаёл, идрок, ҳофиза, ки бе собиқаи тафаккур ва тадбир дар қалб ворид мешавад. Назар, андеша, майл, хоҳиш, тамоюл ва ғайра» [59, 3]. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» вожаи хотира ин гуна маънидод шудааст: «Умуре, ки бар шахс гузашта ва осоре аз он дар зеҳни шахс монда бошад, гузаштаи одамӣ, воқеаи гузашта, ки шахс онро дида ё шунида аст, дидаҳо ва шунидаҳои гузашта [ 177, зайли вожа]. Ҷамъи вожаи «хотир», хотирот, хавотир ва ёдҳо, муҳимтарини калимоти муродифи он хотира, ёдбуд, ёдгор, ёднома ва калимаи муодили он дар забони арабӣ «музкара» ва «зикр» аст

Ба қавли Фарогнер Берт ёддошт «шарҳи ҳол ё шарҳи қисмат аз зиндагии фард» мебошад [7, 27]. Ҳамчунон Саидҳусайн Ҳусайннажод, донишманди эронӣ дар мавриди ёддошт онро «тасвири монданӣ дар зеҳн, ки оинаи воқеият аст, вале тамомнамо нест ва рангу хаёли отифа пазируфтааст», номидааст [110, 18]. Муҳаққиқи дигари эронӣ Алиризои Қамарӣ бештар ба мафҳуму муҳтавои ёддошт ва ёддоштнависӣ таваҷҷуҳ намудааст. Гуфтаҳои зерини ӯ далели муътамаде барои таъйиди назари муаллиф мебошад: «Асар ё навиштае, ки нависанда дар натиҷаи ёдоварӣ, шарҳи ҳол ва ҳаводису рӯйдодҳои сипаришуда дар замон ва макони маълум, ки ба далели ҳузур ё мушоҳида ва истимоъ аз онҳо иттилоъ ёфтааст, падид меояд ва дар он чигунагии вуқуи ҳаводис ва рӯйдодҳо инъикос ёфтааст [85, 51]. Чунонки Ғуломризоӣ шарҳи ҳолро навъе аз ёддошт медонад: «Ёддошт иборат аст аз ҳар чизе, ки аз рӯи қасду огоҳӣ навишта шуда ва мақсад аз он муаррифии амал ва андешаи соҳиби асар будааст» [81, 214].

Таърифҳои баёншуда тамоми вижагиҳои ёддоштро дар бар намегиранд, бинобар ин, метавон ёддоштро асари навишта ва ё падидае гуфт, ки падидоварандаи он бо огоҳӣ, ирода ба шарҳи ҳол, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои гузашта, ки ба иллате дар зеҳн монданӣ ва барҷаста шудаанд, мепардозад. Муаллиф дар он ҳузури бевосита дорад. Ҷузъиёти замону макон ва чигунагии воқеаҳои ҳаводис низ дар он дарҷ гардидаанд. Ёддошт дар бештари мавридҳо бар шахс таъсири эҳсосӣ–отифӣ мегузорад. Аз ин рӯ, ёддоштро метавон умри сипаришудаи шахс, асароти аз он дар зеҳни вай монда, дидаҳо ё шунидаҳои гузашта, инъикоси як рӯйдод ё падидаи талху ширин ва ҷолиби таваҷҷуҳ дар зеҳн, ҳаводису лаҳзаҳои чашмгир ва баёдмондании зиндагӣ гуфт.

Барои дастёбии дақиқ ба таърихчаи ёддошт бояд ба пажуҳишҳо, манобеи таърихии мавриди қабули муҳаққиқони барҷаста, ба хусус осоре, ки ба василаи бостоншиносон ба даст омадаанд, истинод кард. Метавон онро ба ду давраи куллӣ: давраи пеш аз ислом ва баъд аз ислом ҷудо намуд. Дар мавзуи мавриди назари мо, Ҳақонии Меҳрӣ дар мақолае таҳти унвони «Равнақи хотиранависӣ дар бозори касоди китоб» чунин нигоштааст: «Қадимитарин санади ёддоштнависӣ аз як вазири сумерӣ Алвоҳ Глин ба ҷо мондааст, ки дар он даврон бо хатти мехӣ мактуб шудааст ва дигаре шикояти шогирди дабиристон аст, ки аз сахтгирии муаллиму машқи шаб нолидааст» [136, 2]. Дар Эрони бостон аввалин маконҳое, ки ба ҳайси нахустин нуқоти зиндагии иҷтимоӣ шинохта шудаанд, теппаҳои бостонии Силаки Кошон [5000 сол пеш аз мелод], дара ва теппаҳои Аликаши наздики Дезфул мебошанд, ки осоре аз онҳо то ба ҳол бар ҷой мондаанд. Бо тафсиру баррасии ин осор метавон ба нақши ёддошт дар интиқоли адабу русум, пешаҳо ва зиндагии иҷтимоии инсонҳо пай бурд. Пас аз муҳоҷирати ориёиҳо ба Эрон, «Авасто» яке аз муҳимтарин аснод дар заминаи таърихи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ ба шумор меравад. «Авасто» китоби муқаддаси зардуштиён – куҳнатарин асаре аст, ки ибтидо ба сурати шифоҳӣ ва баъдҳо ба шакли мактуб аз аҳди Эрони бостон бар ҷо мондааст. Бахши нахусти «Авасто» «Сурудаҳои Зардушт» аст, ки бо номи «Госаҳо», «Гоҳон» шинохта мешавад ва

асолати бештаре дорад. «Госаҳо» баёнкунандаи эътиқодот ва тафаккуроти Зардушт, гирифториҳо, забони ҳол, шикоят аз замона ва авзоу аҳвол перомуни ӯ буд. Дар чанд «Госа» Зардушт ба шарҳи мушкилот ва кашокашиҳои оғози даъват ва иблоғи хеш пардохтааст. Бинобар ин, нахустин осори мактуб дар заминаи ёддоштнависӣ дар Эрони бостон сурудаҳои Зардушт мебошад. Дар бахшҳои дигари «Авасто» низ метавон ёддошти куҳани қавми ориёиро ба даст овард. Катибаҳои кашфшудаи даврони ҳахоманишӣ аз назари таърихӣ аҳаммияти бисёре доранд ва дар ҳақиқат шарҳи ҳол, аъмол, ёдбуду ёддошт [ёддошнигошта]-и подшоҳон ва бузургони аср будааст.

Аз замони Ҳахоманишиниён аввалин катибаи шинохташуда, ба хатти мехӣ тааллуқ дошта, лавҳаи «Ориёно» [Эъломияи Дориюш] унвон дорад ва охирин катиба катибаи Ардашери севум мебошад. Яке аз муҳимтарин катибаҳои ин давра «Катибаҳои Бесутун» аст, тамоми вижагиҳое, ки кӯҳнигориҳо ва сангнавиштаҳо доранд, дар ин асар ҷамъ оварда шудаанд. Аз ин рӯ, арзандатарин санади таърихии Эрони бостон маҳсуб мешавад. Мавзуи ин катиба муаррифии шоҳ Дориюш, ниёгонаш, шарҳи аъмол ва бархӯрдҳои ӯ бо рақибон ва дӯстонашро дар бар мегирад. Тамоми вижагиҳои як ёддоштнавишта монанди замону макони ҳаводис, номи нақшпардозон, натиҷа ва пайомади рӯйдодҳо ва ғайра дар ин катиба мавҷуд мебошанд. Аз давраи Ашкониён асари мактуби қобили мулоҳизае ба даст наёмадааст, аммо дар давраи Сосониён монанди давраи Ҳахоманишиён катибаҳо ва нақшҳои барҷастае мавҷуданд, ки аз назари арзиши адабӣ ва таърихӣ ҳаммонанди «Катибаҳои Бесутун» ва соири катибаҳои Ҳахоманишинӣ ба назар мерасанд. Сосониён ба русуми Ҳахоманишиён рӯзнома ва солномаҳое доштанд, ки вақоеи рӯзонаро сабт мекарданд ва дар онҳо вижагиҳои ёддоштӣ ба назар мерасиданд. Баъзе аз осори мутаносиби ёддоштнависии ин аҳд иборат аст аз: «Андарзи Хусрави Анушервон», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Корномаи Ардашери Бобакон», «Андарзномаи Хусрави Қубодон», «Андарзи Бузургмеҳр», «Корномаи Анӯшервон», «Андарзи Беҳзоди Фаррухрӯз», «Ёдгории Зарирон», рисолаи Хусрави Қубодон –«Худоинома», ки дар онҳо ҷанбаъҳои ёддоштӣ

басо равшан аст. Ҳамчунон, ёддоштнависӣ пас аз ислом, то қарни XVIII ва адабиёти ҷадидияи тоҷик рушду инкишоф ёфт, ки мо дар ин фасл бо зикри далел ҳар якеро мавриди пажуҳиш қарор хоҳем дод. Баъд аз зуҳури ислом ва аз ҳангоме, ки шоирону адибон шурӯъ ба навиштани китоб ба забони порсии дарӣ намуданд, насри форсӣ-тоҷикӣ марҳилаи густариши тадриҷии худро сипарӣ кард. Нахустин ёддоштро дар китобҳои тозанигошташудаи он замон метавон ҷуст, аз ҷумла китобҳои монанди «Худойнома», «Шоҳнома»-и мансур ва, ба хусус, китобҳои таърихие монанди «Таърихи Балъамӣ» ва «Таърихи Систон» аз зумраи чунин осор ба ҳисоб мерав637. Дар ин давра китобҳои муштамил бар ёддошт ба чанд даста тақсим мешаванд, ки мо зикри онҳоро ин ҷо зарур медонем:

1. Тазкираҳо монанди «Лубоб-ул-албоб»-и Авфӣ;
2. Сафарнома ва саёҳатномаҳо;
3. Шарҳи аҳвол ё зиндагиномаҳо;
4. Эътирофномаҳо;
4. Китобҳои таърихӣ;
5. Мақомот ва соири осори адабӣ;
6. Осори ирфонӣ.

Сафарнома дар ҳақиқат навъе гузориши сафар дониста мешавад. Дар он дар бораи асли сафар ва мутолиоти мусофир тавзеҳот оварда мешавад, ки иборат аз ёддошти нависанда низ мебошад. «Сафарнома»-ҳои Носири Хусрав, Шорден, Марко Поло, Ибни Батута, Гонсалес де Клавихо ва ғайра аз ҳамин қабил эътироф гардидаанд. Дар сафарномаҳо бо ду шева рӯбарӯ ҳастем: навъи якум сафарномае, ки дар он муаллиф ҳар чиро, ки дар рӯз бо он бархӯрд кардааст, монанди як гузориш мунъакис мекунад. Ин навъи сафарнома, дар ҳақиқат, як гузориши саёҳатӣ аст, дар он муаллиф таассуроту натиҷаи сафарҳо ва боздидҳои илмии худро аз кишварҳо, донишгоҳҳо, мадорис, муассисоти санъатӣ, маркази ҳунарӣ ба силки наср мекашад.

Дар адабиёти форсу тоҷик аввалин сафарномаи машҳур мутааллиқ ба Носири Хусрав мебошад, ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ- ёздаҳуми мелодӣ нигошта шудааст. Асари ӯ гузорише аст аз сафари ҳафтсола аз зодгоҳаш Хуросон то Миср ва бозгашти ӯ ба ватан. «Сафарнома», дар воқеъ, дастоварди ин сафар аст ва ҳовии иттилооти дақиқу гаронбаҳои ҷуғрофиву таърихӣ ва баёни одот ва одоби мардуми сарзаминҳои гуногун аст. Носири Хусрав дар танзиму нигориши «Сафарнома» саъй кардааст, ки аз гузоришгарӣ бетараф бошад. Хуб дидану бо ҷузъиёт тавсиф кардан, муҳимтарин вижагии «Сафарнома»-и Носири Хусрав аст. Ӯ ба манзури кашфи ҳақиқат, шинохти худ, зиндагӣ ва ҳастии ин сафарро оғоз мекунад ва бо ангеза ва иштиёқ бисёр дар ин сафар кунҷковона ба мушоҳида ва пажуҳиш мепардозад. Ҳам аз сурати берунии шаҳрҳо ва деҳаҳо, роҳҳо, биноҳо, боғҳову даштҳо, гулҳову хорҳо, ҳунарҳову шигифтиҳо мегӯяд ва ҳам аз мардум ва халқияту рӯҳиёташон, муносиботи фардӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва сиёсияшон. Аз сарзаминҳои ободу вайрон, аз ҳукмронон, золиму нодон ва аз давлатҳои ҳомии дармондагон ва саранҷом аз инсон бо ҳамаи гуногунияшон. Ин ҳамаро бо баёни содаю содиқона, зиндаю самимона ва ҳунармандона ба тасвир мекашад. «Сафарнома» гузориши хушку берӯҳ нест, ки шомили иттилооти гуногун бошад, балки пардае аст пурнақш, мутаҳаррику барҷаста, ки дар он боғҳои пуртароват аст ва дарахтҳо дар рақсу ҳаракат, меваҳои обдор, биёбонҳо хушку сӯзон ва пургарду ғубор ба тасвир кашида шудааст. … Ин ҳамаро нависанда Носири Хусрав ба рӯйи коғаз овардааст» [85,137].

Ровӣ дар сафарнома ҳамон нависанда аст, ки аз дидгоҳи аввалшахс [гӯянда] ба ривоятҳо ва рухдодҳо мепардозад. Ӯ ба баёни корҳое, ки кардааст ё чизҳое, ки дар ҷойе дидааст, мепардозад. Аз қавли худ қазияро шарҳу баст медиҳад. «Аз рӯи шавоҳиди дарунӣ метавонем истинбот кунем, ки сафарнома замоне баъдтар аз ёддоштҳое, ки дар тули сафар бардошта буда, навишта шудааст» [85 ,138].

Дар «Сафарнома» ривоятпардозӣ дар хидмат мавриди тавсиф қарор мегирад. Лаҳн дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав ҷиддӣ аст, аммо гоҳ наму-

де аз танз дар он дида мешавад. Ҳамчун достони Носир ва бародараш дар Басра ва рафтани онҳо ба гармоба ва рафтори дугонаи гармобабон бо онҳо, ки аз дидгоҳи мардумшиносона комилан қобили таваҷҷуҳ аст. Албатта, ба хотири ошноии мухотабон ба матлаб мо зарур медонем, ки иқтибосро ба таври комил зикр намоем. Чунончи: «Чун ба он ҷо расидем, аз бараҳнагӣ ва оҷизӣ ба девонагон монанд будем ва се моҳ буд, ки мӯйи сар натарошида будем ва хостам, ки дар гармоба равам, бошад, ки гарм шавам, ки ҳаво сард буд ва ҷома набуд ва ману бародарам ҳар як ланги куҳна пӯшида будему палоспорае дар пушт баста аз сармо гуфтам акнун моро кӣ дар ҳаммом гузорад. Хурҷинаке буд, ки китоб дар он мениҳодам, бифурӯхтам ва аз баҳои он дирамаке чанд сиёҳ дар коғазе кардам, ки ба гармобабон диҳам, то бошад, ки моро дамаке зиёдаттар дар гармоба бигзорад, ки шӯх аз худ боз кунем. Чун он дирамакҳо пеши ӯ бозниҳодам дар мо нигарист, пиндошт, ки мо девонаем. Гуфт бираведӣ, ки ҳам акнун мардум аз гармоба берун меоянд ва нагузошт, ки мо ба гармоба андар равем. Аз он ҷо бо хиҷолат берун омадем ва ба шитоб бирафтем. Кӯдакон бар дари гармоба бозӣ мекарданд, пиндоштанд, ки мо девонаем, дар пайи мо афтоданд ва санг меандохтанду бонг мекарданд. Мо ба гӯшае боз шудем ва бо тааҷҷуб дар кори дунё боз менигаристем» [55, 129].

Ибни Батута, ки сафарашро дар соли 725 [ҳ. қ. ] аз Марокаш оғоз кард, дар тайи ин сафари бисту дусола тамоми нуқоти кишварҳои исломиро дар камоли бекасӣ ва гумномӣ паймуд. Вазъияти доманаи иттилоот ва садоқати Ибни Батута дар сабту забти дидаҳо қобили таваҷҷуҳ аст. Ҳофизаи неруманд, чашми тезбин ва васфҳои сода ва дилкаши ӯ ҷолибу ҳайратангез мебошанд. Ӯ матолибро дар қолаби достонҳои зебо ва дилкаш баён мекунад. Вай сафарномаи хешро бо ин иборат оғоз мекунад: «Рӯзи панҷшанбе, дувуми моҳи раҷаби соли 720 ба қасди ҳаҷ ва зиёрати қабри Пайғамбар якка ва танҳо аз зодгоҳи худ Ҳаланҷа берун омадам. На рафиқе буд, ки бо ӯ дамсоз бошам ва на корвоне, ки бо он ҳамроҳ гардам. Майли шадиди ботинӣ ва иштиёқе, ки барои зиёрати он машоҳиди муътабар, ки дар аъмоқи ҷонам ҷойгузин буд, маро бад-ин сафар барангехт. Дил бар ҳиҷрони ёрон ниҳодам, ба сони мурғе,

ки аз ошёни худ ҷудо афтад, аз ватан дурӣ гузидам. Дар он ҳангом падару модари ман дар ҳоли хаёлот буданд ва дурии мо, дар якдигар сахт муассир буд. Ман бисту ду сол доштам… инак намунае аз ин китобро бо ҳам мехонем [17, 105].

Дар ин сафарнома нависанда ба навиштани воқеаҳои сафари худ аз ибтидо то интиҳо напардохтааст, балки баъд аз ёддоштбардории рӯзона аз дидаҳо ва шунидаҳо бо назму тартиб ва гунае, ки маъруфи комили кишвари Покистон бошад, матлабро бознависӣ кардааст. Нависанда дар чанд фасл ба ташреҳи Покистон вазъияти иҷтимоӣ, ҷараёнҳои сиёсӣ, мазоҳиб, машоих аҳзоб ва …пардохтааст.

Нависандаи ин китоби арзишманд кӯшидааст, то иттилооти фаровони таърихӣ ва ҷуғрофӣ, мардумнигорӣ, адабшиносӣ ва масоили фарҳангӣ ҳамроҳ бо таҳлилҳои амиқ ва мустанад ироа намоянд: «Сухани сафир гарму дилнишин буд ва аз рӯҳи баланд ва ҷони саршор моя мегирифт. Ҳаргиз гумон намебурдем сиёсат ба ҳамон маънӣ маълуми он битавонад, то ин поя бо одамшиносӣ рӯҳияи инсонӣ даромезад ва то ин ҳад талтифу тасъид шавад. Қаламрави кори хеш имон пайдо карда буд. Ин имкон бепарво аз мулоҳизакориҳо ва рангомезиҳои дунё сиёсат аз жарфҳои як шинохти ҷонона моявар мешуд ва аз пуштивонии дилгармкунандаву шаффоф бархурдор буду дар умқи ҷони одамӣ русуб мекард. Пайдо буд, ки бо ҳамаи вуҷуд ба кори худ дил дода ва бартар аз чорчӯбаи муайян дипломатӣ тан ба залоли дамхӯрии фарҳангӣ раҳо кардааст». …. [17, 170].

Навъи дуюми сафарнома он аст, ки пас аз сафар он чи ки дар зеҳн барҷаста монда, зикр мешавад ва бо ин таъриф, сафарнома, дар воқеъ, «ёддошти сафар» аст. Бештар сафарномаҳои барҷастаи таърихӣ ва адабӣ чунин сохторе доранд, монанди сафарномаи Морко Поло. Аз он ҷое ки сафарномаҳо ҳовии ёддошт ҳастанд, бинобар ин, дар зумраи адабиёти ёддоштнависӣ ҷой мегиранд.

Ҳарчанд ки сафарнома яке аз жанрҳои ёддошт аст, аммо тафовутҳое дар он дида мешавад. Сафарномаҳо иборат аз матолибе дар бораи асли сафар,

мутолиоти мусофир ва иттилооте дар бораи зиндагии шахси сафаркунанда аст, ки ёддошти сафар аз ҷумлаи онҳо мебошад. Ба иборати дигар, сафарномаҳо матолиби дигареро ҳам – ғайр аз ёддошти сафар –шомил мешаванд. Ба таври мисол, дар «Сафарнома»-и Носири Хусрав матолиби бисёре дар бораи тавсифи маконҳо, шаҳрҳо ва ғайра вуҷуд доранд, ки дар баробари ҳосили сафар будан ёддошти Носири Хусрав низ мебошад. Бар хилофи ёддошт, нависанда дар сафарнома камтар аз худаш мегӯяд ва бештар ба дигарон ва шарҳи воқеаву маконҳое, ки дидааст, мепардозад. Хонандагон низ бештар чунин интизорӣ аз нависандаи сафарнома доранд. Дар сафарнома нависанда ба қасди ёддоштнависӣ наменависад, ҳарчанд ёддошти фаровон ҳам дар он ба чашм мехӯрад, балки бештар ба манзур интиқол ёфта ва дидаҳое худ аз сафараш ба навиштан мепардозад. Тафовути дигари ёддоштнигошта бо сафарнома ин аст, ки бисёре аз ёддошт дар бистаре ба ҷуз бистари сафар шакл мегиранд. Иллати иқбол бештар ба сафарноманависӣ дар баробари ёддоштнависӣ ба ин воқеият бармегардад, ки мусофир саҳнаи тозае мебинад ва бо ҳаводиси ҷадид бархурд мекунаду тиҷорати нав ва гоҳе шигифтангез дорад. Бо диққату тафаккур дар муҳити нав матолиби шунидании бисёре ба ҳамроҳ меоварад, ки барои хонандагон ҷаззобият ва тозагӣ дорад. Дар гузашта, сафарҳо бо хатарҳо ва сахтиҳое ғайри қобили боварӣ ҳамроҳ буд, ки тасвираш барои мардум мушкил аст ва ин масъала бар ҷаззобияти сафарномаҳои қадимӣ меафзояд, ки ин вижагиҳо дар ёддоштнигоштаҳо камрангтар аст.

Аз навиштаҳои хонданӣ ва пурҷозиба дар забони ёддошт ёддоштҳое ба шумор мераванд, ки шахсиятҳо дар бораи худ менависад. Ин зиндагиномаҳо, агар тавассути худи фард навишта шаванд, шарҳи ҳол номида мешаванд. Аммо агар дигарон дар бораи як шахсияти улуми динӣ, ҳунарӣ ва ғайра нависанд онро биография меноманд. Далели он ҳам тавозӯъ ва фурӯтании андешамандон дар зикри саргузашти худ мебошад. Фарҳанги масеҳӣ ва аҳаммияти фардият дар Ғарб аз омилҳое ҳастанд, ки боиси зуҳур ва таълифи зиндагиномаи худнигошт дар он сарзамин гардид. Ногуфта намонад, ки қадимитарин зиндагиномаи худнигошт ба қишрҳои бостон мерасад, давроне,

ки императорони мисрӣ шарҳе аз аҳволу аъмоли хеш навишта, ба шакли катибаҳое дар оромгоҳҳои худ нигоҳдорӣ карда буданд. Дар Эрон низ дар катибаҳои шарҳиаҳволии Дориюш навишта шудааст. Шарҳи аҳволнависӣ на танҳо василаи бисёр муносибе мебошад барои таҷзия ва таҳлили равонии афрод, балки дар бисёр мавридҳо фарде, ки ба навиштани зиндагиномаи худ мепардозад, навиштааш арзиши дармонӣ пайдо мекунад ва марҳаме мешавад бар ёди парешони вай. Гуфтем, ки гоҳе зиндагиномаи фард ба дасти дигарон навишта мешавад. Дар ин маврид ёддошт наҳваи зиндагӣ, тарбият, таҳсилот ва мақоми илмии шахс назари нависандаро ҷалб мекунад. Аз ин навъи навишта бештар барои ашхоси соҳиби ном ва афроде, ки худ ба навиштани зиндагиномаи хеш напардохтаанд, истифода мешавад. Ин навъи зиндагиноманависиро «зиндагиномаи дигарнигошт» низ мегӯянд. Баъзе афрод барои навиштани гӯшаҳое аз зиндагиномаи хеш дар поёнии ҳар рӯз ба ёддошти вақоеи рӯзонаи худ мепардозанд ва масоили муҳим ва қобили таваҷҷуҳро сабт мекунанд. Албатта, гоҳе ба далели иштиғолоти зиёд вақоеи чандрӯзаро як ҷо ёддошт мекунанд. Дар ёддошти рӯзона ҳолату эҳсосот ва рафтори фард дидаҳо ва шунидаҳои ӯ ва ғайраҳо сабт мешаванд. Ҳатто, гузориши сафари худро дар қолаби ёддошти рӯзона арза мекунанд. Ба монанди «Кӯдакӣ, навҷавонӣ ва ҷавонӣ» ном асари тарҷумаиҳолӣ, ки нависандаи он нобиғаи рус ва офарандаи «Ҷанг ва сулҳ» Лев Толстой мебошад, ки дар воқеъ аввалин асари мансури ӯст. Дар ин достон рӯҳи хушбинӣ ва алоқа ба зиндагӣ комилан машҳуд аст. Дар ин китоб ҷомеаи рус чун дигар осори нависанда тарсим шудааст. Вижагии китоб бештар дар он аст, ки аз лиҳози равонӣ нависанда ботини худро мекушояд ва равонковӣ мекунад. Ҳамчунон «Зиндагии ман» **номи** асари Ҷавоҳирлаъли Неҳру [1889-1963] аст, ки дар он илова бар саргузашти вай, метавон ба таърихи саргузаштнависӣ аз мардуми Ҳинд, таърих, рӯйдодҳову ҳодисаҳо ва воқеаҳои мардуми Ҳинд аз ибтидо то интиҳои мубориза то пирӯзӣ ишора кард. Китоб дар камоли садоқат, сароҳат ва зебоӣ навишта шудааст. Ин асар яке аз манобеи дасти аввал дар шинохти ҳаракати пуршукӯҳи миллати Ҳинд дар роҳи озодӣ аст: «Даврони кӯдакии ман бидуни

ҳеҷ иттифоқи муҳиме гузаштааст. Ағлаб ба ҳарфҳои бузургтарҳо ва махсусан писари амакҳоям гӯш медодам. Бештари ин суханҳо дар бораи рафтори мутакаббирона ва тавҳиномези англисиҳо нисбат ба ҳиндуён буд. Ҳамчунин, дар бораи ин ки вазифаи мост, ки қиём кунем ва ё ин вазъи ношоистаро бипазирем, суҳбат мекарданд. [17, 170]

Зиндагинома асар ва навиштае аст, ки нависанда дар он ба шарҳи ҳол, ҳаводису рӯйдодҳои зиндагии хеш ва ё дигаре мепардозад ва дар он чигунагии вуқуи ҳаводиси замон ва макону иллати рухдодҳо ва ғайраро шарҳ медиҳад.

Зиндагинома дар адабиёти форсу тоҷик бо номҳои шарҳи ҳол, сира, рӯзгори риҷол, яъне мардон тазкира, ёднома, зиндагинома ва ғайра ёд шудааст. Бо таърифе, ки дар бахши пешин аз ёддошт ироа шуд, ёддоштнависӣ яке аз гунаҳо ва зермаҷмуаҳои зиндагинома аст, зеро марбут ба рӯйдодҳои хос аз зиндагии гузаштаи фард аст: Бинобар ин, робитаи зиндагинома ва ёддоштнигошта робитаи умум ва хусус аст. Дар адабиёти тоҷик, агар нависандаи ёддошт ва зиндагиномаҳо аз завқи адабӣ бархурдор бошад, асари ӯ ба сурати як навъи адабии мустақил дармеояд, ки шоистаи таваҷҷуҳ аст.

Навъи дигаре аз зиндагинома вуҷуд дорад, ки дар он зиндагии фард дар қолаби ёддошт баён мешавад, яъне зиндагинома сохтори ёддоштгуна ба худ мегирад, монанди китоби «Асрор ут-тавҳид фи мақомоти Шайх Абусаиди Абулхайр», ки, дар ҳақиқат, зиндагиномаи Абӯсаид Абулхайр дар қолаби ёддоште аз ӯст.

Тафовути зиндагинома аз ёддошт дар он аст, ки ёддошт падидае мебошад марбут ва мансуб ба ёд ва зеҳни фард, яъне ба иллати вижагиҳое эҳсосӣ ва отифӣ ё далели дигар дар зеҳни фард барҷаста шудааст. Дар ҳоле ки зиндагинома танҳо марбут ба рӯйдодҳои барҷаста дар зеҳни фард нест, балки тамоми ҳаводису рӯйдодҳоеро дар бар мегирад, ки дар зиндагӣ барои фард рух додаанд. Фарқи дигари ёддошт аз зиндагинома ин аст, ки ёддошт марбут ба замони хос аз зиндагии фард аст, дар ҳоле ки зиндагинома, ҳамон гунае ки аз номи он пайдост, марбут ба ҳамаи даврони зиндагии фард

мебошад. Тафовути сеюм ин аст, ки вижагии равонӣ будан дар ёддошт ошкортар аз зиндагинома аст.

Зиндагинома ба далели вусъати зиёди матолибу рӯйдодҳои ҷилавгирӣ аз малоли хонанда ва ҳатто фаромӯшии ҷузъиёти баъзе ҳаводис дар гузари замон ё набудани манбаи мувассақ [собиқадор] барои баёни ҷузъиёти рӯйдодҳо [дар зиндагиномае, ки ба воситаи фарди дигаре навишта шудааст] бештар ҳолату қолаби гузоришгуна ба худ мегирад, дар сурате, ки дар ёддошнигоштаҳо мушаххастар аст ва ба рӯйдодҳои комилтар пардохта мешавад.

Таълифи Абулфазли Байҳақӣ, дабири маъруфи девони расоили Ғазнавиён, ки танҳо қисмати боқимондаи он «Таърихи Масъудӣ» аст, муштамил бар ҳодисаҳои аҳди фармонравоии Масъуди Ғазнавӣ мебошад. Ин китобро метавон аз назари насрнависӣ камоли таърихнависӣ бо шеваи адабӣ дар давраи ғазнавӣ донист. Қудрати қариҳаи нависанда дар ин асар мояи эъҷоб аст. Байҳақӣ дар ин асар дар корбурди лафзи тозӣ худро то ҳадди зиёде бар канор медорад. Бо ин ки сабки баёни муаллиф якдаст нест, ин амр низ танаввуи хоссе ба баёнаш медиҳад.

Байҳақӣ намунаи як таърихнависи дарбории бисёр нодир аст, ки худ он чизеро, ки рӯй додааст, нақл мекунад ва дар мавриди он чи наметавонад бигӯяд, сукутро бар нақли дурӯғ тарҷеҳ медиҳад. Бад-ин васила эътимоди хонандаро ҷалб мекунад ва дар хонанда таъсири як асари адабии воқеиро ба ҷо мегузорад.

Дар адабиёти форсу тоҷик «Гулистон»-и Саъдӣ асаре аст, ки гарчи номи ёддоштӣ бар худ надорад, инъикоси дидаҳо, шунидаҳо ва таҷрибаи ҳунарманде ҳассосу тезбин аст, ки сӣ сол аз зиндагии худро ба манзури дарки зиндагӣ дар сафар мегузорад ва воқеиятҳои зиндагии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва сиёсии манотиқи мавриди мушоҳидаи хешро баён мекунад. Як таҷрибаи воқеӣ дар бархӯрд бо фарҳанги мутафовит, ки моро нисбат ба тамаддун ва фарҳанги худ ба навъи огоҳии амиқ мерасонад. Ин дарёфтҳо дар қолаби ҳикоятҳои кӯтоҳу мӯҷаз ва бо фалсафаи хос ривоят мешаванд. «Гули-

стон»-и Саъдиро метавон расман сарођози достонҳои ёддоштӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба шумор овард. Асаре, ки ба хубӣ сохтори фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҷомеаи рӯзгори Саъдиро бозгӯ мекунад. Лаҳни самимонаи нависанда, тановвуи мавзуъ ва насри равони зиндаи Саъдӣ дар китоби мазкур бозтоб меёбад.

Саъдӣ дар «Гулистон» он чӣ дида, шунида ва ё гуфта, ба таҷрибаву тааммул дарёфта, мукаррар сухан кардааст. Дар ин ривоёт, ҳамчунонки ҳосили мушоҳидаҳо ва андешаҳои ибратомӯзи худро ба миён мениҳад, парвое надорад, ки хатоҳо ва лағзишҳои хештанро низ ба забон оварад, чунонки айбҳо ва нуқсонҳои дигаронро низ аён месозаду ҳам хубиҳояшонро. Аҳволи дили зеблписандии ӯ ва ҷозибае, ки зебоӣ барои вай дошта, қисмате аз саргузашти ҷовидонии инсонӣ мебошад. Агар ӯ аз шефтагии худ борҳо ёд мекунад, дар ин дунё танҳо нест. Гоҳо порсоён ва донишмандонро мебинад, ки ба муҳаббати касе гирифторанд, бинобар ин, бояд гуфт, он ҷо ҳам ки Саъдӣ масоили мавриди назарро дар хилоли саргузашти хеш мегунҷонад, фазои ҳикоётро оммафаҳм ва барои авом қобили дастрасанд.

Достонҳои мусофиратҳо бештар ба шакли мушоҳидоти нависанда ба қалам омадааст. Аз ин сафарҳо ривоятҳои гуногун дорад ва ҳама шуниданӣ ва нуктаомӯз, ки аз забони худи вай баён мешавад. Масалан, шабе дар корвоне аз фарти хастагӣ фурӯ хуфта ва саҳаргоҳ овози шӯридае маҷзуби Ҳақ ӯро ба худ меорад. Суханоне, ки дар Димишқ аз пири саду панҷоҳсола дар ҳолати назъи ҷон шунидааст, гӯише аз аҳвол ва афкори инсонӣ мебошанд. Гузориши дӯстиҳо, ҳамдилиҳо, гилаҳоро Саъдӣ дар асар воқеъбинона тасвир намудааст. Ёддошти зерин гуфтаҳои болоро тақвият медиҳад: «Ёд дорам, ки дар айёми пешин ман ва дӯсте чун ду бодому мағз дар пӯсте суҳбат доштем. Иттифоқи ғайбат афтод. Боз омаду итоб оғоз кард, ки қосиде нафиристодӣ. Гуфтам: Дареғ омадам, ки дидаи қосид ба ҷамоли ту равшан ва ман маҳрум:

Ёри дерина маро гуфт: ба забон тавба мадеҳ,

Ки маро тавба ба шамшер нахоҳад будан.

Рашкам ояд, ки касе сер нигаҳ дар ту кунад,

Боз гӯям, ки касе сер нахоҳад, будан». [55, 137]

Ҳамин тариқ, «Ёддошт» хусусиятҳоеро соҳиб мебошад, ки онро аз дигар жанрҳои адабӣ ҷудо мекунанд. Муҳаққиқон ин хусусиётро ба ду даста тақсим кардаанд: умумӣ ва хусусӣ.

1. Вижагиҳои умумӣ вижагиҳое ҳастанд, ки дар тамоми жанрҳои ёддоштӣ, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, муштараканд. Баъзе аз муҳимтарини онҳо : ёде аз гузаштаро дар бар доранд, ки эҳсос ва отифа дар онҳо намуди чашмгире ба худ касб кардааст. Рози мондагори зеҳнӣ ва равонии онҳо низ ҳамин нуктаро дар бар мегирад, ки дар як замону макони мушаххас қарор доранд ва муаассир бар зеҳн, маҳфуз дар ҳофиза мебошад. Ҳар ёддоште оғоз ва поён дорад, ҳар ёд баёни рӯйдод ва воқеияте аст, ки иттифоқ афтода ва поён пазируфтааст, ки маъмулан ёддоштнавис он рӯйдодро аз ибтидо то интиҳо бо зикри ҷузъиёт шарҳ медиҳад.

2. Вижагиҳои ихтисосии ёддошт, ин вижагиҳо марбут ба ёддоштнависиҳои сирф [комил, тамоман] ва ба хусус ёддоште аст, ки аз назари адабӣ боарзиштару қобили таваҷҷуҳ ҳастанд ва бештари ин осор ба дасти нависандагони ботаҷриба навишта шудаанд. Дар зер ба баъзе аз вижагиҳои хос ишора мешавад.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои ёддоштнависӣ ривоятгуна будани онҳост, ки боис мешавад асар сохти мушаххасе пайдо кунад. Арзиши ҷомеашинохтӣ ва адабии осор робитаи бевосита ба ривоӣ будани онҳо дорад.

1. Ёддошт пеш аз ҳама бар эҳсосу отифаи фард асар мегузорад ва яке аз далели барҷаста шудан ва мондагории онҳо низ мегардад.

2. Мавҷудияти самимият дар ёддошт вижагии дигари он аст, ки ҷаззобияти ин навъи асарро меафзояд ва сабаб мешавад, ки хонанда худро дар ҳаводиси он, ки воқеӣ аст, шарик бидонад ва эҳсоси наздикӣ бо соҳиби ёддошт барқарор намояд.

3. Садоқати баён аз вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ аст. Садоқат дар баёни ҳаводису рӯйдодҳои ёддоштӣ муҳимтарин вижагии он аст, ки

бидуни он ёддошт арзиши воқеии худро аз даст медиҳаду хонанда низ аз ҳамроҳӣ бо нависанда маъюс мегардад.

4. Дар ёддошт дақиқнигорӣ ва маҳдудияти хаёл аз шартҳои асосӣ аст. Шарти асосӣ дар ёддоштнависӣ баёни ҳақиқии ҳаводису рӯйдодҳо аст. Вале, аз он ҷо ки мумкин аст нигориши ёддошт пас аз гузаштани солиёни дароз сурат гирифта бошад, ҷойи тааҷҷубе надорад, ки ҷузъиёти ҳаводис дастхуши тағйироте дар зеҳни нависанда шуда бошад. Ба ҳамин хотир, мумкин аст нависанда аз таҳлили худ барои баёни ҷузъиёти ҳаводис ва ҷаззобтар кардани ёддоштнависӣ ёрӣ ҷӯяд, аммо бакоргирии унсури тахайюл барои нависанда маҳдуд аст.

5. Насри сода, самимӣ ва наздик ба забони муҳовараи ёддоштнависӣ аз далели ҷаззоб будани ин навиштаҳост.

6. Дар ёддоштнависиҳо замон ва макони рӯйдодҳо ба равшанӣ пайдост. Ёддошт дар як замон ва макони мушаххас рӯй додаанд. Яке аз аркон ва чорчӯби ҳар ёддоштнависӣ доштани замон ва макони мушаххас мебошад.

7. Ҳадафманд будани ёддоштнавис аз вижагиҳои ёддоштнависии барҷаста аст. Ҳар як аз ёддошт ҳадаф дорад: тарбият, омӯзиш, саргармӣ ва ғайраҳо.

8. Равшанбаёнӣ ва возеҳ баён кардан дар ёддошт бар ҷаззобияти онҳо меафзояд, ки ёддошт бояд сареҳ, равшан ва бидуни тасвирҳои мубҳам, дур аз такаллуф бошад, то битавонад фаҳми он ба осонӣ бо хонанда муяссар гардад.

9. Эҷоз аз вижагиҳои ёддошнавиштаҳои муваффақ аст.

10. Барҷаста будани ҳаводиси ёддошт, ки боиси мондагорӣ дар зеҳн мешавад, аз дигар вижагиҳои ёддоштнависӣ аст.

11. Ёддоштҳо бештар осори зинда, пӯё ва гиро ҳастанд, аз ин рӯ, аз тароват ва ҷаззобияти хосе бархӯрдоранд.

**Ҳамин тариқ**, ёддоштнавис бо огоҳӣ ва ирода ба шарҳи аҳвол, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои гузашта, ки дар зеҳн монда ва барҷаста шудаанд, мепардозад. Ровӣ дар он ҳузури бевосита дорад. Ҷузъиёти замон ва макону чигунагии

сар задани ҳодисаҳо низ дар он дарҷ мегардад. Ёддошт, ғолибан, бар фард таъсири эҳсосӣ –отифӣ мегузорад. Дар канори ин, аз таҳқиқу баррасиҳои анҷомёфта маълум мешавад, ки унсурҳои ёддоштнависӣ дар таркиби осори таърихӣ ё таърихномаҳо, китобҳои шарҳи ҳоли орифон ва монанди ин низ ба мушоҳида мерасанд, зеро аксари таърихномаҳои куҳан дар ҳоле ба қалам омадаанд, ки муаллифони онҳо бевосита дар ҳодисаву воқеаҳо ширкат доштаанд, ё аз ҳузури хеш дар бораи воқеот нақл кардаанд. Ҳамин гуна дар асарҳои ирфонӣ, ки ба шарҳи ҳоли орифон бахшида шудаанд, низ ҳузури бевоситаи муаллиф ба ҷанбаи ёддоштӣ доштани онҳо асар гузоштааст.

### 1. 3. Суннатгароӣ ва навпардозӣ дар ёддоштнависии муосири тоҷик

Ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик аз устод Айнӣ оғоз гардидааст. “Ёддоштҳо”-и устод Айнӣ аз чаҳор ҷилд иборат буда, рӯзгори як давраи томи халқи тоҷикро фаро гирифтааст, ки қаҳрамони асосии асар худи устод Айнӣ мебошад. Ҳодисаю воқеаҳои солҳои 80-и асри XIX то ғалабаи инқилоб, ки устод Айнӣ яке аз иштирокчиёни фаъоли он буд, хеле хуб ва мушаххас инъикос ёфтаанд.

Ин асаре, ки устод Айнӣ солҳои дароз аз болои он кор кардааст, ҳамчун асари ёддоштӣ ёд шудааст. Дар асари «Ёддоштҳо» бисёртар қисса, новелла, повестҳои алоҳида ворид гардидаанд. Аз ин хотир, «Ёддоштҳо» – ро метавон ҳамчун маҷмуи осори насрии солҳои охири устод ба қалам дод.

Манбаи асосии илҳом гирифтани устод Айнӣ дар навиштани «Ёддоштҳо» ин «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ мебошад. Китоби «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Восифӣ як маҷмуаи ёддоштҳост, ки дар дохили он қиссаву ҳикоёти ба подшоҳону ҳокимон ва дигар афроди ҷомеаи даврони ӯ бахшидашуда оварда шудаанд. Инчунин, манбаи дигари илҳом гирифтани устод Айнӣ дар эҷоди «Ёддоштҳо» ин «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш мебошад.

Садриддин Айнӣ баъди Саъдӣ, тақрибан ҳама намудҳои насри бадеии таълифии форсиро то «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш хонда буд ва дар ин осор аз ҳама беш таваҷҷуҳи Садриддин Айниро саҳифаҳое, ки ба

тарҷумаи ҳоли муаллифон, хотирот ва ёддоштҳои онҳо тааллуқ доштанд, ҷалб намудаанд. Устод Айнӣ мисли бузургони дигари адабиёти форсӣ дар асарҳояш ба саҳифаҳое аз зиндагиномаи худ муроҷиат кардааст.

Назар ба андешаи адабии Садриддин Айнӣ, «таҷрибаи ҳар кас дар ҳар кор дар охирҳои умраш ба камол мерасад ва ин ҳам маълум аст, ки ҳеҷ кас охири умри худро ба тарзи қатъӣ намедонад. Аммо, аз он ҷо ки умрам аз ҳафтод гузашта, рӯз то рӯз сустии аъзо зиёдтар гардида, қувваи кориам камтар шудан гирифт, ман тахмин кардам, ки вақти ба анҷом расидани ин кор, ки назар ба дарёфти худам хеле муҳим буд, расидааст» [ 2, 18].

Ба пиндори мо, ёддоштнависӣ аз ҳар як қаламкаш ба вижа аҳли адаб, омӯзиши таҷрибаи зиндагӣ ва таассурот бардоштан аз онро тақозо дорад. Устод Садриддин Айнӣ ба ин масъала, яъне таълифи насри ёддоштӣ ҳаматарафа омода буд.

Садриддин Айнӣ, ки ба маҳорати зиндагидонӣ ва ҳақиқатнигории Аҳмади Дониш баҳои баланд додааст, дар хусуси образи баққол, ки дар «Наводир-ул-вақоеъ» омадааст, дар «Ёддоштҳо»-яш чунин навиштааст: «Ин тасвири Ахмад Махдум ба ман ончунон таъсир кард, ки баққоли мазкур аз назарам ҳеҷ дур намерафт ва ман хостам дар зиндагӣ монанди он баққолеро ёфта, тамошо кунам. Баққолонеро, ки дар раставу бозор дар ду тарафи кӯча дар дӯконҳошон нишаста, молҳошонро мефурӯхтанд, дуру дароз истода тамошо кардан барои ман мумкин набуд… Охир дар рӯ ба рӯйи гӯшаи ғарбии саҳни мадрасаи Кӯкалтош баққолеро ёфтам, ки аз ҷиҳати қиёфаи зоҳирӣ хам ба баққоли Аҳмади Дониш монандӣ дошт… Ман ҳар рӯз соатҳо дар гӯшаи саҳн нишаста, кору кирдори он баққолро дар зери назари диққат мегирифтам ва ҳама кори ӯро мувофиқи кирдори баққоли Аҳмад-махдум меёфтам ва дар ин ҳол ба назари зиндагибин ва ба қалами хақиқатнигори муаллифи «Наводир-ул-вақоеъ» таҳсин бар таҳсинам меафзуд» [2,24].

Дар бораи таъсири Ахмади Дониш дар роҳи тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷик ва, махсусан, насри бадеии он Садриддин Айнӣ чунин гуфтааст: «Дар ҳамон вақтҳо [яъне дар вақти бори аввал хондани «Наводир-

ул-вақоеъ» дар солҳои 1897 – 98] ман орзу мекардам, ки «бояд кас насрнавис шавад ва агар ин мақсад ба даст дарояд, монанди Аҳмад -махдум насрнавис шавад, ки воқеаҳоро дар пеши хонанда бо забони сода муҷассам кунонда, нишон дода тавонад… Фикри соданависӣ ҳам дар ман баъд аз шинос шуданам бо «Наводир-ул-вақоеъ» пайдо шуд, чунки забони ин китоб ба хонандагони замони ҳозира хеле душвор намояд ҳам [ва дар ҳақиқат хеле душвор ҳам ҳаст], дар он замонҳо, ки ман ба ин китоб ошно шудам, нисбат ба дигар китобҳо ва аз он чизҳо, ки иншонависони ҳамон замон менавиштанд, хеле осон буд» [2,50].

Ёддоштнависӣ аз навиштани ҳар асари дигар дида масъулияти хоссаеро аз аҳли адаб тақозо мекунад, аз ин рӯ, устод Садриддин Айнӣ то синни ҳафтодсолагӣ ёддоштнависиро аз романнависиву ҳикоянависӣ душвортар дониста, то ин син барои оғози китоби ёддоштиаш ҷуръат намекунад.

Ҳангоми таҳқиқи асарҳои ёддоштӣ мебояд, пеш аз ҳама, ба назарияи навъи ёддошт мутаваҷҷеҳ шавем ва хусусиятҳои жанрии онро ба назар бигирем. Чӣ тавре ки муҳаққиқи тоҷик Х. Асозода мегӯяд: «Дар асари ёддоштӣ нависанда ба воқеаҳое муроҷиат мекунад, ки худ шоҳид аст ё ин ки сабабгору иштирокунандаи он аст. Дар ёддошт гоҳе саргузашти одамони дигар, санаду ҳуҷҷатҳо ҳамчун маводи ёрирасону тасдиққунанда оварда мешаванд. Ёддошт, одатан, дар асоси хотироти шахсии адиб навишта мешавад, яъне ҳама тасвирҳои ёддоштнавис маҳсули замони гузаштаанд. Дар ёддошт шарт нест, ки саргузашт ва мушоҳидаҳои муаллиф аз рӯйи тартиби хронологӣ баён ёбад, балки танҳо он лаҳзаҳо қолиби сабт мебошанд, ки ақидаи нависанда барои имрӯзу фардо арзишнок, ибратангез ва қобили таваҷҷуҳ бошад; ёддошт ба хотири ҳадафи муайяни муаллиф арзи вуҷуд мекунад. Масалан, ҳадафи Зайниддин Маҳмуди Восифӣ баёни ҳодисаю воқеаҳои аҷибу ғариб ва ҳайратангез мебошад» [64, 268].

Вижагии дигари асари ёддоштӣ дар он зоҳир мегардад, ки нависанда ба он номи алоҳида мегузорад. Чунончи: С. Улуғзода - «Субҳи ҷавонии мо»,

Ҷалол Икромӣ- “Мактаби ман, устоди ман, худи ман”, “ Он чи аз сар гузашт», Раҳим Ҷалил- «Маъвои дил», Мирсаид Миршакар «Ёди ёри меҳрубон», Лев Николаевич Толстой- «Бачагӣ», «Ҷавонӣ», Максим Горкий – «Бачагӣ», «Дар байни мардум», «Университетҳои ман» ва ғайра.

Дар даврони истиқлоли миллӣ ёддоштнависӣ низ бо шаклу шеваҳои мухталиф ривоҷ пайдо намуд. Китоби «Он чӣ аз сар гузашт»-и Ҷалол Икромӣ намунаи барҷастаи ёддоштнависии даврони истиқлол аст, ки хотираҳои нависандаи соҳибномро фаро мегирад. Намунаи осори баъзе адибон дар солҳои охири даврони шӯравӣ нашр гардиданд, вале эҷодиёти онҳо асосан дар 10-15 соли истиқлолият ташаккул ёфт. Ин гурӯҳи ба ҷодаи адабиёт бо мавзуъ ва ғояву образҳои тоза ворид гардида, рӯҳи тоза ба олами маънавият бахшидаанд.

Ба ин зумра метавон Бароти Абдураҳмон, Аброри Зоҳир, Тӯйчӣ Мирзозода, Муҳаммадзамони Солеҳ, Юсуфҷон Аҳмадзода, Диловари Мирзо, Муродалии Ҷаббор, Мирзо Насриддин, Юнус Юсуфӣ, Сироҷиддин Шарофиддин, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Зариф Ғулом, Убайдуллои Мурод, Карим Давлат, Аҳмадшоҳ Маҳмадшоҳ, Нурмаҳмад Исоқӣ, Сайдалӣ Саид, Акбар Шариф, Убайд Раҷаб ва дигаронро, ки аз ҳикоя то ёддошт асарҳои хонданибоб офаридаанд, номбар кард.

Ба навиштаи адабиётшинос Алии Муҳаммадии Хуросонӣ Убайд Раҷаб ёддоштҳои хешро, асосан, ҳангоми ба нафақа баромадан ва ё дар пиронсолӣ навиштааст, ки, бегумон, намунаҳои насри ёддоштии замони истиқлол низ дониста мешаванд.  Ба ин маънӣ, муҳаққиқи мазкур фармудааст: «Огоҳам, ки Убайд Раҷаб асосан баъди ба нафақа баромадан, аз кору фаъолияти маъмурии зиёд фориғ гардидан ба навиштани хотираҳои худ шуруъ намуда буд. [133]

Дар даврони истиқлолият насри ёддоштии Убайди Раҷаб низ ҳамчун падидаи тоза ворид гардид. Китобҳои ёддоштии Убайд Раҷаб «Дӯш будам ҳамнафас», «Марди майдони талош»,«Зинда ба ишқ» мебошанд, ки асосан дар ҳамин давра навишта шудаанд. Дар баробари ин, ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи шоир Ашӯр Сафар ба таври алоҳида бо номи «Бародархонд» дар

маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидаанд. Ба таъбири дигар, ин ёддошт як асари алоҳида буда, ба китоби «Дӯш будам ҳамнафас» шомил нашудааст. Ҳарчанд қаҳрамони марказии ин ёддоштҳо Ашӯр Сафар мебошад, аммо ҳангоми мутолеа мо ба чеҳраи чанд нафари дигар мисоли Сафармуҳаммад Аюбӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода, Ҳабибулло Файзулло ва дигарон низ ошно мешавем, зеро ба таъкиди худи нависанда «аз рӯи одати расмшуда ба хонааш, ки меҳмон ояд, Ашӯр Сафар адибони муқими Кӯлобро низ ба сухбат даъват мекард. Тавассути ҳамин гуна меҳмоннавозиҳояш, базлагӯиҳои Рустами Абдураҳим ва оҳанги дутори ӯро нахустин маротиба шунавидаам ва ҳамроҳи Ҳақназар Ғоибу Сафармуҳаммад Аюбӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Муҳаммад Ғоиб, Саидҷон Ҳакимзода ва Ҳабибуло Файзулло шабҳоро бо шеърхониву хушгӯиҳо рӯз кардаам [37,58]. Дар ин суҳбатҳо инчунин Салимшоҳ Ҳалимшоҳ низ гоҳо иштирок кардааст ва худи каҳрамони ин ёддошт барои нависанда нақлҳои зиёде дар бораи шоири халқӣ Саидалӣ Вализода низ намудааст, ки ҳамагӣ арзиши адабии ин ёддошти адибро боло бурдаанд.

Як ёддошти дигари Убайд Раҷаб, ки «Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ» ном дорад, бори нахуст дар шумораи 12-и соли 1987 маҷаллаи “Садои Шарқ” аз чоп баромадаст ва он асосан хотираҳои адибро дар замони фаъолияти ӯ ба ҳайси сармуҳаррири ин нашрияи миллии кишвар фаро мегирад. Баъдан ин асари ёддоштии ӯро такроран дар шумораи 12 соли 2017 ба чоп расидааст. [38] Баъзе мулоҳизаҳои муаллифи диссертатсия бо ҳамроҳии профессори шодравон Фарҳод Ҳусейнзода дар бораи ин асари ёддоштии Убайд Раҷаб, ки аз бойгонии эшон пайдо шуда буд, соли 2017 ба муносибати 85 солагии нависанда дар мақолаи «Нигоҳе ба осори публисистии Убайд Раҷаб» баён шудаанд.

Муҳимтарин арзиш ва хусусияти ин асар низ дар он зоҳир мешавад, ки дар меҳвари он низ адибону нависандагоне чун Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ ва махсусан Пулод Толис қарор гирифтааст. Ҳарчанд дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» як қиссаи ёддоштии тулоние бо номи «Дили

пурдард» дар бораи ин нависандаи ҷавонмарг навишта ва хеле аз матолиби рӯзгори вайро шарҳу тафсир додааст, вале дар ин ёддошти худ низ қисмати дигаре аз зиндагонӣ ва паҳлуҳои эҷодии адибро фаро гирифтааст. Аз ҷумла дар ин асари ёддоштии худ низ Убайд Раҷаб чеҳраи нависандаи ҷавон ва фазилату характери ӯро чунин тасвир намудааст: «Вақтҳои дар идораи «Машъал» кор карданам ба машғулияти Толиси сармуҳаррир аз наздик худ ошно будам, ба коргузорӣ, покизакорӣ, боҳавсалагӣ, хушмуомилагӣ, тоқатоварӣ ва дар сари мизи муҳаррирӣ аз субҳ то шом нишастанҳои ӯ. Бо эҳтиёт ва дилсӯзӣ асархонии ӯ, бо муаллифон ғамхорона муносибат карданҳои ӯ, дар муҳокимаҳо баҷо сухан гуфтанҳои ӯ аз мадди назарам гузаштанд. Дарёфтам, ки Толис бо ҳама хислатҳои хуби худ, ҳамчун инсон ва ҳамчун сармуҳаррир, бояд намунаи ибрат бошад ва ҳаргоҳ монеае ва мушкиле дар корам пеш ояд, пайи рафъаш аз ӯ мадад ва маслиҳат бипурсам [36, 118].

Ҳамин тавр, силсилаёддоштҳои Убайд Раҷаб хотираҳоеро дар бораи Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Муҳиддин Аминзода, Пӯлод Толис, Ашӯр Сафар, Абдумалик Баҳорӣ, Қутбиддини Раззоқзода, Ҷумъа Одина, Муроди Боғир, Ҳабибулло Назар, Нуъмони Розиқ, Фазлиддин Муҳаммадиев, ва дигарон дар бар гирифтаанд, ки дар фасли алоҳидаи диссертатсия ба таври муфассал ба ин масъала руҷуъ мешавад.

# ХУЛОСАҲОИ БОБИ АВВАЛ

Таҳқиқу баррасии сайри таърихии ёддоштнависӣ муқаррар месозад, ки унсурҳои ин навъи адабӣ нахуст дар таркиби асарҳои таърихӣ ё таърихномаву тазкираҳои арзи ҳастӣ намудааст, ки намунаҳои онро мо дар мундариҷаи китобҳои мухталифи дар заминаи воқеоти таърихӣ ба қалам омада, инчунин тазкираву осори дигари ҳовии саргузаштномаҳо ба мушоҳида мегирем. Баъдан, бо зуҳури сафарномаҳо як шакли муҳими ёддоштнависӣ ба зуҳур расид, ки намунаи барҷастаи он «Сафарнома»-и Носири Хусрав мебошад.  Дар асарҳои сафарномавии Ибни Батута ва сайёҳони дигар низ унсурҳои ёддоштӣ ба таври барҷаста ҷилвагар гардидаанд. Баъдан бо иншои осоре дар шумули “

Дар асри  XX устод Садриддин Айнӣ  бо эҷоди асари муҳташами хеш “Ёддоштҳо” марҳилаи нави ёддоштнависиро асос гузошт. Минбаъд нависандагони соҳибноми тоҷик Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода,  Раҳим Ҷалил ин роҳро бо шеваҳои матлуб идома дода, истиқлоли жанрии ёддоштро таъмин намуданд.

Давраи истиқлоли миллии Тоҷикистон марҳилаи нави таҳаввули жанри ёддошт ба шумор меравад. Убайд Раҷаб низ дар шумори ҳамин адибони тоҷик қарор дорад, ки дар ёддоштнависӣ аз шеваи устодони бузурги адабиёти тоҷик, хоса  устод Айнӣ истиқбол намуда, дар баробари мусоидат ба адабиёти бачагонаи тоҷик, дар рушди жанри ёддошт низ нақши муассир гузошт. Ӯ аз худ се асари ёддоштӣ бо номҳои “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош”, “Зинда ба ишқ” ва ҳамчунин чанд қиссаи ёддоштии алоҳида ба  мерос гузоштааст, ки қаҳрамонони асосии ин осор адибону нависандагони соҳибноми тоҷик мебошанд. Танҳо асари ёддоштии адиб “Марди майдони талош” ба рӯзгору фаъолияти яке аз кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Олмаҳмад Раҷабов бахшида шудааст.

# БОБИ ДУВУМ. УБАЙД РАҶАБ ВА ИДОМАИ СУННАТУ ШЕВАҲОИ ХОСИ ЁДДОШТНАВИСӢ ДАР АДАБИЁТИ МУОСИРИ ТОҶИК

## 2.1. Сохтор ва мундариҷаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб

Маълум аст, ки Убайд Раҷаб осори ёддоштии хешро асосан дар се китоби хеш “Дӯш будам ҳамнишин”, “Марди майдони талош” ва “Зинда ба ишқ” ҷой додааст. Дар баробари ин, ду қиссаи ёддоштии дигари ӯ, ки яке “Бародархонда” ном дошта, аз рӯзгор ва пайкори шоир Ашӯр Сафар нақл мекунад ва дигаре таҳти унвони “Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ” ба айёми фаъолияти хеш дар маҷаллаи “Садои Шарқ” бахшида шудааст, дар саҳифаҳои ин нашрия рӯи чоп омадаанд. Асарҳои ёддоштии Убайд Раҷаб аз назари сохтор бештар ба қиссаҳое шабоҳат доранд, ки дар таркиби онҳо ҳикоёти ҷудогонае ҷой гирифтаанд. Ин шеваи нигориши нависанда усули баён ва шеваи иншои қисса андар қиссаи классикиро ба хотир меоварад, ки дар тарҳи тоза эҷод шудааст. Баробари ин, зимни муқоисаи сохтории ёддоштҳои Убайд Раҷаб бо нависандагони қабл аз ӯ равшан мегардад, ки нависанда дар ҷараёни таълифи осори ёддоштии хеш бештар ба услуби нигориши Садриддин Айнӣ пайравӣ намудааст., зеро ҳамон равиши қисса андар қиссаро ин устоди забардасти насри муосир низ моҳирона дар “Ёддоштҳо”-и хеш ба кор гирифтааст. Ин шеваи иншо асосан дар китобҳои “Дӯш будам ҳамнишин” ва “Зинда ба ишқ” ба мушоҳида мерасад. Масалан, агарчӣ китоби “Зинда ба ишқ” ҳарчанд як асари мухташами ёддоштии воҳидро мемонад, ки устод Мирзо Турсунзода симои марказии он ба шумор меравад, вале нақлу қиссаҳои мухталифи нависанда аз лаҳзаҳо ва фурсатҳои муайяни ҳамкорӣ дар алоҳидагӣ сурати ҳикояҳои мустақилро низ доро мебошанд. Ҳар яке аз ёддоштҳои нависанда дар китоби “Дӯш будам ҳамнафас” низ ҳамин шеваи нигоришро доро мебошанд. Танҳо муроҷиат ба сохтори қиссаи дар бораи устод Муҳаммадҷон Раҳимӣ навиштаи нависанд кофист, ки чунин шеваи нигориш ва сохтори хоси ёддоштҳои ӯро муайян намоем. Номи умумии қисса “Инсоне равшанравон ва пурдон” унвон дошта,

аз ҳашт ҳикояи ҳаҷман мухталиф таркиб ёфтааст, ки бо номҳои “Боми тахталойӣ”, “Оқибати хайрандешӣ”, “Каллапӯши болои миз”, “Шитобед домулло”, “Ҳарчи бошад..”, “Афсонаи маҳистон”, “Манзиламро иваз кунед”, “ Он субҳи дерҳусн” иншо гардидаанд. Ҳангоми мутолеаи ин бахшҳои муҳими ёддоштҳои адиб маълум мешавад, ки ҳар яке аз онҳо дар зоти худ як ҳикояи алоҳидаеро мемонанд, ки як лаҳзари рӯзгори қаҳрамони қиссаи ёддоштиро фаро мегиранд. Масалан, дар ҳамин қисмати ёддоштҳои нависанда, ки дар бораи Муҳаммадҷон Раҳимӣ нақл мекунад, бахше “Оқибати хайрандешӣ” ном дорад, ки аз замони фаъолияти ин шоири маҳбуб дар идораи андоз нақл мекунад. Убайд Раҷаб қиссаи устодро дар бораи он ки ҳамин хайрандешии шоир сабаби аз кор рафтани вай гардидааст, бо як ҳарорат ва сабки ҷаззоб нақл кардааст. Ба навиштаи адиб вақте шоир ба водии Вахш меравад ва аз навоҳии мухталиф худ бевосита маблағи андозро ҷамъоварӣ мекунад, бо сабаби зиёдии кор шаб дар он ҷо монда, дар хонаи муҳоҷирон меҳмон мешавад. Вақте шабона онҳо аз мушкилоти хеш шикоят мекунанд, шоир ба ҳоли онҳо дилаш сӯхта, тамоми маблағи ҷамъовардаашро тибқи рӯйхат ва бо имзои ҳар яке аз онҳое, ки муҳтоҷ буданд, тақсим намуда, пагоҳ ба Душанбе бармегардад. Идомаи ҳикоятро нависанда чунин ба қалам овардаст: “Субҳи рӯзи дигар ба назди вазир даромада, аз ҳолати андозгирон ва андози ноҳияҳои водии Вахшу вазъи зиндагонии мардум ба тафсил маълумот дод ва ҷойи қоғази пули ба бонк супорида варақаи номнависи имзодори бечорагони пул гирифтаро назди ӯ гузошт. Вазири ҳайратзада чашм ба варақа давонду хуб ба рӯйи Муҳаммадҷон Раҳимӣ зеҳн монд ва чизе нагуфту ба андеша рафт.

Хайрандешӣ ва раҳмдилӣ боиси ба вазорат хайрбод гуфтан гардид”. [36,15]

Аз мундариҷаи як ҳикояти таркиби қиссаи ба ҳаёти Муҳаммадҷон Раҳимӣ бахшидашуда маълум мегардад, ки дар ҷараёни нақли ҳар яке аз онҳо як фазилати нодир, як лаҳзаи нотакрори рӯзгори адибон шарҳу тафсир мешавад. Ҷолиб аст, ки муаллиф аз забони шоир барои анҷоми амалҳои хайр

ҳикмати Шайх Саъдӣ ва ашъори дигар суханваронро меоварад, ки баробари талқини амали хайр шеваи нигорищи асарро ҷаззоб ва мундариҷаи онро ғанӣ гардонидаанд. Ин ҳолати шоирро чунин тасвир мекунад: "Ҳоли мардумро дид Муҳаммадҷон Раҳимиву сухани Шайх Саъдӣ ба ёдаш расид, ки гуфта: "Хайре кун, эй фалониву ғанимат шумор умр... " ва андешаи ба бечорагон дасти кӯмак дароз кардан боло гирифт. Сарони деҳаро даъват кард, номи эҳтиёҷмандонро бо мадади онҳо ба рӯйхат гирифт ва пуле, ки аз ноҳияҳои дигар ҷамъ карду ҳамроҳ ба маркази вилоят мебурд, "Хурсанд ба нек бади худ бояд буд, андозашиноси ҳади худ бояд буд" гуфту аз пеши худ тақсим кард...[36,55]

Зоҳиран, шояд ҳангоми чунин андеша ба сари қаҳрамони ҳикоя омадан ин ҳикматҳо аз фикри ӯ нагузашта бошанд, вале нависанда барои хотири обуранги бадеӣ бахшидан ин ҳикмати Саъдӣ ва шеърро аз забони қаҳрамони асараш нақл кардааст.

Агарчӣ дар аксари қиссаҳои вобаста ба рӯзгори адибон нависанда ҳар яке аз ҳикоятро унвон гузошта, онҳоро ба сурати як ҳикояи мустақил нақл мекунад, аммо дар баъзе қиссаҳо аз унвонгузорӣ сарфи назар намуда, бо ишоратҳои се ситора [***] ҳикоятро гӯё аз ҳам ҷудо мекунад. Масалан, чунин сохтори қиссапардозии ёддоштӣ дар қиссаи "Муаллими бузург" ба мушоҳида мерасад, ки аз рӯзгори Боқӣ Раҳимзода нақл мекунад. Масалан, як ҳикояти кутоҳро бо чунин усул дар бораи як лаҳзаи зиндагонии адиб дар кӯдакӣ ҳангоми дарав нақл мекунад. Ҳикоят чунин оғоз мешавад: "Вақти дарави ҷав буд. Зани амаки Боқӣ Раҳимзода як сабад нони гарм ва як кӯза шири навдӯшида овард, ки ништойӣ кунанд. Аммо даравгарон фурсати нишаст надоштанд.

Ҷавро вақти саҳар бояд даравид, офтоб, ки баланд шуд, қавра мекунад ва баробари ба поя расидани дасти даравгару дами дос сараша мепарад ва ҷав талаф мешавад. Бинобар ин,амаки Боқӣ Раҳимзода тадбири тозаи ноштойӣ хӯрданро ҷуст. Баробари ба замин гузоштани пиразан сабади нону кӯзаи ширро аз даравидани ҷав боз наистода нонро гирифту як даҳон газид ва чанд

қадам пеш, рӯи ҷави нодаравида ҳаво дод ва нонро хоида даравкунон то он ҷо рафт ва бо як ҷуръа шир луқмаро фурӯ бурд  ва боз нонро як даҳон газиду пештар партофт... [36,67] Аз ин нақли Убайд Раҷаб дар навбати аввал равшан мегардад, ки ҳадафи ӯ зикри як лаҳзаи муассири зиндагонии шоир дар айёми кӯдакии вай аст. Ҳарчанд нависанда онро дар асл аз забони адиб шунидааст, вале чунон нақл мекунад, ки шоир ҳамчун қаҳрамони ҳикояи воқеии вай амал мекунад. Дар идома сухан аз он меравад, ки чун аз забони амакаш Боқӣ Раҳимзода шунида буд, ки партофтани нон убол аст, суол медиҳад, ки "гуфта будед, ки одам нонро партояд, гунаҳкор мешавад". [36,67] Вақте ба суоли хеш ҷавоби қаноатманд мегирад, ҳақиқати ин амалро мефаҳмад.

Як хусусияти муҳими ғоявии ин ҳикоят дар он зоҳир мешавад, ки нависанда бо нақли ин лаҳзаи зиндагонии қаҳрамони хеш хонандаро ба меҳнатдӯстӣ, шинохти ҳақиқатҳои нотакрори умр даъват мекунад. Дар баробари ин, дар шеваи нигориши хеш аз мафоҳим ва истилоҳоте  ба кор мегирад, ки дар забони мардум бештар дар ҷараёни парвариш ва дарави ҷаву гандум ба кор мераванд. Масалан, ношитойӣ ба маънии чойи саҳарӣ, дар вақти саҳар даравидани гандуму ҷав, қавра кардан, сараш паридан ва монанди ин.

Қисмати дигари ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи адибону суханварон ба сурати як қиссаи тулонӣ ва давомдор нақл шудаанд, ки шеваи сохторӣ ва мундариҷаи ёддоштҳо дар навиштаҳояш дар бораи Абдусалом Деҳотӣ "Одами покизасиришт",  Ашӯр Сафар  "Бародархонда" дигаре қиссаи марбут ба фаъолият дар "Садои Шарқ" бо номи "Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ" ва монанди ин ба мушоҳида мерасанд.

Муҳимтарин хусусияти сохторӣ ва муҳтавоии ёддоштҳои "Убайд Раҷаб" нақли ашъор аз забони қаҳрамонони хеш мебошад, ки дар назари аввал бо анҷоми ин кор агар дараҷаи шеърдонии онҳоро бозгӯӣ кунад, аз тарафи дигар сабки иншои осори хешро ҷаззоб гардонидааст. Масалан,  дар қиссаи "Одами покизасиришт" на танҳо намунаҳои зиёди ашъори устод ва силсилаи шеърҳоеро, ки ӯ азбар медонад, нақл намудааст, балки аз ҷумлаи

ашъори худашро муаллиф меоварад, ки онҳоро ин устоди сухан таҳрир намудаанд. Ин маълумот барои матншиносии осори адибони муосир низ муҳим мебошанд. Масалан, аз ҷумла чунин менависад:” Шеъри аввалини силсила “Баҳри мо нав – нав тароват медиҳад” ном дошт, ки Абдусалом Деҳотӣ бо қалами сабзранг рӯйи онро хат кашида, ба ҷояш “Деҳаи мо” навиштааст. Дар банди аввал гуфта будам:

Меравад фасли зимистон аз миён,
Накҳатафшон мешавад фасли баҳор.
Бинӣ тобистон буд, рафтаст он,
Тирамоҳи лаъдоман барқарор.

Абдусалом Деҳотӣ калимаи “лаълдомон”- ро хат зада, бо калимаи “ҷомазаррин” бадал кардааст, ки барҳақ дуруст аст. Банди дувуми шеър бо ин сатрҳо шурӯъ шудааст:

Ҷомаашро мекунад танҳо дигар,
Деҳаи мо лек дар ин фаслҳо.

Дасти таҳрир ин байтро ба ин шакл овардааст:

Бойтар мегардаду ободтар,
Деҳи мо аз ҳар яки ин фаслҳо. [36,28]

Ҳамин тавр, Убайд Раҷаб силсилаи шеърҳои худро нақл намудааст, ки онҳоро Абдусалом Деҳотӣ таҳрир намудааст ва ин як саҳифаи эҷодиёти худи нависанда ва қаҳрамони вайро равшан месозад.

Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб офариниш симоҳои адабӣ нақши меҳварӣ дорад, зеро асосан нависанда хотираҳои худро дар бораи адибони ҳамнишину ҳамкор ба қалам оварда, ба ин восита саҳифаҳои рӯзгори ононро барои хонандаи хеш манзур кардааст. Ҳангоми мутолеи ин ёддоштҳо хонанда ба лаҳзаҳое аз рӯзгори адибон ошно мешавад, ки онҳо на танҳо барои омӯзиши шарҳиҳоли ин суханварон муҳим мебошанд, балки нақлу ҳикояҳои ҷолибе низ ба шумор мераванд, ки бо сабки хоси адиб иншо гардида, ғояҳои бузурги инсонпарварӣ, фазилатҳои нодири инсониву эҷодии ҳар яке аз онҳоро таҷассум ва тарғиб менамояд. Хонанда бо мутолеаи ин

ёддоштҳо сабақи зиндагӣ, дарси одамгарӣ омӯхта, аз рафтору кирдори онҳо барои такмили ҷаҳони маънавии хеш нукоти фаровонеро хоҳанд омӯхт.

### 2. 2. Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни адиб

Қабл аз он ки ба баррасии вежагиҳои забонӣ ва сабки таълифи ёддоштҳои Убайд Раҷаб пардозем, мехоҳем роҷеъ ба чанд хусусияти сохтории ин навъ таълифоти ӯ мулоҳизотеро баён хоҳем дошт, ки албатта онҳо низ ҷузъи махсусиятҳои забонии нигоштаҳои нависандаро ба вуҷуд овардаанд. Дар навбати аввал ҳамаи ёддоштҳое, ки нависанда дар бораи ин ё он адиб ё шахсияти дигар ба қалам овардааст, дорои як унвони умумӣ буда, дар таркиби он ёддоштҳои ҷудогона бо номҳои алоҳида оварда мешавад, ки гӯё ҳар яке аз онҳо як ҳикоя ё қиссаи ҷудогона низ мебошанд. Масалан, дар китоби «Дӯш будам ҳамнафас» ёддоштҳое, ки дар бораи Садриддин Айнӣ навишта шудаанд, унвони умумии «Чаҳор дидор»-ро ба худ гирифтааст. Аммо он дар навбати худ ба чаҳор қисмат ҷудо шуда, ҳар яке аз ин бахшҳо бо номҳои алоҳидаи «Бар хилофи чашмдошт», «Дар маркази фарҳанг», «Дар шаби ҷашн», «Рӯзи видоъ ва ҷойи мазор» омадаанд ва зоҳиран гӯё ҳикоёти кутоҳи мустақил мебошанд, вале чун дар меҳвари ҳар яке аз онҳо дидор бо устод Садриддин Айнӣ қарор гирифтааст, ба ҳам пайванди амиқ ёфтаанд. Тамоми ёддоштҳои ин китоб, ки дар бораи шоирон ва нависандагони ҷудогона сухан мекунанд, бо ҳамин шева нигошта шудаанд. Равиши мазкур ба таври куллӣ дар китоби «Марди майдони талош» риоят шудааст. Таваҷҷуҳ ба чунин шеваи ёддоштнигорӣ моро ба ёди усули нигориши «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ мебарад, ки айни ҳамин шева ба қалам омадааст ва мо бо имтинон метавонем изҳор дорем, ки Убайд Раҷаб дар ёддоштнависӣ аз давомдиҳандагони суннати эҷодии асосгузори насри муосири тоҷик аст.

Танҳо дар китоби «Зинда ба ишқ» , ки ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи Мирзо Турсунзодаро фаро мегирад, ин усул риоят нашуда, балки он танҳо тавассути рақамҳо ҷудо гардидааст. Бо мутолеаи ин асари ҷолиб метавон онро як қиссаи мустанади ёддоштӣ ҳам ном бубарем, ки дар пайванд

ба муносибати устодиву шогирдии Мирзо Турсунзода ва нависандаи асар Убайд Раҷаб ба қалам омадааст.

Забон падидае аст, ки дар қолаби сохторҳои мухталиф таҳаққуқ пайдо мекунад. Усулан, забони ёддошт ба сурати забони хосу ягона ва бозтобкунандаи ҷаҳонбинии шоир аст. Аммо забони нависанда, бар хилофи забони шоир, сохторест мураккаб аз гунаҳои мухталифи забонӣ, ки аз ҷаҳонбинии нависанда, тарзи тафаккур ва нигариши шахсиятҳои халқшуда дар осораш мебошад.

Забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб забоне аст, бисёр рангину мутанаввеъ ва дар насри муосири тоҷик намунаи барҷаста ва хоси худ ба ҳисоб меравад. Он забоне саршор аз тасвиру нигоштаҳои ҷузъиётбаёнӣ ва баёнгари содагиву равонӣ ва ва ҳосили таҷрибаҳои инсонӣ мебошад. Алии Муҳаммадии Хуросонӣ бо такя бар ҳамин вежагиҳои забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб навиштааст, ки «имрӯз хотираҳои мавсуфро хондаву бо масаррат метавон ҳарф зад, ки хотиранигорӣ ва ёддоштҳои ӯ дар пояи шоириаш баланд аст”. [133,4]

Адиб забони содаву равонро дар навиштаҳои хеш интихоб намудааст, то дардҳои мардумро воқеӣ баён намояд. Убайд Раҷаб бо нигоҳи дақиқ ба забони гуфтугӯйӣ тавонист хусусиятҳои онро дарёбад ва ба он ҳаёти нав бахшад. Осори вай бо баҳрагирӣ аз забони омиёна, ки иборат аз зарбулмасал, ҳазлу мутоиба ва ғайраҳо, ки дар аснои таҳқиқ ба онҳо пардохта мешавад, мебошад. Намунаҳоеро аз корбурди забони гуфтугӯйӣ дар осори Убайд Раҷаб монанди: сутунгардан, филҷуссаи шикамдамида, ҷулонида [34, 71] ва сумот [34, 91], ҷиззас [34, 92] метавон мушоҳида намуд, ки дарак аз забони зиндаи халқ медиҳанд. Дар ин ёдкардаҳо, ки бунёди онҳо забони халқӣ аст, Убайд Раҷаб бо корбурди гунаҳои забонӣ тавонистааст аз забони гуфтугӯйӣ дар офариниши қаҳрамонҳояш истифодаи ҳунармандона бибарад. Масалан, дар ёддоштҳои адиб истифодаи шеваҳо аз забони қаҳрамонаш – Боқӣ Раҳимзода хело хуб баён шудааст, ки мисоли зер далели гуфтаҳои боло мебошад:

Наврӯзи баҳорон шиву дил дағдағагар шӣ,

Дар кӯҳу камар вақти саҳар лола бадар шӣ.

Абр омаду тундар шиву борон шарар шӣ,

Як гурдапия ома, ки гови шаҳӣ ҷар шӣ [36, 104].

Дар шеъри фавқуззикр вожагони «шӣ», «гурдапия», «ома» ва «ҷар» ба маъноҳои зайл зикр мегардад: шиву- шуд, дағдағагар шӣ - ҳавобаланд шуд, «абр омаду тундар шиву борон шарар шӣ»- абр омаду раъду барқ пайдо гардида, шарараҳо ҷорӣ шуд, «Як гурдапия ома, ки гови шаҳӣ ҷар шӣ»- ногоҳ оби сел ҷорӣ шуда як гови шаҳӣ ҷар шуд.

Забон яке аз абъоди муҳимми асарҳои Убайд Раҷаб маҳсуб шуда, на танҳо дар баёни ҳодиса, кирдор, тавсифи шахсиятҳо ва ҳолатҳо замону ҳодисаҳо ба кор бурда мешавад, балки дар гуфтугӯи персонажҳои осор ҳам саҳм дорад. Бинобар ин, дар ҳар ёддошт ду навъ забон ба таври куллӣ метавон ёфт: забони тавсифӣ ва забони шахсиятҳо ва қаҳрамонҳои ёддошт. Дар баъзе ёддоштҳо навъи сеюм ҳам ба чашм мехӯрад, ки онро метавон забони гуфтугӯ номид.

Забони осори Убайд Раҷаб гуногун аст ва ин дигаргунӣ ба он хотир аст, ки қаҳрамонҳои ёддоштҳои ӯ шахсиятҳои мухталифанд. Гурӯҳҳо ва табақаҳо, аз поён то ба боло, дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб вуҷуд дошта, ҳар як дорои забони ба худ хос мебошанд. Забони тавсифӣ забоне аст, ки ёддоштнавис ба воситаи он хонандаро бо шахсиятҳои ёддоштӣ, муҳити зиндагӣ ва вазъи рӯҳии қаҳрамонҳо ошно месозад. Убайд Раҷаб дар истифодаи забони тавсифӣ басо чирадаст мебошад. Масалан, вай дар яке аз ёддоштҳояш дар бораи Боқӣ Раҳимзода ва дӯсти найнавози хуҷандиаш санъати тавсифро чунин ба қалам додааст: «Ҳар рӯз, баробари рӯшанӣ дидани чашми саҳар, рӯи ҳавлӣ мебарояду назди суфа меояд ва найро мегираду ба навохтан шуруъ мекунад. Шавқ, ки боло мегирад, таваққуф карда наметавонад, мисли он ки аз навохтану навои сеҳрангези най маст мешавад, менавозаду менавозаду менавозад» [36, 113]. Калимаҳо ва лафзҳои тавсифӣ аз зиндагии ҳамонрӯзаи мардумро дар симои Боқӣ Раҳимзода дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» ба таври зайл ба қалам додааст: «Дар зери

токи саҳни ҳавлӣ менишаст Боқӣ Раҳимзода, ки вақти аз ҷой бархостан сараш чарх заду дунё дар назараш торик шуд, тоб хурду ба замин афтод ва аз ҳуш рафт. Қанд баланд шудааст.

Об заданду шамолаш доданд, фоида накард, ба ҳуш наомад. Хона дароварданду рӯи кат хобониданд ва духтар даъват карданд. Он қадар мадҳуш буд, ки мӯяш намеҷунбад, нафаскашиаш эҳсос намешуд. Сӯзан заданд, натиҷае набахшид » [36, 130].

Дар тавсифе, ки аз макони иттифоқ афтодани ҳодисаҳои дар ёддошт мазкур мекунад, нишон медиҳад, то чи ҳад аз зиндагии ин табақа ва рафтору кирдор, дар интихоби вожагон, истилоҳоти хосси онҳо огоҳӣ дорад: «Мардак чашмҳои оташгирифтаи худро калонтар кушоду коғазро талабид ва навиштаро ба даст оварду бо қаҳру ғазаб пора кард ва таҳдидомез гуфт, ки бо кӣ суҳбат кардан ва дар куҷо нишастанатонро фаромӯш накунед, аввал ҷой бубинеду баъд пойро гузоред» [34,83]. Ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки Убайд Раҷаб зимнан ба ҳамон мақоли маъруфи мардумӣ руҷуъ мекунад, ки ба шакли зайл дар фарҳанги гуфтори тоҷикӣ роиҷ аст: «Аввал бубин ҷои худ, баъд бимон пои худ».

Дар ин гуна тавсифҳо Убайд Раҷаб зиндагии хосе аз табақаи гуногуни мардум ва маъмулиро нишон медиҳад ва дар забони тавсиф ночор аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ [фолклор] истифода мекунад. Ин гуна тавсифҳоро метавон дар ёддоштҳои «Марди майдони талош», «Дӯш будам ҳамнишин» пайдо кард. Адиб ба зиндагии ин табақа таваҷҷуҳи хосса дошта ва аз алфозу иборoту истилоҳоти махсуси онҳо истифода кардааст. Забони ёддоштҳои Убайд Раҷаб вобаста ба мавқеи қаҳрамонҳо ва макону замони онҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар ёддоштҳои «Сартароши гунг», «Кинаи генерал», «Номбардори хонадон», «Ҳиммати мӯйсафед» ва «Панди рӯзгор», ки қаҳрамонҳояшон шахсиятҳои синну солҳои гуногун мебошанд, забони тавсифи онҳо тафовут дорад. Адиб луғат ва ибораҳои хоси фарҳанги қаҳрамонҳои худро зикр мекунад, то мухотаб пай бибарад, ки қаҳрамонҳояш

миллатҳои гуногун ҳастанд ва зиндагӣ, урфу одатҳои онон аз ҳам мутафовитанд.

Забони тавсифӣ дар осори Убайд Раҷаб содаю бетакаллуф мебошад ва адиб гоҳе таҳти таъсири эҳсосоту отифа қарор мегирад. Албатта, ҳеҷ нависандае ҳангоми офаридани асари ҳунарӣ набояд таҳти таъсири забони тавсифҳои худ бошад ва инро метавон дар ёддоштҳои «Ҷияни аз худ рафта» мушоҳида кард. Чунончи: «Ғазаб фаро гирифт вуҷуди В. В. Чебоксаровро, таъҷилан зинокорро пайдо кардан хост, валекин тани танҳо кор бурд, овозаю даровоза накарда[34, 149 ]. Дар ҷойи дигари ин ҳикояи ёддоштӣ менигорад: «Гуноҳ дайн шуд, аммо писарак беҷазо монд. Ҳар қадар В. В. Чебоксаров талош варзид, фоида накард, зеро синни писараки ноболиғ дар рӯзи ҷинояти содиркардааш як рӯз кам аз шонздаҳ буд. Қонун мефармояд, ки синни навраси гунаҳсодиркарда як рӯз кам аз шонздаҳ бошад, дар ҳаққи ӯ парвандаи ҷиноӣ кушодану гунаҳкор донистану ба ҷавобгарӣ кашидан мумкин нест» [34, 150].

Забони персонажҳои ёддоштҳо, албатта, аз забони тавсифӣ фарқ дорад. Ҳамон қадре ки қаҳрамонҳои мухталиф дар саҳнаи ёддошт нақш бозӣ мекунанд, ба ҳамон андоза дар забон ва шеваи баён тафовут дида мешавад. Ин қаҳрамонҳо мумкин аст аз табақаҳои гуногуни ҷомеа бошанд ва адиб бояд шахсиятҳои асари худро бишиносад. Руҳиёт, тарзи фикр ва навъи зиндагии онҳоро ҳис кунад, дар ғайри ин сурат, нависанда наметавонад ба кашфи забони қаҳрамонҳои осораш даст ёбад.

Дар осори Убайд Раҷаб қаҳрамонҳо бо ду роҳ вориди ҳикояҳои ёддоштӣ мегарданд. Гоҳ нависанда худ дар саҳнаи достон қарор гирифта, гаҳ танҳо одамон ҳастанд, ки гуфтугӯ мекунанд, ҳодисае меофаринанд ва ин ҷо дигар нависанда қарор надорад. Забоне, ки Убайд Раҷаб барои гуфтугӯи худ интихоб кардааст, бисёр муҷазу сода аст. Масалан, дар ҳикояҳои ёддоштиаш «Одами поксиришт» персонажҳо бисёр содаанд ва муаллиф аз унсурҳои фолклорию маҷозӣ баҳра ҷустааст: «Ҳеҷ гап не, девор дарун афтод, устоду шогирд мукофотро байни худ тақсим карданд» [36, 36], «Тезии корд дар дами

корд» [34, 109]. Барои видоъ аз шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон он қадар одам омад, ки сӯзан партоӣ, ба замин намеафтод [36, 11] «Писар писару набера-набера, писар мағзи ҷигар аст»,-аз дил мегузаронид кампири Зулмат [36, 59], «Сидқи бегуноҳ пеши Парвардигор соф аст», мегӯянд [34, 47], «Гапи аз худат калонро, ки нагирифтӣ, пешпо хӯрдӣ» [34, 43], Оре, оре, хубу ба маврид гуфтаанд мардум: «Некӣ куну дар об андоз, некӣ фаромӯш намешавад! Ҳеҷ набошад, моҳиён ба қадри некият хоҳанд расид!» [34, 31], «Гургро ёд кунӣ, бо пояш даромада меояд» [34, 151] Бар хилофи ёддоштҳои мазкур, дар осори дигари бо ҳамин равиш навиштаи адиб монанди «Ҷонфидо» ва «Сад», ки мухотабони Убайди Раҷаб мардумони табақаҳои гуногунанд, забони адиб тафовут дорад ва рангу бӯйи фарҳанги омиёнаро ба худ касб мекунад.

Як хусусияти назаррас дар ин гуна осори Убайд Раҷаб он аст, ки вақте адиб худаш дар ёддоштҳояш зоҳир мешавад ва хоса тарафи муқобили ӯ як миллати дигар аст, забонаш табиӣ мешавад, яъне саъй мекунад, калимаҳоро, ҳамон тавре ки дар муколама ва гуфтугӯи маъмулӣ ба кор мераванд, истифода кунад. Яъне ба кор бурдани забони гуфтугӯиро нависанда фақат дар ёддоштҳое ба кор бурдааст, ки худи муаллиф дар онҳо нақши марказӣ дошта, мухотабонаш гуногунзабон мебошанд.

Навъи дигари асарҳои Убайд Раҷаб чунин аст, ки худи адиб дар онҳо нақше надорад, танҳо персонажҳо бо якдигар суҳбат намуда, моҷаро меофаринанд. Муаллиф дар ин ҷо фақат тавсиф мекунад ва қаҳрамонҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, ба ҳамин хотир забони адиб дар офаридани осор низ мутафовит мешавад. Нависанда бояд ба хубӣ ва бодиққат забони ҳар типро мушаххас кунад. Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб табақаҳои мухталифи ҷомеа саҳми бориз гузоштаанд. Масалан: ҳоҷӣ, сартарош, ҷаллобон, даҳмарда, коркунони умури дохила, сарбоз, зани бесавод, зани донишманд, чеҳраҳои таърихӣ ва монанди инҳо. Ин табақаҳо ҳар як забони хосси худро доранд. Интихоби забон кори саҳлу сода нест, адиб бояд характер ва шахсияти ҳикояҳояшро бишиносад, руҳия ва эҳсосоти ӯро дарк кунад. Убайд Раҷаб дар типҳое, ки офаридааст, то ҳадде бо забони ин табақаҳо ошноии

комил дорад. Яке аз типҳое, ки адиб муаррифӣ кардааст, занҳо ва мардҳо, ҷавонон ва ноболиғон мебошанд. Масалан, дар китоби «Марди майдони талош» дар бахшҳои «Ғараз», «Кумаки даҳмардаҳо», «Ноболиғони зинокор», «Ҷияни аз худ рафта», «Сарбози гуреза» ҳар яке аз қаҳрамононро ба таври комил муаррифӣ намудааст. Дар ин гуна асарҳо забони адиб саршор аз унсурҳои фолклорӣ ва истилоҳоти омиёнаи тоҷикӣ мебошанд. Адиб ба ин табақа таваҷҷуҳ хоссе дошта ва ҳамеша бо тафаккури зарароваре, ки дар зиндагии онҳо дар гузашта вуҷуд доштааст, мубориза мебарад. Албатта, набояд тасаввур кард, ки Убайд Раҷаб ба содагӣ ба ин забон даст ёфтааст, балки бо таҳқиқу баррасӣ дар забон ва лаҳҷаҳои гуногуни қавмиятҳо тавонистааст ба эҷоди чунин осор ноил гардад. Убайд Раҷаб дар достони «Зани бадкуниш» аз қавли занҳои бесавод чунин зикр мекунад: «Тӯтахон ҳомила буду кампири Ойдин дар тан маризи шукуфа дошт. Олмуҳаммади Раҷаб табобати ҳар дуро сабаб оварду Тӯхтахонро ба зоишгоҳи Панҷакент ва кампири Ойдинро ба табобатхонаи шаҳраки Колхозчиён фиристод, зеро итминон ҳосил карда буд, ки як сари ресмони печидаи ҳодиса дар дасти Тӯтахон аст» [34, 18]. Дар гуфтори боло адиб аз лаҳни занона, ки байни Тӯхтахон-хонум ва кампири Ойдин сурат мегирад, истифода мекунад. Иборан «як сари ресмони печидаи ҳодиса» ҳам таркибест, ки сарчашма дар фарҳанги мардумӣ дорад ва шакли дигари он нуги калобаи печида ҳам мебошад.

Забони ёддоштҳо дар осори Убайд Раҷаб монанди «Сифлаҳои сияҳкор» ва «Асрори номаҳои беимзо» аз дигар ёддоштҳои ӯ фарқ менамоянд, аз ин ҷиҳат фазои ин навъ асарҳои ӯ аз назари забонӣ гуногун мебошад. Дар ин навиштаҳо чун сухан дар бораи шахсияти корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меравад, дар забони онҳо мафоҳиме ба кор рафтаанд, ки хусусиятҳои ҳамин соҳаро ифода мекунанд. Нависанда бештар барои ифода намудани рӯйдодҳо, шахсиятҳои мухолиф аз киноёт ва таркибҳои баёнгари ҳамин мафҳум истифода мебарад. Аз ҷумла, дар ин ҷо, манзур аз «сифлаҳои сияҳкор» ҳамон ҷинояткороне ҳастанд, ки қаҳрамони маркази

асари ёддоштии ӯ онҳоро ошкор мекунад ва асрори номаҳои беимзоро, ки аз ҷониби мардум дар бораи чунин ашхос навишта шудаанд, фош менамояд.

Забон дар осори адиб бо таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои он мутафовит аст. Масалан, дар ҳикояи «Сифлаҳои сияҳкор» Убайд Раҷаб забони хос дорад. Вай забони гуфтугӯиро бо кинояҳо ва истилоҳҳои гуногун бо забони фозилона ва адибона даромехтааст. Ин омехтагӣ бар асоси тарҳи ёддошт ва лаҳни танзомезу киноии он сурат гирифтааст:» Сарнавишти Ҷаъфар Раҳмонов [рӯҳаш шод бод, дар аввали соли 1998 вафот кард], намунаи аълои дурӯғбофӣ ва мисоли равшани донистa ҷиноят зоҳир кардани қисме аз курсинишинони воломақоми солҳои ҳафтодум аст, -ҳикоятро шуруъ мекунад Олмуҳаммади Раҷаб. – Ба қисмати ин мард бозӣ карданд. Додситони кулли ҷумҳурӣ А. А. Шелочинин ва сардори дастгоҳи мубориза алайҳи тороҷи моликияти сосиалистии [ОБХСС]Вазорати умури дохилии Тоҷикистон В. А. Полников» [34, 124].

Дар ин ҷо як хусусияти бисёр муҳими навъи ёддошт ба чашм мерасад, ки он ҳам мустанад баён гардидани нақлу воқеаҳо мебошад. Ин ҷо аз забони қаҳрамони марказии асари ёддоштии хеш Олмуҳаммади Раҷаб нависанда кӯшиш мекунад, ки ҳодисаву воқеаҳои реалиро дар мисоли қаҳрамонони дигар мисоли Ҷаъфар Раҳмонов нақл намояд ва ҳатто вақте таъкид мекунад, ки [рӯҳаш шод бод, дар аввали соли 1998 вафот кард], равшан мешавад, ки худи муаллиф низ дар баробари қаҳрамонаш бо ин шахс ошноӣ дорад.

Ин шеваи нақл ва зуҳури шахсиятҳои дигар, ки дар мисоли онҳо ба тавассути тасвири хислатҳои қаҳрамони марказии ёддоштҳо мушкилоту муаммо ва даст ба амалҳои зишт задани шахсиятҳои мансабдорро ошкор мекунад, дар идомаи ин асар ба сурати дигар равшан мешавад: «Худсарии шумову додситони ноҳия ҳад надорад,- гуфт генерал Б. Ф. Зубков. -Ин масъаларо ҳамин тавр мондан мумкин нест. Олмуҳаммади Раҷаб тафти гуфтугӯро пас кардан хоста гуфт: - Ҳоҷати оташин шудан нест, Володя Корнеев гуноҳ кардасту ба гуноҳаш иқрор аст. Бовaратон агар наояд, метавонед ҳамроҳаш суҳбат кунеду имтиҳон биёроед» [34, 134].

Тавсиф дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб нақши асосӣ дорад ва бо онҳо таъсири мусбат мебахшад. Вай дар тавсифи саҳнаҳо мавқеъ ва шахсияти қаҳрамонҳои осорашро тасвир намудааст. Адиб бо маҳорати камназираш ба тавсифи замону макон ва мавқеияти шахсиятҳои меҳварии ёддоштҳояш мепардозад. Масалан, дар ҳикояи «Одами покизасиришт», ки ҳадиси як марди миёнқомати тановари нармсухан ва базморо, косагули бебадали давраороиҳои дӯстон, инсони покизасиришт Абдусалом Деҳотӣ аст, муҳиту фазои ёддоштии худро ин гуна тавсиф мекунад: «Соли савуми таҳсил дар омӯзишгоҳ буд. Тирамоҳи хубе ҳукмфармоӣ дошт. Субҳи андаке сард ва чоштгоҳи каме гарм ва ҳавои беғубор ҳусни рӯзро меафзуд. Мардум аз боғу майдон ҳосили ранҷи заҳмати худро ғун меоварданд [36, 21]. Вай ҳамчунин дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» дар бахши марбут ба устод Садриддин Айнӣ яъне, қисмати «Рӯзи видоъ ва ҷойи мазор» ранҷу заҳмати устод Айниро, ки аз симои нуронии вай пай бурдан мумкин буд, дар лаҳзаи видоъ чунин барҷаста тасвир намудааст: «Аз бари тобут гузаштаму ба рӯйи устод нигаристам: чеҳрааш хурд ва мавизак тофт. Гумоне даст дод, ки ӯро баъди заҳмати бардавоми пурмашаққат ва кӯфти кор ва хастаҳолию бедорхобиҳо ғанаб бурдааст [36,11]. Убайд Раҷаб дар тавсифи қаҳрамонони асарҳояш низ қудрату маҳорати шигифтовар дорад ва тавсифҳояш воқеӣ ҷилва мекунанд. Инчунин, ӯ дар ҳамоҳанг кардани сабки наср ва тавсиф бо фазои куллии осор низ тавонманд аст.

Тавсифҳои ӯ барои чеҳраороӣ нақши бисёр муҳим дорад. Дар заминаи тасвири симои қаҳрамонон нависанда кӯшидааст, ки ҳам чеҳраи зоҳирӣ ва ҳам хислатҳои ботинии қаҳрамони хешро тавассути корбасти ҳамин санъати бадеӣ ҷилвагар созад. Масалан, дар бораи Ашӯр Сафар чунин менависад: « Як одаташро фаромӯш карда наметавонам: вақти суҳбат агар сухане ширин ва намакин ва бо лутф гуфта шавад, ин гуна суханро худаш гӯяду хуш ояд, ҷон дар танаш намеғунҷид, завқ мебурд ва дасти ҳампаҳлуи худро мегирифт, ба сӯи чапу рост сахт-сахт такон медод, то ҷое, ки китфи дастдода ба дард меомад. Валекин аз дард кардани дасти ҳампаҳлӯ парво надошт. Суҳбат, ки

тасф мегирифт ва суханҳои хуб, ки гуфта мешуданд, боз дасти ҳамшафати худро мегирифт ва такон медод, то вақте ки тоқати он шахс тоқ мешуду ҷои нишасти худро иваз мекард» [37, 57] Дар ҷараёни тасвири унсурҳои марбут ба симои зоҳирӣ, ки аз ҳолати пешомада ба ӯ ҳосил мешуд, боз ҳам Убайд Раҷаб кӯшидааст, ки баҳри пуртаъсирии каломи хеш таркибҳои нодири мардумро ба кор барад. Ин ҷон иборaҳои «ҷон дар тан нағунҷидан», «завқ бурданд», «суҳбат тасф гирифтан», «тоқат тоқ шудан» дар шумори чунин таркибҳое ҳастанд, ки нависанда барои образнокии забони асари худ аз фарҳанги мардумӣ барчида ва дар тасвири симои зоҳириву ҳолу ҳавои қаҳрамони хеш ба кор гирифтааст. Дар идомаи ҳамин матлаб вобаста ба хислатҳои фардии Ашӯр Сафар- қаҳрамони ин асари ёддоштии худ Убайд Раҷаб симои зоҳирӣ ва фазилатҳои фардии вайро чунин тасвир мекунад: «Ин одати ӯ ҳамчун одати дигар, ки баробари дӯсти худро аз дур дидан табассуме даври лабон, оғушро васеъ кушода, ба нияти вохӯрӣ кардан пеш меояд ва дастони ӯро ба даст мегирифт ва мисли он ки сина ба сина расонида вохӯрад, синаро ба наздик меовард, вале ба ҳам нарасонида, китф ба китф мебурд ва салому алайк мекард. Дасттаконияш дар давоми як соат метавонист, ки даҳ маротиба такрор шавад ва чунин муомила хушҳолии нишастро дучанд меафзуд. Ҳеҷ касе ҷуз ӯ чунин одатро надошт» [37, 57].

Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ва таъкид он аст, ки ин ҷо дар баробари тасвири ҷолиби симои зоҳирии адиби қаҳрамони асар Убайд Раҷаб боз ҳам гуфтори хешро тавассути унсурҳои забони мардумӣ тақвият ва ғановат мебахшад. Дар луғатҳои маъмулӣ калимаи «вохӯрӣ» ба маънии мулоқот, суҳбат истифода мешавад, аммо дар фарҳанги мардумӣ он мазмуни саломалайк кардан, хосатан ҳолати оғӯш гирифтаву салом карданро дорад ва ин ҷо ба назар мерасад, ки нависандаи мо ин калимаро ин ҷо ба ҳамин маънӣ истифода намудааст.

Забони гуфтугӯйӣ яке аз воситаҳои муҳими адиб дар эҷоди осораш мебошад, ки ҳар табақа дар онҳо мутаносиб бо арзишҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии худ забони мутафовит доранд. Яке аз ҷолибтарин ҷанбаҳои

ёддоштии Убайд Раҷаб қудрат ва маҳорати чашмгири ӯ дар ироаи гуфтугӯҳои мутаносиб бо табақаҳои гуногуни ҷомеа мебошад. Ӯ ҳунармандона ҳар табақаро дар муҳити муносиби худ тасвир мекунад ва аз забони хосси он баҳра мегирад. «Убайд Раҷаб баъди баромадан ба нафақа ба ёддоштнависӣ машғул буданд,-қайд мекунад ҳамсари устод. Мақсади асосии шоир аз он иборат буд, ки мехост хотираҳояшро дар бораи адибон ифшо намояд, аммо марг даст надод, ки ба орзуҳояш бирасад» [36, 25].

Бо ин ҳама таваҷҷуҳ ба ёддоштҳои Убайд Раҷаб ин нуктаро маълум мегардонад, ки хеле аз хотираҳои худро дар бораи аҳли адаб ва қалам овардааст, ки он дар шинохти масоили адабиёт, муҳитҳои адабӣ, пайванди суханварон бо ҳамдигар, тарбияи аҳли сухан ва амсоли ин муфид мебошанд.

Гуфтугӯ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб бозтоби шахсияти одамҳост, ҳамон тавре ки онҳо фикр мекунанд ё бояд фикр кунанд. Дар ҳақиқат, мо сиришту мавқеияти иҷтимоии одамҳои ёддоштҳои Убайд Раҷабро аз наҳваи сухан ва лаҳн, яъне ҷанбаҳои равонии каломи онҳо мешиносем. Гуфтаҳои боло моро ба чунин натиҷагирӣ водор менамоянд, ки халлоқият ва нубуғи Убайд Раҷаб ба гуфтугӯи ашхоси ёддоштҳояш ранги табиӣ бахшидааст. Ӯ бо корбурди дақиқи гунаҳои мухталифи аносири забонӣ ба тавфиқи волое даст ёфтааст. Убайд Раҷаб дар истифодаи забони гуфтугӯӣ ва корбасти муколама ё гуфтугӯ маҳорати тамом дорад ё ба таъбири дигар устод мебошад. Масалан, дар бахши «Найранги додситон» аз китоби «Марди майдони талош» моҷаро ба тариқи гуфтугӯ пеш меравад:

- Аввал Яхдонро мебинем,-гуфт.

- Яхдон, чӣ номе?- тааҷҷуб кардам.

- Бале – гуфт ҳамсафарам,- ба дидораш, ки расидем, маънояшро мефаҳмед [34, 32].

Ҷои дигар дар ҳамин асар чунин муколама ба шеваи махсус сурат гирифтааст:

- Бубахшед, ки нороҳататон кардам - ва маро шиносонида шуда, - ошно шавед, ин кас шоир…

- Мешиносам, - сухани ӯро бурид ҷонишини додситон, - китобҳояшро хондаем.

- Ҳамроҳи ман подполковники мустаъфии хадамоти дохилаи Тоҷикистон Олмуҳамади Раҷаб,- дар навбати худ шиносонидам ӯро [34, 7].

Дар бахшҳои «Аввалсухан», «Интихоби ҷонишин», «Таҳдид», «Сифлаҳои сияҳкор» аз китоби «Марди майдони талош», ки гӯё ҳар яке як ҳикояти ҷудогонаро мемонад, муколама хеле моҳирона истифода бурда шудааст, ки мутолиаи асари мазкур дар ҳар лаҳзаи зикри суҳбатҳои муаллиф бо қаҳрамон ва ҳамзамон гуфтори қаҳрамон бо дигарон ин шеваи ҷолиби сабкиро нишон медиҳад.

Маълум аст, ки дар адабиёт истилоҳи «сабк» иборат аст аз равиши идрок, баёни афкор ба василаи таркиби калимот ва низ, дар навбати худ, вобаста ба тарзи тафаккури гӯянда ё нависанда дар бораи ҳақиқат мебошад. Осори Убайд Раҷаб яке аз барҷастарин намунаҳои насри муосири тоҷик дар солҳои 90-ум маҳсуб мешавад. Тарзи баёни ӯ муҷаз, самимӣ ва равон мебошад. Дар китоби «Зинда ба ишқ»-и Убайд Раҷаб самимияти баёни суханро дар яке аз сафарҳои устод Мирзо Турсунзода ба сурати содаву муҷаз ба қалам додааст: «Устод арақи сару рӯйро пок карда, ба котиби якуми кумитаи ҳизби ноҳияи Айнӣ Ёрмуроди Ғиёс, ки пиёлаи чойро ба сӯяшон дароз карда буд, ҳазломез гуфтанд: «Муллоёрмурод, аҷаб коре шуд: аз борон гурехта ба зери новадон афтодем. Айнӣ ҳам гарм будааст». «Муаллимҷон, гармии муваққатӣ,- ҷавоб дод Ёрмуроди Ғиёс, - ҷойҳои салқин ҳам дорем. Чойро нӯшем, як ҷой мебарам, ки чашми офтоб ҳанӯз роҳ наёфтааст» [35, 141].

Чунонки аз гуфтаи боло бармеояд, услуби навиштории муаллиф дур аз такаллуф ва итноб мебошад. Хосатан, истифодаи шеваи гуфутугӯӣ дар каломи қаҳрамонон, ки дар он зарбулмсали «аз борон гурехта зери новадон афтодем» бисёр бамаврид ба кор рафтааст, ин сабки равон ва салисро равшан

мегардад. Баробари ин, таъбири «чашми офтоб ҳанӯз роҳ наёфтааст», ки он ҳам аз забони қаҳрамон садо медиҳад, бисёр ҷолиб аст ва маълум мегардад, ки нависанда кӯшидааст, ки дурдонаҳои нодири забонии мардумро аз каломи худи онҳо дар осораш ҷой диҳад.

Дар қисмати «Дарёфти қотилон»- аз китоби мазкури Убайди Раҷаб хусусиятҳои сабкии нависанда дар образи қаҳрамони худ - Олмуҳаммади Раҷаб хеле муҷаз ба қалам дода шудааст. Яъне таҷриба ва маҳорати Олмуҳаммад ба ӯ имкон фароҳам оварда, ки сирри рӯйпӯшшудаи дусоларо дар давоми як ҳафта ифшо гардонад, ки порчаи зерин иддаои моро ба яқин табдил медиҳад: «…Олмуҳаммади Раҷаб тавонистааст воқеае, ки ду сол ошкор карда натавонистаанд, дар муддати як ҳафта ошкор намояд. Тафтиш сари чанд рӯзро хӯрду оқибати кор ба ҳузури чӯпони деҳа овард, ки дар пушти муқобили ғори Падроғ рама мечаронид. Ҳамин лаҳни самимонаи Олмуҳаммади Раҷаб буд, ки Фаросат духтари Исмат қотили падарашро ошкор намуд. Дар натиҷаи пурсупоси бобои Ёрак, писаронаш Бобову Нор ва домодаш Ҷумъа, ки хешу табори Исмати Ёр буданд, ҳалқаи кобиш танг шуда, қотилро ошкор намуданд» [34, 64] .

Аз гуфтаҳои боло чунин натиҷа гирифта мешавад, ки сабки Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои ӯ лаҳни самимона дорад ва ҷузъинигарӣ дар тарзи баён ӯ аз умдатарини шохисаҳои осори равиши баёни вай маҳсуб мешавад. Тавсифи дақиқу таъсирбарангези муаллифи асар низ дар ҷаззобияти матолиб аҳамияти зиёде дорад. Дар ин тавсифҳо истифода аз ҷумалоти кӯтоҳ, такрори феъл ва маҳорати нависанда барои ҷаззоб кардани матн ба мушоҳида мерасанд.

Мутолеаи осори ёддоштии Убайд Раҷаб нишон медиҳанд, ки гуногунии услуб ба маҳорати нависандагии вай, ки барои татбиқи афкори худ шаклеро интихоб намудааст, вобаста мебошад. Маълум аст, ки дар жанри ёддошт ширкати муаллиф аз тарафи хонанда ҳамеша ҳис карда мешавад. Асари ёддоштӣ ҳамон вақт аз ҷиҳати услуб таъсирнок мегардад, ки муаллиф дидаҳояшро на танҳо нишон диҳад, балки ҳамроҳи он зиста, ҳиссиёташро, ки

маҳсули мушоҳидаву дидаҳояш мебошад, ба воқеияти тасвир омезиш диҳад. Муаллиф ҳар як ҳодисаву воқеа ва ашёро бояд дақиқ ва мушаххас инъикос намуда, оид ба дидаву мушоҳидаҳояш ба хонанда бо забони фаҳмову равшан ҳикоя кунад ва, аз ҷониби дигар, муваффақияту таъсирнокии асарро таъмин созад.

Новобаста ба он ки асарҳои Убайд Раҷаб аз хусусиятҳои жанрии гуногун бархӯрдоранд, бо услуби ягонаашон фарқ карда меистанд. Забони асарҳои ӯ образнок ва дар айни ҳол, ба хонанда фаҳмо мебошад. Масалан, вай як сафарашро чунин либоси бадеӣ пӯшонидааст, ки бо лаҳни равону шеваи муъҷизаосои худ, хонандагонро маҷзуби услуби худ гардонидааст: «…Шаҳр он лаҳзаҳо ғарқи бӯйи баҳор буда, дар соати муайяншуда вохӯрда, ба ҷойи муқарраргардида расиданд. Он солҳо ин манзили интихобкардаи онҳо гӯшаи хеле дур аз шаҳр ва басо канора ва тамоман нообод ба шумор мерафт. Мардуми шаҳр дар баҳорон рӯзҳои истироҳатро асосан дар боли ҳамин пуштаҳо мегузарониданд, ки манзараи шаҳр ва як қисми водии Ҳисор аз ин ҷо хуб менамуд. Ҳама ҷо сабза буд. Офтоб гарм шудан ва рутубат бухор шудан дошт ва шамол майсаву гулҳоро навозиш мекард. Баҳори ҳақиқӣ расида буд…» [36, 142-145].

Тасвири «шаҳр он лаҳзаҳо ғарқи бӯйи баҳор буд» навъе ҳиссомезиро ба назари мо ҷилвагар месозад, зеро дар зери бӯи баҳор ғарқ шуданро инсон танҳо тавассути шукуфтагулҳои айёми мазкур метавонад эҳсос кунад. Таъбири «рутубат бухор шудан дошт» бошад боз ҳам ҷанбаи сабки мардумӣ ва содаву равон доштани нигоштаҳои адиброро ҷилвагар месозад.

Чунин тасвирҳо дар эҷодиёти адиб хеле зиёд истифода шудаанд, ки онҳо услуби адиброро низ то андозае ифода мекунанд. Убайд Раҷаб тозагии нигоҳу суханро дар ибтикорот ва образҳои офаридааш мебинад. Аз ин рӯ, навоварӣ ва ғунҷоиши сухан дар ҳар замон ба умқи хислат, вазъият ва фикрро баён карда тавонистани адиб низ вобаста аст. Оҳанги зиндаи гуфтугӯӣ, ба матн дохил кардани зарбулмасалу мақолҳо, мурочиат, такрорҳо сухани муаллифро дар навбати худ хушоҳанг ва ба хонандааш дастрас

мегардонанд. Масалан, Убайд Раҷаб дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» чунин тасвир намудааст:

«Нависанда,- гуфта буд Мирзо Турсунзода: -Бояд устоди каломи бадеъ бошад. Захираи луғавии халқи худро чунон моҳирона истифода барад, ки хонанда аз мутолиаи асарҳои ӯ дунё-дунё завқ бигирад. Забонро халқ меофарад ва нависанда бояд ба халқ ҳамаи тароват ва ҳусни ин забонро нишон диҳад» [36, 96].

Ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар баробари аз забони содаву ноб бархурдор будан, саршор аз афкори адабии қаҳрамонони он мебошанд, ки асосан онҳоро аҳли адаб ва сухан ба вуҷуд овардаанд. Масалан, дар ин гуфторе, ки аз китоби ёддоштии «Дӯш будам ҳамнишин».... оварда шудааст, маълум мегардад, ки афкори адабии Мирзо Турсунзодаро муаллифи асар бевосита худ шунида ва андешаҳои вайро аз забони вай дар бораи забони назму наср баён мекунад. Чунин афкор ва андешаҳои адибон дар бораи забони адабиёт арзиши ёддоштҳои Убайд Раҷабро низ боло бурдаанд. Баробари ин, ба мушоҳида мерасад, ки нависанда аз гуфтаҳои мазкури устодони сухан илҳом гирифта, мекӯшад, ки худ аввалин шуда он андешаҳои судмандро дар шеваи навиштораш татбиқ намояд.

Убайд Раҷаб зимни офаридани асарҳои ёддоштӣ, албатта, хотироти худро бо каломи рангин офарида, ба завқи хонандаи закитабъ таъсири хуб расонида ва асарро хотирмон месозад. Дар офаридани жанрҳои ёддоштии устод забон чун унсури асосӣ хидмат намудааст. Аз ин лиҳоз, вазифаи ҳар як фард, хусусан аҳли қалам аст, ки ба забон ва истифодаи он муносибати ҷиддӣ дошта бошад. Иқтибоси зерин далели муътамаде барои таъйиди гуфтаҳои мо мебошад: «Нависанда,- таъкид карда буд устод Садриддин Айнӣ, - бояд аз забон ва лаҳҷаҳои халқ сад фоиз баҳра барад. Лекин бояд ӯ забон ва лаҳҷаҳои маҳалҳои ҷудогонаро бо рандаи қоида тарошида ва бо чилбури адабӣ сайқал зада, ҳамабоб карда, ба хонандагони худ диҳад»[38, 98]. Барои татбиқи назариёти устоди насри муосири тоҷик Садриддин Айнӣ низ худи Убайд

Раҷаб дар сабки таълифаш намунаи ибрат мешавад, ки фаровонии аносири забони мардумӣ дар осори ёддоштии ӯ садоқаташ ба ин андешаҳои бузургонро собит мекунад.

Убайд Раҷаб дар асарҳои ёддоштии хеш бештар лаҳзаҳоеро тасвир намудааст, ки хонанда атрофи он фикрронӣ мекунад, чунки тасвири ҳодисаҳо аз заминаҳои рӯйдодҳои воқеӣ сарчашма мегиранд. Дар асарҳои жанри ёддоштии устод ба услубҳои гуногун рӯбарӯ шудан мумкин аст, ки дар байни онҳо ду равияи маъмул: услуби бадеию образнок ва илмӣ-публитсистӣ, ки яке оҳанги лирикӣ, дигаре – сиёсӣ дорад, ҷудо шуда меистанд. Чунончи, аз асари ёддоштии устод «Марди майдони талош» дар қиссаи «Таҳдид» маълум мегардад, қисса оҳанги сиёсӣ дошта, зиддияти коркунони умури дохиларо инъикос мекунад: «Олмуҳаммади Раҷаб зери ситаму тазйиқи ду тан генерал монд. Мушти зӯри ҷонишинони вазири умури дохила А. М. Иванов ва Б. Ф. Зубков сахт гулӯгиру нафастангаш карданд. Аммо наҳаросид, чунки ҳақ ба ҷониби ӯ буду хуб медонист, ки муомилаи генералҳо ва тарзи коргузориашон ба зӯрӣ ва тарсонидани одамон қарор дорад, ки, барҳақ, нодуруст аст» [34, 95].

Иқтибоси фавқ моро ба чунин натиҷагирӣ водор мекунад, ки низоми тоталитарии шӯравӣ имкон намедод, ки ба ғайр аз миллати рус мутахассисони варзидаи миллатҳои дигар фикрашонро баён намоянд. Хурсандиовар аст, ки Олмуҳаммади Раҷаб аз ин даста кормандони мақомоти қудратӣ набуд. Вай дар давоми фаъолияти худ кӯшиш ба харҷ медод, ки адолатро риоят кунад. Ҳамин кордонӣ ва маҳорати баланди касбӣ тавонист ӯро аз зери ситаму таҳдиди минбаъдаи ҷонишинони вазир генерал А. М. Иванов ва Б. Ф. Зубков раҳонад. Бо сабаби нуфузи чунин муколамаҳо ва изҳороти кормандони давлативу мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин ҷо мо ҳамон шеваи баёни сиёсиро дар навиштори адиб мушоҳида мекунем.

Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб оҳангҳои лирикӣ мавқеи арзишманд доранд, ки ин равиш дар қиссаи саргузаштии «Мактаби вазорат» аз ҳамон китоби «Марди майдони талош» баръало эҳсос мешавад. Инро дар образи

Бобо Қодирови панҷакентӣ ва Лидя Соколоваи иркутскӣ дидан мумкин аст. Бобо Қодиров хизмати ҳарбиро дар шаҳри Иркутск ба итмом расонида, бо Лидя Соколова издивоҷ намуд. Меҳру муҳаббат ва садоқати онҳо дуру дароз идома наёфт. Бобо Қодировро волидайн барои издивоҷ бо Лидя Соколова розигӣ надоданд ва духтархолаашро маҷбур фотеҳа намуда, ӯро ба тӯй хондаанд. Бобо Қодиров ба Лидя ба Иркутск баргаштанро таъкид кардааст, аммо духтар розӣ нашуда, сару либосашро гирифта, ҳамроҳи шавҳараш ба роҳ баромадааст. Ин саркашии маҳбубааш ба ӯ хуш наомада, назди хешу таборон бурданро раво надида, тамоми роҳ фикри аз қатора пардофтани Лидяро кардааст, аммо фурсати мувофиқ наёфтааст. Ҳангоми шабона ба Панҷакент расидан, дарвозаи меҳмонхонаро кушода дида, расидем - гӯён муроҷиат намуда, вориди торикӣ гардида, замоно даст ба кушто р зад. Баъди кушто р ҳафт нафарро дастгир намуданд, аммо мурод ҳосил нагардид. Олмуҳаммади Раҷаброро ба ёрӣ даъват намуданд, чунки ӯ Панҷакентро хуб медонист. Дар ҷои ҳодиса Олмуҳаммади Раҷаб қисми варақи обунаи рӯзномаи Иркутск ва калимаи хираи Соколоваро тахмин кард. Инак, роҳи вилояти Иркутскро пеш гирифта, аз он ҷо ҷавоби даркориро дастрас намуд. Духтаре бо номи Лидя Соколова ҳамроҳи Бобо Қодиров ном ҷавоне, ки дар хизмати ҳарбӣ будааст, ғайб задааст. Ба Панҷакент омада, рост ба меҳмонхонаи падари Бобо Қодиров рафтанд, он ҷо аз одам пур буд. Олмуҳаммади Раҷаб ҳамаи одамонро аз назар гузаронид ва чашмаш ба як ҷавони тозалибосе афтод, ки дар кунҷе танҳо менишаст. Тахмин кард, ки он ҷавоне, ки ман ҷустуҷӯ мекунам, ҳамон аст. Номашро ба забон гирифту донист, ки хато накардааст. Ҳангоми саволу ҷавоб мушаххас шуд, ки муҷрим худи ӯ будааст. Олмуҳаммади Раҷаб дар муддати се шабонарӯз ҳалли ин муамморо ошкор намуда, бегуноҳро аз ҳабс озод намуд. Ба воситаи ин саргузашти воқеӣ Убайди Раҷаб моҳияти инсони комилро дар шахсияти қаҳрамони лирикӣ ва андешаҳои созандаи ӯ равшану возеҳ баён намудааст.

Маълум аст, ки Убайд Раҷаб дар навбати аввал шоири соҳибном буд ва ҳамин сабаб шудааст, ки дар сабки нигориши осори насрии вай падидаҳои

ҳунари шоирӣ низ ҷилвагар шаванд. Ин пеш аз ҳама дар эҷоди тасвирҳои бадеии шоирона ҳангоми баёни ҳодисаву воқеаҳо, тасвири чеҳраҳои марказӣ, манзараҳои табиат ва амсоли ин ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, дар қисмати ёддоштҳое, ки дар бораи Пулод Толис навиштааст, бахше номи 18 апрели 1956 ном гирифтааст ва дар он манзараи табиат чунин тасвир шудааст: «Ҳаво гарм шуду рутубати замин, ки аз резабороні паёпаи бисёршабонарӯзӣ афтида буд, каме бардошта шуд ва гулу гиёҳи нигарони ҳавои тафсон ҳама ҷон гирифт ва талу пуштаҳои урён сабзпӯшон шуданд. Тика-тика абри сафед, монанди киштии бодбондор, дар осмони нилӣ чун дар баҳри орому беканор шино мекард. Кас хона нишастан намехост, майли берун рафтану дар гӯшаи дур аз шаҳри пур аз ғавғо соате тани танҳо маъво гирифтан мекард.. [36,142]

Дар ин баёни нависанда мо таркибҳои афтидани рутубати замин ва бардошта шудани он, нигаронии гулу гиёҳ аз ҳавои тафсон, ҷон гирифтани гулу гиёҳ ва сабзпӯшон шудани талу пуштаҳои урён дучор меоем, ки баробари бозгӯии шеваи шоиронаи баён будан навъе аз ҳузури санъати ташхис паём мерасонанд. Баробари ин, нависанда тика-тика абрҳои осмонро ба киштии бодбондор ва худи осмони нилиро ба баҳри беканор монанд мекунад, ки ҷилваи шоиронаи санъати ташбеҳро дар баробари ташхис нишон медиҳад.

Шеваи дигари таҷассуми баёни шоирона дар навиштаҳои Убайд Раҷаб тасвири муколамаҳои шеърии адибону нависандагон ба шумор меравад. Масалан, дар идомаи ҳамин матлаб дар зимни шарҳи нукоти рӯзгори Пӯлод Толис Убайд Раҷаб изҳор медорад, ки он рӯз бо пешниҳоди ин нависанда, ки ҳамзамон сармуҳаррири маҷаллаи «Шарқи сурх» буд, онҳо ба берун аз шаҳр ба сайругашт мераванд. Вақте ба болои кӯҳ мерасанд гӯё аз манзараи зебои табиат ба илҳом омада ба шеърхонӣ оғоз мекунанд. Ин ҳолатро Убайд Раҷаб хеле шоирона тавассути тасвири ҳолу ҳавои шеърхонии адибон чунин тасвир мекунад: «Толис ба сӯи шаҳр нигарист ва ду даст ба ҳаво бардошта чуқур нафас кашид ва замзама кард:

Баҳор дурру гуҳар мекашад ба домани абр,

Нисори маркаби урдубиҳишту азҳоро.

Фазлиддин Муҳаммадӣ пайрав шуд:

Гар баҳори умр бошад боз бар тарфи чаман,

Чатри гул дар сар кашӣ, эй мурғи хушхон, ғам махур.

Файзулло Ансорӣ давом дод:

Гули сурх чинад баҳори сафед,

Гули лаъл бинад гаҳе мушкбед.

Толис баргашту курта аз тан кашид ва дигаронро даъват кард, ки ибрат гиранд ва дастархон густурду ишора кард:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,

Бе бода баҳор хуш набошад. [36,144]

Чунин шеваи баён дар китоби «Зинда ба ишқ», ки ёддоштҳое дар бораи шоири маъруфи тоҷик Мирзо Турсунзода мебошад, ба мушоҳида мерасад. Аз рӯи нақли устод Мирзо Турсунзода Убайд Раҷаб сафари чор нафар адиби тоҷик- Мирзо Турсунзода, Ҷалол Икромӣ, Баҳриддин Азизӣ ва Ҳаким Каримро ба Русия тасвир мекунад. Вақте онҳо огаҳ мешаванд, ки раиси Девони вазирони Тоҷикистон рафиқ Ҳоҷибоев дар Маскав аст, назди ӯ меравад. Як лаҳзаи ҷолиби суҳбаташон, ки бисёр шоирона тасвир шудааст, чунин нақл шудааст: «Роҳи Майдони Сурх ним мешавад ва гуфтугӯи Раиси Девони вазирон бо нависандагони ҷавон тасф мегирад.

- Хайр сафар ягон чӣ дод? Таассурот чӣ тавр? Баъди баргаштан ягон чиз менависед? – мепурсад Ҳоҷибоев ва илова мекунад. – Майлаш боз ду- се рӯз истеду аз вақт самаранок истифода бared. Суратхонаи Третяковро бинед, расадхонаро тамошо кунед, ба боғи ҳайвонот равед, майлаш боз панҷ сӯмӣ илова мекунам. Равед ки барои ҳар кадом чил сумӣ. Ҳиммат аз ин баланд намешавад.

- Домулло, аз гуфтаатон берун намебароем, ҳамашро мебинем, лекин боз каме ҳиммат кунед. Чунонки Шайх Аттор мефармоянд:

Дар саховат кӯш агар дорӣ ғано,

То физояд обрӯят аз сахо.

Ҳар киро бар халқ бахшоиш бувад,

Обрӯи ӯ дар афзоиш бувад.

- Дуруст мегӯед, аммо фаромӯш набояд кард, ки ҳамин Шайх Аттор боз гуфтааст:

Аз қаноат ҳар киро набвад нишон,

Кай тавонгар созадан моли ҷаҳон.

ва шоири дигар «Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ» мегӯяд. Кам аст, лекин қаноат кунед. [35,40-41]

Убайд Раҷаб, бо ин ки як адиби чирадаст буд, ҳамчунон рӯзноманигори халлоқ ба сабки публисистӣ низ дар навиштаҳои хеш аҳамияти калон додааст, ки дар ин хусус мо дар мақолаи ҳаммуаллифии хеш бо устод Ф. Ҳусейнзода ишора намудем. Мо ҳамроҳ бо устод дар рафти пажӯҳиш ва боздид аз бойгонии Убайди Раҷаб маълум намудем, ки маводи мавҷуди дастнахӯрда ва комилан чопнашударо ба гурӯҳҳои зайл ҷудо кардан мумкин аст, ки сабк ва тарзи баёни ӯро возеҳ мегардонад: Якум, гузоришҳое, ки хусусияти забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ доранд. Ба ин «Забон ва ҳусни баён» [1978], «Қайдҳо аз хусуси адабиёти бачаҳо» [1978], «Дар баёзи адабиёти кӯдакон ва наврасон», «Адабиёти бетанқид [1978], «Адабиёти кӯдакон ва тарбияи ахлоқ» [1979] ва ғайра мисол шуда метавонад.

Бо такя бар ин матолиб равшан метавон изҳор дошт, ки Убайд Раҷаб на танҳо шоири бачагон, балки мунаққиди адабиёти бачагон ва дар умум адабиёти тоҷик ба шумор меравад, ки чанд мақолаи боло далели возеҳи гуфтори мазкур маҳсуб меёбад.

Дар баробари ин, аз унвони мақолаҳои мазкур бармеояд, ки ҳарчанд бештари онҳо бо шеваи публистистӣ гӯё ба қалам омадаанд, вале дар аксари онҳо падидаҳои муҳими накду сухансанҷӣ ҷой дошта, аносири сабки илмиро низ дар нигоштаҳои устод ҷилвагар месозанд.

Масалан, дар мақолаи «Забон ва ҳусни баён» адиб кӯшидааст, ки диққати ҷиддии хонандаро оид ба ҳусни баён дар матбуот ва садову симо [телевизион] ҷалб намояд. Аз ҷумла дар ин мақола таъкид мекунад, ки миллионҳо нафар одамон аз навгонӣ ва бозёфтҳои давр маҳз тавассути радиову телевизион ва матбуот огоҳ мегарданд. Пас, он бояд воқеияти рухдодаро равшан ба мардум расонад. Худихтироъкориҳову кашфкориҳои нолозим ҷоиз нест. Убайд Раҷаб таъкид мекунад, ки «Забон ва тарзи баёни матбуот ва радиову телевизионро махсус сохтан ва бофтан мумкин нест. Забони матбуот ҳамонест, ки барои аксарияти мардум фаҳмост ва ба забони зиндаи халқ такя мекунад, мувофиқи қоидаҳои китобат аст. Дар айни ҳол он забони шахшудае нест, он забон ба монанди зиндагӣ бой мешавад, пеш меравад ва такмил меёбад. Баъзеҳо, хусусан кормандони қисме аз рӯзномаҳо даъвое доранд, ки ҳусни забон ва рангинии баёнро риоя кардан кори нависанда мешавад, чунки вазифаи матбуоти ҷорӣ, ҳар навъ ки бошад, то ба мардум расонидани воқеаҳои рӯз аст. Ба гумони ғолиб, ин тавр фикр кардан ғалати маҳз аст. Зеро матбуот, дар баробари чораҷӯи навъҳои зиндагӣ буданаш, паҳнкунандаи он тозагиҳоест, ки тавассути зиндагии ҳаррӯзаи халқ дар забони зинда ба миён меояд. Яъне рӯзноманигорон ҳам тавлидкунандаву тарғиботчӣ ва ҳам пуштибони доимии навиҳои забони зиндаи халқанд. Бинобар ин, тозагии он ба риояи қоидаву қонуни забони китобат ва дуруст ба қолаби умумии забон рехтани калимаву иборахои нав вобастагӣ дорад». Аз ин навиштаҳо равшан мегардад, ки Убайд Раҷаб ҳамчун публитсисти шӯълавар низ дар матбуоти даврӣ баромад намуда, роҷеъ ба муаммоҳои забони давлатӣ ва миллӣ андешаҳои судманд баён доштааст.

**Ҳамин тариқ**, аз мушоҳида ва пажуҳиши маводи дар ихтиёри мо қарордошта аз Убайд Раҷаб бармеояд, ки осори ёддоштии ӯ бо забони содаву фаҳмо ва дур аз тасвирҳои мушкилписанд ва баёни душвор таълиф гардидааст. Ҳамчунон, дар ёддоштҳояш вижагиҳои сабки содаву равон, ки дар осори мансури нависандагони қабл аз худ, хоса дар шеваи нигориши устод Садриддин Айнӣ истифода шудаанд, баръало эҳсос мегарданд. Ин, пеш

аз ҳама, аз истеъдоди фавқулода ва табъи салими муаллиф дарак медиҳад. Дар асарҳои ёддоштии устод аз услубҳои мухталиф ба монанди услуби бадеии дорои тасвирҳои ҷаззоб ва гоҳо илмӣ-публитсистӣ низ истифода шудааст.

Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб худи муаллиф нақши калидиро мебозад, ки ӯ бо мухотабони худ самимона суҳбат менамояд ва ҳамсуҳбатони адиб аз намояндагони мухталифи ҷомеа мебошанд. Шеваи ҷолиби иншо ва махсусияти муҳими ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар он зоҳир мешавад, ки бештари мухотаб ва қаҳрамонони марказии ёддоштҳои ӯро аҳли сухан, шоирону нависандагон, донишмандону адибон ва ходимони давлативу ҷамъиятӣ ба вуҷуд овардаанд. Дар саргаҳи шахсиятҳои мухотаб ва чеҳраҳои марказии ёддоштҳои Убайд Раҷаб симои устод Садриддин Айнӣ қарор гирифтааст, ки дар фасли алоҳидаи ин боби рисола мавзӯи мазкур мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

## 2.3. Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб

Таваҷҷуҳ ба ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик равшан месозад, ки дар ин навъ осори то замони мо ба қалам омада, офариниш ё бозтоби чеҳраи устод Айнӣ яке аз тамоюлҳои муҳимро ба вуҷуд овардааст. Дар асарҳои ёддоштии Ҷалол Икромӣ «Устоди ман, мактаби мактаби ман, худи ман» ва «Он чӣ аз сар гузашт» устод Айнӣ аз чеҳраҳои марказӣ ба шумор меравад. Соли 1968 Юсуф Акобиров бо ҳаммуаллифии Ш. Ҳарисов қиссаи мустанадеро бо номи «Садриддин Айнӣ» дар шаҳри Маскав ба чоп расонид. Баъдан дар меҳвари романи «Дунё ба умед»-и ин нависандаи соҳибноми тоҷик симои бадеии устод Айнӣ дар образи Бадриддинхоҷа қарор гирифт. Ҳамзамон, соли 1977 қиссаи нависандаи тоҷик Ӯрун Куҳзод бо номи «Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз» ба табъ расид, ки дар он порае аз рӯзгори устод Айнӣ ба риштаи тасвир кашида шудааст. Дар назми тоҷик бошад, ҳарчанд ашъори зиёде дар анвои хурди ғиноӣ дар ситоиш ва офариниши чеҳраи устод Садриддин Айнӣ суруда шудаанд, аммо ягона достони

мухташам «Чароғи абадӣ»-и устод Мирзо Турсунзода мебошад, ки симои бадеии ин абармарди адабиёти муосири тоҷик офарида шудааст.

Таваҷҷуҳ ба он чӣ дар заминаи симои бадеии устод Айнӣ дар насри муосири тоҷик офарида шудааст, ин нуктаро равшан менамояд, ки нависандагони мо, ки шогирдону пайравони устод ба шумор меравaнд, дар таҷассуми чеҳраи устоди хеш аз ду шева кор гирифтаанд. Нахуст, тавассути идомаи суннати ёддоштнависӣ воқеиятҳои зиндагонии хешро, ки ба устод Айнӣ пайванд доранд, ба қалам овардаанд. Масалан, устод Ҷалол Икромӣ дар китоби «Он чӣ аз сар гузашт», хотироти зиёдеро аз рӯзгори устод Айнӣ овардааст. Аз ҷумла, лаҳзаи ба хонаи падари худ меҳмон шудани устод Айнӣ ва бо ташвиқи он кас ба кушодани мактаби нав иқдом намудани ӯро чунин тасвир намудааст: «Устод Садриддин Айнӣ ҳам дар Қарокӯл меҳмони падарам шуда, дар он хона чанд рӯз истиқомат карда буданд ва дар ҳамон сафарашон падарамро ба кушодани мактаби нави ҷадидӣ ташвиқ карда, бовар кунониданд, ки агар моро [писаронашонро] дар мактаби нав хононанд, дар андак муддат бохатту савод гашта, соҳиби илму маърифат мешавем. Падарам ба гапи он кас бовар кард ва мактаби ҷадидӣ кушод, ки муаллими аввали он мактаб – Атоуллохоҷа – яке аз ҷадидони Бухоро, хеши Файзуллохоҷа буд. Атоуллохоҷаро ба мо кӣ фиристод, равшан гуфта наметавонам, вале тахмин дорам, ки ӯ бо тавсияи Садриддин Айнӣ омада буд. Зеро Айнӣ дар вақти мактаби ҷадидиро ташвиқ карданаш, гуфта буд, ки муаллим ёфта фиристоданаш ба зиммаи вай аст. Падарам пештар бо Атоуллохоҷа ошноӣ ва алоқа надоштанд [36,55]

Дар бахши дигари осори бадеӣ, ки дар бораи устод Айнӣ навишта шуданд, бештар кӯшиши офаридани образи бадеии ӯро намудаанд, ки ин шева дар асарҳои насрии Юсуф Акобиров, Ӯрун Кӯҳзод ва достони манзуми устод Мирзо Турсунзода ба чашм мерасад.

Устод Убайд Раҷаб низ ба шеваи аввал, яъне иншои ёддоштҳои воқеӣ дар бораи устод С. Айнӣ чор лаҳзаи зиндагонии ӯро, ки бевосита худ шоҳиди он будааст, ба қалам даровадааст. Нахуст, шоир мужда медиҳад, ки ҳанӯз дар

даврони хонандаи синфи 3-4 буданаш тавассути тарғиб ва ташвиқи омӯзгорони забон ва адабиёт аз «Мактаби кӯҳна» ва «Одина»-и С. Айнӣ бохабар гардидааст. Чеҳраи устодро аз китобҳои давраи мактабӣ дида, дар дил орзуи бо ин пири хирад суҳбат карданро мепарварид. Аммо ин имкон фақат дар вақти таҳсил дар Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ба ӯ даст додааст.

Аз рӯи ёддоштҳои устод Убайд Раҷаб маълум мешавад, ки ҳангоми таҳсил дар мактаб муаллим Шариф Зарифӣ, ки аз фанни табиатшиносӣ дарс мегуфт, бо мақсади табиати диёрро беҳтар омӯхтан, як гурӯҳи хонандагонро ба саёҳати сарбанди канали Марғедар мебарад, ки дар ин гурӯҳ Убайд Раҷаб ҳам шомил буд.

Субҳи барвақт, зардии шуълаи офтоб ба фарқи кӯҳҳои атроф нақш напартофта, шиори «Кишвари худро хубтар меомӯзем!»-рӯйи даст, ба роҳ баромаданд. Ҳар мавзеи мувофиқе, ки пеш меомад, муаллим Шариф Зарифӣ ба онҳо маълумот медод.

Дар аснои сафар муаллим Зарифӣ суҳбати он ду мардеро, ки дар байни коргарон буданд, дида, ба бачаҳо бо овози нимшунаво гуфт:

– Медонед, ки ин ду мард кистанд? Оне, ки гап гӯш мекунад, котиби аввали кумитаи ҳизби ноҳияи Панҷакент, ҳамдеҳаамон Шарофи Муҳаммадӣ ва оне, ки сухан мегӯяд, устод Садриддин Айнӣ мебошад [36, 3-4].

Дар сабки нигориши нависанда ҳам ҷаззобияти хос ва бадеияти муносиб дида мешавад. Масалан, тасвири манзараи дамидани офтоб бисёр муассир аст, зеро онро нависанда ба сурати «зардии шӯълаи офтоб ба фарқи кӯҳҳои атроф нақш напартофта» тасвир кардаас, ки баёне шоирона дорад.

Убайд Раҷаб лаҳзаи бори аввал шунидани номи устод Айнӣ ва мушоҳидаи симои вай, инчунин асари аввали бархӯрди хешро чунин тавсир кардааст: «Чашмҳо бо шунидани номи устод Айнӣ мош барин кушода шуданд. Дар баданам мурғак давид. Намедонам бо кадом сабаб бошад, ки такрор ба такрор ба рӯю мӯ ва чашму абрӯи устод менигаристем, хаёлан чеҳраашро ба сурати дар китоб дидаам муқоиса мекардам ва муқоиса тӯл

мекашид, чунки устодро дар сурат хилъатпӯш ва салладор дидаам. Ман то ин вақт китобҳои «Мактаби кӯҳна» ва «Одина»-ро хонда будам, албатта орзуи дидани нависандаро дар дил мепарвардам, аммо чунин мулоқоти ногаҳониро ҳаргиз чашмдор набудам. Ҳамин аст, ки дида ба рӯи устод медӯхтам, то симояшро ҳар чӣ беҳтар дар оинаи чашм ва ҳарфашро дар пардаҳои гӯш нигаҳ дорам. Ҳазл, не устод Айнӣ дар рӯ ба рӯи мост, чунин толеъ насиби ҳар кас намешавад» [36, 4].

Дар ин ҷо ба мушоҳида мерасад, ки ҳарчанд Убайд Раҷаб воқеияти аввалин дидори хешро бо устод Айнӣ тасвир кунад, таъсири ҳиссиётбарангези ин вохӯрӣ имконият додааст, ки бо як маҳорати тамом ва диди бадеӣ онро ба қалам оварад. Аз ҷумла, лаҳзаи мазкурро чунин тасвир мекунад, яъне «ҳамин аст, ки дида ба рӯи устод медӯхтам, то симояшро ҳар чи беҳтар дар оинаи чашм ва ҳарфашро дар пардаҳои гӯш нигаҳ дорам». Таъбири симояшро дар оинаи чашм ва ҳарфашро дар пардаҳои гӯш нигаҳ дорам» [36,4] тасвири шоиронаест, ки каломи адибро муассир ва ҷаззоб гардонидааст. Аз ин ҷо натиҷа метавон гирифт, ки дар сабки ёддоштҳои Убайд Раҷаб ҳамон ҳунари шоирии ӯ ҷилвагар шудааст ва ин боис ба эҷоди тасвирҳои зиёди шоирона низ гардидааст.

Дар ин ёддошти Убайд Раҷаб чанд нуктаи муҳими дигари марбут ба зиндагиномаи устод Айнӣ шарҳу тафсир ёфтаст. Дар навбати аввал ба навиштаи муаллифи ёддоштҳо вақте онҳо ба назди устод Айнӣ мерасанд, он вақт аллакай ин суханвари бузург дар бораи сабаби омаданашон ба болооби Зарафшон сухан мекарданд. Аз ҷумла ба навиштаи Убайд Раҷаб устод Айнӣ чунин изҳор доштанд:

«- Каме дертар омаданӣ будам.- гуфт- аммо Шарофи Муҳаммадӣ ба ҳолам нагузошт, гуфт, ки айни долу зарби кори сохтмон аст, коргарон иштиёқманди суҳбати шумоянд. Корҳои заруриро як сӯ гузоштаму ба ҳузуратон расидаам [36, 5].

Дар идомаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб як нуктаи бисёр муҳим равшан мегардад, ки дар ҷараёни ин сафар устод Айнӣ ҳанӯзам дар масъалаи дақиқ

намудани зодгоҳи устод Рӯдакӣ корбарӣ намуда истода буданд. Ин матлаб аз ин навиштаи Убайд Раҷаб дар давоми тафсири ин лаҳзаҳо равшан мегардад: «Устод Садриддин Айнӣ боз гуфт, ки бисёр мехост Панҷрӯдиёнро бубинад. Як гурӯҳ, аз ҷумла Бобоҷон Ғафуров ин деҳаро зодгоҳи Рӯдакӣ меҳисобанд. Тахминашонро гуфтаи баъзе аз таърихнависону саёҳони гузашта тасдиқ мекунад.

Ҳам сохтмонро мебинаму ҳам Панҷрӯдро гуфтаму аз рӯҳи Рӯдакӣ мадад хоста, аз хона баромадам. – илова кард устод. Шояд навиштаи гузаштагон рост ояд ва зодгоҳи устоди бузургвор муқаррар гардад[38, 8].

Баъдан, Убайд Раҷаб манзараи фаромӯшнопазири зиндагонии худ, ки устод Садриддин Айнӣ бо муроҷиат ба хонандагони мактаб, ҳамсабақони муаллифи ёддоштҳоро чунин тасвир мекунад:

«- То ин булбулакони боғи дониш дар куҷо будани қабри бобокалонашонро мисли мо кофта нагарданд ва ифтихор кунанд, ки набераи ҳақиқии Одамушшуаро ҳастанд» [36, 5].

Ибораи булбулакони боғи дониш, албатта, таркиби шоиронаи худи устод Садриддин Айнӣ ҳаст, ки баргирифта аз як шеъри маъруфи суханвар аст:

Эй булбулакони боғи дониш,

Шодона таронаҳо муборак.

Ин ҷо низ ҳамон таъсири сабки шоирии Убайд Раҷаб дар насри вай ба таври барҷаста ҷилвагар аст.

Ишорати Убайд Раҷаб дар ин ёддошти хеш аз мулоқот бо устод Садриддин Айнӣ равшангари он аст, ки он дар рӯзҳое иттифоқ афтодааст, ки сардарафтари адабиёти муосири мо дар ҳаллу фасли масъалаи дақиқ намудани зодгоҳи устод Рӯдакӣ кӯшишу талош доштаанд. Ин ҷо нуктаи дигаре ҳам маълум мешавад, ки ҳамин мисраи шеърии устод Айнӣ дар хотири Убайд Раҷаб аз ҳамон ҷо боқӣ мондааст.

Вохӯрии дуюми Убайд Раҷаб бо устод С. Айнӣ баъд аз даҳ соли дидорбинии аввалаш дар интихобот сурат гирифтааст. Он вақт хатмкунандаи омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент будааст. Устод Садриддин Айнӣ барои бо интихобкунандагон вохӯрдан аз шаҳри Самарқанд омадааст. Он вақтҳо дар мактабҳо роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти устод дарсҳои иловагӣ медоданд. Дар ин маврид Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои хеш чунин менависад: «Мардуми Панҷакент устодро ба Шӯрои Олии умумииттифоқ номзад пешбарӣ карданд. Устод барои бо интихобкунандагон вохӯрдан аз шаҳри Самарқанд омад.

Он рӯз шаҳри Панҷакент намуди идона дошт. Дару девор пур аз варақае буд, ки сурат ва мухтасари шарҳи ҳоли устодро акс мекард. Аз байтҳо ва гуфтаҳои устод шиор навишта буданд. Рӯзномаи ноҳия шумораи алоҳидаеро аз чоп баровард. Дар мактабҳо роҷеъ ба ҳаёт ва эҷодиёти устод дарсҳои илова медоданд.

Ба вохӯрӣ аз ҳама зиёд омӯзишгоҳ тайёрӣ медид. Мо шеър ёд мекардем ва китоб мехондем. Муаллим Абдуҷаббор Шарифзода дар ҳар дарс аз хусуси нағз омода будан ба мулоқот сухан мегуфт ва таъкид мекард, ки мо ҳамчун интихобкунанда бори аввал дар интихобот ширкат мекунем, бинобар ин асарҳои номзади худро дақиқ хонем ва донем, мабод, ки устод суоле диҳаду надониста мулзам шавем. Ба омӯзишгоҳ қадам ранҷа кардани эшон аз эҳтимол дур нест[36, 5].

Ба навиштаи муаллифи ёддоштҳо ҳарчанд устод Айнӣ ба омӯзишгоҳ ташриф наоварданд ва он мулоқот дар маркази фарҳанг ҷой гирифт, аммо саодати ширкат дар мулоқотро пайдо намудааст. Дидори дувуми хешро, ки барояш як хушбахтии бузург ба ҳисоб мерафт, Убайд Раҷаб дар ёддоштҳояш чунин тасвир кардааст: «Устод Садриддин Айнӣ дар ҳалқаи сарони шаҳру ноҳия намоён шуданду садои кафкӯбӣ ба фалак печид.

Маҷлис қолабӣ сурат гирифт. Раиси шаҳр бо пешгуфтори пешакӣ навиштааш ба вохӯрӣ ҳусни ифтитоҳ дод. Аз он пас як нафар коргари корхонаи биринҷ, як нафар говдӯши колхози назди шаҳр ва як нафар

муаллим сухан гуфт ва ҳар кадоме хидмати устодро дар адабиёт ва пайванди ҳамешагиашро бо мардуми водии Зарафшон, хоса Панҷакент, ёдрас кард ва чанд супориш дод. Устод айнак дар чашм дошт, ба рӯи нотиқ зиракона менигарист ва сар ба тасдиқи суханаш меҷунбонид ва қалам дар даст чизеро дар коғаз менавишт, ҳарферо аз ёд бурдан намехост» [38, 6]

Тасвири зоҳирии устод, ки дар дидори муҳассили омӯзишгоҳи омӯзгорӣ ва ҳамакнун нависанда ва шоири маҳбуб бо як равиш ва сабки шевои иншо ҷилвагар аст, маҳорати нависандагии муаллифро низ нишон медиҳад. Убайд Раҷаб нахуст тарзи либоспӯшии устодро тасвир намуда, баъдан манзараи суҳбати ӯро барои хонандаи худ ба қалам меоварад: «Тоқии чустӣ дар сар, камзӯлу шими чугунчаи сафеду зардтоби аврупоидӯхт дар тан ва риши сап-сафед дошт. Навбати сухан гуфтани устод омад. Толорро дубора мавҷи кафкӯбӣ фаро гирифт. Устод зери ғулғулаи кафкубӣ аз ҷой хест, аммо суи минбар нарафт, пеши мизи раёсат гузашт, аввал гулӯ афшонд, сипас ба гуфтан пардохт. Толор хомӯш гашт, тавре ки пашша пар занад, садояш шунавида мешуд.

Устод Садриддин Айнӣ барои эҳтироме, ки мардуми Панҷакент ин бор ҳам зоҳир карданд, миннатдорӣ кард ва ин ҳурмати ӯро ба адабиёти тоҷик нисбат дод, ҳамчунин ба ҳукумати Тоҷикистон арзи сипос кард, ки хидмати як нафар суханварро баланд қадр мекунад.

Баъд дар бораи дастовардҳои адабиёти тоҷик, ба воя расидани шоиру нависандагони болаёқат ва чопи китоби онҳо ҳикоя кард. Аз он пас аз зиндагии худ гап зад. Аз хусуси азобу уқубаташ дар овони ҷавонӣ дар мадраса, шиносоияш бо эҷоди Аҳмади Дониш ва андешаҳои рӯшанфикрон ва нахустин расонаҳои ахбори умум, таъқибаш аз ҷониби одамони амир, ба ҳабс гирифтанду зада-зада ба дарбор назди қӯшбегию амалдорони амир бурданаш ва бо фармуди одами кӯшбеги ӯро як мушт задани кӯдаки чаҳорсола ва бо чӯби илғаи якуниморшинӣ ба амри қӯшбегӣ аз ҷониби ду мириғазаб ҳафтоду панҷ чӯб заданаш, чӣ тавр озод шуданаш, аз зарбаи ҳафтоду панҷ чӯби амир «воҳ» нагуфта, дар тахти парчами сурх, дар ҳолате, ки сарбози инқилобӣ аз

зери бағалаш медошт, рост истода, аз гиря худдорӣ карда натавонистанаш нақл мекунад» [36, 6].

Убайд Раҷаб ҳарчанд ин суханонро аз забони устод Айнӣ нақл мекунад, аммо равшан аст, ки вай дар баробари нигоҳ доштани сабки содаву равони сухани устод кӯшидааст, ки матлабҳои муҳимтаринашро аз забони вай нақл намуда, ба ин восита саҳифаҳое аз рӯзгори ӯро ба қалам оварда, ба ин восита барои хонандаи хеш чанд далели нодирро аз рӯзгораш биоваранд. Ҳамин баёни мустанад, ки нахуст аз дидаҳои хеш Убайд Раҷаб баён мекунаду баъдан шунидаҳояшро аз забони устод Айнӣ нақл менамояд, баёни воқеӣ ва мустанади ёддоштҳои нависандаро бозтоб бахшидааст.

Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб як нуктаи бисёр муҳим дар бораи рӯзгори устод Айнӣ таъкид шудааст, ки бисёр муҳим мебошад. Бори аввал намоиш дода шудани филмномаи ҳуҷҷатие, ки дар бораи устод Айнӣ ба навор гирифта шудааст, сухан кардани худи нависандаи маҳбуб ва намоиш дода шудани он санади қобили таваҷҷуҳ мебошад, ки аз тариқи ёддоштҳои Убайд Раҷаб ба ҷузъиёти он ошно мешавем. Он ҷо таъкид шудааст: «Бисёр сухан гуфтан мехост устод, аммо сурфа гулӯгир шуд ва нагузошт, ки ҳарфи дилро бигӯяд. Бо руймолча арақи пешониро пок кард ва як қулт чой нӯшид ва гуфт:

-Ду ҳафта боз нотоб ҳастам, ҳанӯз тамоман сиҳат нашудаам, рӯзи мулоқот, ки таъйин шуда буд, духтурҳо ризоят надода бошанд ҳам, табобатро нотамом гузошта, назди шумо омадам. Гумон доштам, ки тағири ҳаво дардро рафъ мекунад. Аммо ин тавр нашуд.

Устод аз кормандони кино хоҳиш кард, ки ба ӯ мадад расонанду навбатро бигиранд.

-Ҳукумати Тоҷикистон,-гуфт устод,-зиндагии моро кино кардааст, як нусха ҳамроҳ овардам. Аз киночиҳо хоҳиш мекунам, ки намоиш диҳанд. Ман ҳам дар қатори шумо тамошо мекунам.

Баргашта ба ҷои худ рафт устод. Садри маҷлис чанд пешниҳоди пешакӣ дар коғаз сабтшударо хонд. Баъд ҳайъати раёсати маҷлис поён омаду

дар ҳаракати аввал қатори мо нишаст ва толорро торикӣ ба бар гирифт ва чеҳраи устод дар экран тобид. Зери садои мусиқии шинос тавассути тасвирҳо ва нақли ровӣ бори дигар аз мадди назар гузашт. Он чи устод чанд чашмзад пештар гуфт ва он чи гуфтан мехосту гуфтан натавонист, ҳама дар навор сабт шуда буд. Ҳангоме ки намоиш поён ёфту толор аз нав чароғон гашт, дар чашми хеле касон ашк ҳалқа мезад.

Филми ду қисмаи мустанад, ки таҳиягар Борис Кимёгаров бо суприши ҳукумати Тоҷикисон ба навор бардоштааст, ҳусни хотимаи маҷлиси мулоқот гашт [36,7].

Вохӯрии сеюми Убайд Раҷаб дар маҷлиси бошукӯҳе иттифоқ афтода буд, ки бахшида ба 75-солагии зодрӯзи Айнӣ сурат гирифта буд. Мутаассифона, устод Айнӣ ба сабаби бемориӣ дар ин маҷлис иштирок карда натавонист, танҳо ба воситаи радио аз бистари бемориаш сухан кард. Бобоҷон Ғафуров он лаҳза раисии маҷлиси бошукӯҳро бар дӯш дошт. Вақте ки устодро дар он ҳалқаи садри маҷлис надиданд, маълум гардид, ки бемори бистарианд.

Дидори чоруми Убайд Раҷаб бо устод С. Айнӣ дар рӯзи видоъ сурат гирифтааст.

Аз рӯи навиштаи нависанда 15-уми моҳи июли соли 1954 ӯ дар ҷойи кораш нишаста буд, ки шоир Файзулло Ансорӣ бо телефон вафоти устодро хабар медиҳад. Файзулло Ансорӣ ҳамон вақт дар бахши хориҷии садои ҷумҳурӣ ба сифати сармуҳаррир хидмат мекард. Баъд онҳо ба саробӯстони ҳукумат рафтанд, аммо устодро наёфтанд. Баъд аз он ба хонаи устод омаданд ва расми азодорӣ ба ҷо оварданд. Лаҳзаи видоъ Убайд Раҷаб аз канори тобути С. Айнӣ гузашту ба рӯйи устод нигарист ва чеҳраи вай ба назари адиб нуронӣ ҷилва менамуд. Гумоне даст дод, ки ӯро баъди заҳмати бардавоми пурмашаққат ва хастаҳолию бедорхобиҳо ғанаб бурдааст. [36, 20] Ин ҳамон лаҳзаи охирини дидорбинии Убайд Раҷаб бо устод Садриддин Айнӣ мебошад, ки дар ёддоштҳои ӯ тасвир шудааст. [36, 20-22]

Таваҷҷуҳ ба чаҳор нуктаи марбут ба зиндагиномаи устод Айнӣ, ки дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб тасвир ёфтаанд, равшан менамояд, ки воқеан рӯзгори устоди адабиёти муосири тоҷик ба як ҷаззобияте аз як марҳилаи муҳими умри азизи ӯ то поёнаш дар пайванд ба зиндагонии муаллифи ёддоштҳо ба қалам омадааст.

Ба таври куллӣ , аз ёддоштҳои устод Убайд Раҷаб маълум мешавад, ки чеҳраи Садриддин Айнӣ дар навиштаҳои ӯ ҷойгоҳи хос дорад ва ин адиби забардасти кӯдакон дидаву шунидаҳои хешро роҷеъ ба асосгузори адабиёти муосири тоҷик ба таври хоса ва сабки равону ҷаззоб тасвир намудааст. Аз нигоришоти Убайд Раҷаб дар баробари воқеиятҳои зиндагии устод саҳифаҳои муҳими адабиётшиносии тоҷик низ равшан мегардад, ки дар зимни он хидматҳои устод Айнӣ дар таъйини зодгоҳи Одамушшуаро Рӯдакӣ ба шумор меравад. Нуктаи дигари муҳим дар ин ёддоштҳо тасвири тарзи зиндагонӣ, либоспӯшӣ, одоби суханварӣ ва ҳатто нуктаҳои ҷолиби рӯзгори устод аз забони худи ӯ мебошад, ки ҳамагӣ дорои аҳамияти муҳими илмӣ ва адабӣ мебошанд. Тамошои филмнома дар бораи устод Айнӣ, ки бо коргардонии Борис Кимёгаров таҳия шудааст, аз ҷумлаи санадҳои дигарест, ки барои шинохти рӯзгори устоди адабиёти муосири тоҷик хеле арзишманд буда, ҷанбаҳои баёни мустанадро дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб тақвият мебахшад.

### 2. 4. Тасвири шахси воқеӣ дар повести «Марди майдони талош»

Ёддошт дар адабиёт ба ду маънӣ – васеъ ва маҳдуд истифода мешавад. Дар маънии васеъ – қайдҳои одамон дар бораи воқеаҳои гузашта, ки онҳоро ё худ аз сар гузаронидаанд, шоҳид, мушоҳидачӣ ва ё иштирокчии он будаанд. Намунаи ин қабил ёддоштҳо тарҷумаи ҳол, рӯзномаҳо, қайдҳо ва мисли ин мебошанд. Дар ёддошти бадеӣ низ ба монанди очерк нависанда ҳодисаҳо, характерҳо ва воқеаҳои ҳаётиро ҷудо намуда, онҳоро дар образҳои аниқ нишон медиҳад. Ӯ аз фактҳои зиёди ҳаётӣ фақат ҳамонашро интихоб мекунад, ки онҳо барои дар шакли мушаххас, такрорнашаванда кушода додани моҳияти ҳодисаҳои характерноки давр ба ӯ имконият диҳанд.

Дар китоби «Марди майдони талош» дар бораи саргузашти инсони шарифе сухан меравад, ки шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, ҳамчун сарсупурдаи кори Ватан қариб сӣ сол дар ҳайати мақомоти умури дохилии Тоҷикистон хизмат намуда, аз як нафар корманди муқаррарии милиса то мартабаи афсари баландрутба расидааст.

Милисаи Тоҷикистон, бешубҳа, дар таъмини тартибу қонуният, ҳимояти ҳуқуқу манофеи умум, муҳофизати моликияти давлатӣ ва мардум, мубориза алайҳи ҳар гуна ҷинояту қонуншиканиҳо саҳми бузург гузоштааст. Аз соли 1925, аз ибтидои фаъолияти худ, то кунун ин ҳайат роҳи ибратомӯзеро паймудааст, пайваста побарҷову уҳдабаро буда, барои беҳбудии рӯзгори мардум кӯшиши қобили таваҷҷуҳ ба харҷ додааст.

Дар ҳақиқат таърихи милисаи Тоҷикистон лоиқи донистану омӯхтан аст. Беҳтарин дастпарварони он бар муқобили душманони синфӣ мубориза бурдаанд, ҳамвора ҳампою ҳамрави инсонҳои созанда будаанд. Дар замони ҶБВ ҳам бо фашизм ҷангиданду ҳам тартиботи ақибгоҳро таъмин намуданд. Донистани чунин саргузашти пур аз ҷонбозиҳо кори ҳар як корманди поктинати умури дохила аст. Корномаи гузаштагон дар ниҳоди имрӯзиён ҳисси ифтихору сарбаландӣ мепарварад, барои бенуқс иҷро кардани вазифаашон кумак мерасонад.

Дар ин асар номаи зиндагии як тан «родмарди карими бехалал», подполковники мустаъфии хадамоти умури дохила Олмуҳаммади Раҷаб, дар асл, ҳиссае аз воқеоти сӣ соли ҳаёти милисаи Тоҷикистон нақл шудааст. Ин шахсияте буд, ки бо Убайд Раҷаб алоқаи бародарӣ ва омадурафти хонаводагӣ доштаанд. Аз ин лиҳоз, санаду воқеаҳо барои ӯ шинос буданд.

Олмуҳаммади Раҷаб аз рӯзи нахустини ба кори милиса омаданаш ба кори ин даргоҳ содиқ монд ва то дами вопасини ҳаёт касби худро дӯст медошт. Олмуҳаммади Раҷаб аз он хурсанд буд, ки дар тамоми фаъолияташ ба савганди худ содиқ монд. Вай ин савгандро нашикаст. Фидойӣ, ки буд, тақдири худро ба касбаш фидо кард.

Фидойӣ надорад зи мақсуд ҷанг,

Агар бар сараш тир боранду санг [34, 25].

Як нуктаи қобили таваҷҷуҳ он аст, ки ҳарчанд хати сужаи ин асари ёддоштии Убайд Раҷаб ба тарафи дигар тамоюл дорад ва аз рӯзгори корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нақл мекунад, аммо ин ҷо низ нависанда тавассути истифодаи абёти мухталиф дар тақвияти афкори хеш ҷанбаҳои бадеиву ҳаяҷонбахши насри худро пурқувват намудааст.

Китоби «Марди майдони талош», зоҳиран, ёдномаест аз далелу санадҳои таърихӣ, аз рӯзгори Олмуҳаммади Раҷабу дӯстонаш, он иқтибосе аз ҳуҷҷатҳо мебошад, ки кас мехонаду хаста шуданро дар худ эҳсос намекунад.

Ҳаёти Олмуҳаммади Раҷаб дар ноҳияҳо сипарӣ гардида, аз як нафар корманди муқаррарӣ ба мартабаи афсари баландрутба расидааст.

Убайд Раҷаб адибе буд, ки бо қаҳрамони асари худ ҳамкорӣ намуда, қиссаеро аз ҳаёти як тан фидоӣ ба қалам додааст. Ӯ тавонист лаҳзаҳои хотирмони ёддоштҳои худро нисбат ба ин марди фидоӣ –Олмуҳаммади Раҷаб дар ин китоби худ мавриди тасвир қарор диҳад.

Дар ҳақиқат, Олмуҳаммади Раҷаб яке аз симоҳои фаромӯшнашавандаи умури дохила ба шумор меравад. Ӯ тавонист аз лаҳзаи аввали фаъолияташ худро ҳамчун ҷонсупори миллат нишон диҳад. Дар тули сӣ соли фаъолияташ борҳо ба таъқибҳои душманон рӯбарӯ шуд, аммо вай тан надода, барои адолат ва пойдории давлат содиқ монд.

Адиби номвар бо офаридани симои қаҳрамони худ дар ниҳоди ҷавонон як пайроҳаи ҷовидонаеро замина гузошт, то дар оянда ҷавонон дар руҳияи садоқату ҷасорат ба камол расида, ҳамчун фарзандони ҷонсупори миллати бонангу ор ба воя расанд.

Яке аз хислатҳои наҷиби Олмуҳаммади Раҷаб, ки аз мутолеаи асари ёддоштӣ равшан мегардад, ҳақиқатҷӯӣ, некӣ ва накукорӣ, ростқавлию покиродагӣ мебошад. Қаҳрамони асар, ки аз пирони хирад панд омӯхта ва маҳорат андӯхта буд, бо таъсири дуои неки онон кораш дар ҷодаи хизмати Ватану миллат пешрафт карда буд. Дар даврони сӣ соли фаъолияташ дар

ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ ба ӯ муяссар гардид, ки ҳам таҷрибаи ҳаётӣ омӯзад ва ҳам аз суҳбати чунин мардони бузург баҳраманд гардад.

Сабаби тез-тез ҷойи кор иваз кардани Олмуҳаммади Раҷаб маҳз дар он буд, ки кофтукови ҳар масъаларо ҷиддӣ мебурд ва нишон медод, ки гунаҳгор кӣ асту бегуноҳ кӣ. Азбаски, таҳти бисоти масъаларо хуб дарк мекард, аз ин ивазу бадалшавиҳо чандон малул намегашт. Ӯ ин байти Ҳофизро зери лаб ҳамвора замзама мекард:

Ай, ки бар маҳ кашӣ аз анбари соро чавгон,

Музтарибҳол магардон мани саргардонро [34, 27].

Ин ҷо низ нависанда аз забони қаҳрамони хеш ба ашъори суханварони адабиёти классикии тоҷик муроҷиат мекунад ва боз ҳам аз ин роҳ забони асари хешро шоиронатар мегардонад. Қаҳрамони ӯ низ дар баробари ба таъбири муаллиф «марди майдони талош» будан, аз фарҳангу адабиёт бархурдор аст ва ин гуна ашъор бештар аз забони вай садо додаанд, ки худи нависанда онҳоро шунидааст.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, ҳаёти милисаи тоҷик он солҳо пур аз таҳдидҳою нокомиҳо буд. Баъзе аз ашхоси Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон нисбат ба ҳақиқатҷӯён монеа мешуданд ва намегузоштанд, ки ҳақиқатро рӯйи об бароранд. Аммо Олмуҳаммади Раҷаб дар пеши чунин ашхос сар хам намекард, ҳақиқатро ҷустуҷӯ мекард.

Тавре ки қаблан зикр шуд, аз назари сохтор ин китоб низ аз силсилаи ҳикоёте фароҳам омадааст, ки дар меҳвари онҳо қаҳрамони марказӣ Олмуҳаммади Раҷаб қарор дорад. Ҳикоёти ҷудогона тавассути ҳамин қаҳрамон як хати пайванд миёни худ барқарор доранд ва нуктаи муҳими дигар он аст, ки муаллиф бевосита он нақлҳоро аз забони ӯ шунидааст.

Аз ин рӯ, ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ низ як ҳикояи ҷолиби пурмоҷаро низ ҳастанд, ки нуктаҳои муҳим ва гиреҳҳои нозук дар ҷараёни онҳо кушода мешаванд. Дар ин гуна тасвирҳо гоҳо маврид мо хусусиятҳои насри ба истилоҳ детективиро ҳам мебинем, ки корномаҳои қаҳрамон дар

кушодани гиреҳҳои воқеот боис ба эҷоди чунин махсусиятҳои осори насрӣ мегарданд.

Яке аз саргузаштҳои корманди умури дохила Олмуҳаммади Раҷаб, ки Убайд Раҷаб дар қиссаи «Таҳдид» **онро дар китоб** овардааст:

Воқеа чунин сурат гирифтааст: Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон аз рӯйи нақшаи пешакӣ тасдиқшуда дар ноҳияи Регар машқ гузаронидан хост. Ба машқ бояд вазир Нусратулло Абдулҳақов роҳбарӣ кунаду тарзе гузарад, ки қувваҳои умури дохила дар шароити вазъияти фавқулода амалиёт баранд. Кори таъҷилие пеш омаду ба ҷойи вазир ҷонишини ӯ Б. Ф.Зубков роҳбари машқ таъин гашт. Мувофиқи дастури ҳолати ҷанг, ки одатан чунин амалиёт гузаронида мешавад, агар вазир вафот кунад ва ё ба кори таъҷилие манъ шавад, фармонфармоиро сардори шуъбаи умури дохилае, ки машқ дар он мавзеъ мегузарад, ба уҳда бояд бигирад. Вале ин бор қоидаи маъруфро ба назари эътибор нагирифтанд.

Пеш аз оғози «машқи Регар» генерал Б.Ф. Зубков ба Регар омад. Дар шуъбаи умури дохилаи шаҳр маҷлис оросту бо иловаи қуввае, ки дар ихтиёр дошт, кормандони умури дохилаи Регарро низ ба ҳайати ихтиёриёнаш даровард. Олмуҳаммади Раҷаб нисбат ба ин кори ҷонишини вазир андешаи худро изҳор накарда натавонист.

– Регар шаҳри сарҳадист. Корхонаҳое дорад, ки маҳбусон кор мекунанд. Одамони ҳархела бисёранд. Бо нияти пурқувват кардани ҳайати машқгарон қувваи шуъбаи дохиларо суст кардан матлуб нест, муҳтарам генерал! Дар ҷараёни машқ дар ноҳия коре шавад, кӣ ҷавоб медиҳад?

– Ҳеҷ гап нест. Ман ҳамчун муовини вазири умури дохила, масъулиятро ба зиммаи худ мегирам,-гуфт Б.Ф.Зубков.

Ба дили ноороми Олмуҳаммади Раҷаб як олам гап омад. Ҳарчанд қарори ҷонишини вазирро написандид, муқобилияти сахт накард.

– Ихтиёр доред, шумо корро беҳтар медонед, – суханро кӯтоҳ кард.

«Машқи Регар», чунонки мегӯянд, бомуваффақият поён рафт, аммо вазъи ҷиноии шабонгоҳӣ кормандони шуъбаи умури дохиларо хушҳол карда натавонист. Саҳар навбатдори шуъба иттилоъ дод, ки имшаб дувоздаҳ мағоза ғорат шудааст, пули кассаи амонатиро ба яғмо бурдаанд. Сангинтарин ҷиноят ин аст, ки бист қадам дуртар аз идораи шуъбаи умури дохилаи шаҳр Фёдоров ном шахсро куштаанд.

Генерал Б.Ф. Зубков ахборро шунида, ба ғазаб омаду такроран суол кард:

– Чаро ин тавр шуд?

– Дирӯз вазъиятро гуфтам, ба гапи ман аҳамият надодеду масъулиятро ба зимма гирифтед. Акнун худатон медонед, муҳтарам генерал!

Генерал Б.Ф. Зубков қаҳр карду ҳарфи изофае назад ва бо ҳамон тундхашмӣ ба Душанбе рафт.

Баъди соате вазири умури дохила Нусратулло Абдулҳақов телефон карду вазъиятро саҳеҳ донистан хост.

-Чӣ гап шуд, Олмуҳаммад? Чаро дар як шаб ин қадар бетартибӣ? Ноҳияву шаҳри Регар боиси ибрат буд-ку?

Аз генерали муҳтарам Б.Ф. Зубков бипурсед, ташаббус нишон дода, моро ба вазъияти нобоб гузошт,-ҷавоб дод Олмуҳаммади Раҷаб, ки дар дил аз чунин ранг гирифтани вазъият ҳаргиз қонеъ набуд.

Худи ҳамон рӯз ҷонишини якуми вазири умури дохила генерал А. М. Иванов ва генерал Б. Ф. Зубков бо дастаи махсуси ашхоси машғули корҳои фаврӣ ба Регар омаданд ва пайи дарёфтани гунаҳкорон шуданд. Дере нагузашта, Фатҳулини тотор, ки аз рӯйи моддаи одамкӯшӣ ба ҳабс афтода буду ҳоло ҳамчун шахси гунаҳкори гуноҳаш каме сабукшуда то ҷое озод мегашт, ба милисахона оварда шуду таҳти истинтоқ қарор гирифт. Сабаби гунаҳкор донистани Фатҳулин он аст, ки рӯзе пеш бо Фёдоров паси як миз нишаста, арақ нӯшидаву мастӣ кардаасту ҳама дидаанд. Ду кас, ки ҳамроҳ арақ хӯрду маст шуд, албатта, ба гап меравад. Ба гап рафтӣ, пасту баланд

мегӯйӣ, асоси ҷанҷолро мегузорӣ ва маълум аст, ки хархашаи мастона чӣ анҷоме дорад. Пурсиши Фатҳулинро худи генералҳо А.М. Иванов ва Б.Ф. Зубков ба зимма гирифтанд. Онҳо назди Фатҳулине, ки ҳанӯз чандон хумори шароби дирӯза таркаш накарда буд, омаданду суол доданд.

-Ҳа, безорӣ, боз одам куштӣ? Як бор бас набуд, ки ба чунин кор дубора даст задӣ?

Ранг аз рӯйи Фатҳулини нимҳушёр парид. Гап задан хост, вале имконияти лаб кушодан надоданд.

- Бале.

- Баъд ҳар ду ҷанҷол кардед?

- Камтар гапамон гурехт.

- Баъд ту ӯро корд задӣ?

- Аз мурдан хабар дораму аз ин кор не. Мо маст будем, гапгузаронию мушткӯбӣ кардем, лекин ҳар кас ҳар тараф рафт.

- Гапро ман, генерал Иванов, мегӯям! - дӯғ зад мавсуф.

- Ба номи Худо қасам мехӯрам, ки ман ӯро накуштаам.

- Агар ба хубӣ иқрор шавӣ, муҳлат мегирию саломат мемонӣ. Агар иқрор нашавӣ, иқрорат мекунему мукофоти амалат ҳукми паррон мешавад, - гуфт генерал Зубков. Ҳангоми шунидани ҳукми паррон Фатҳулин як қад париду мӯйи баданаш мурғак рафт, сари болояш хам гашт.

-Яъне Фёдровро ту куштӣ? –такрор карданд генералҳо.

-Ҳа, -гуфт сар набардошта Фатҳулин ва гуноҳро ба гардан гирифт.

Вақте ки Фатҳулинро аз дар мебароварданд, ҳар ду генерал маънидорона ҷониби Олмуҳаммади Раҷаб нигаристанд:

– Дидӣ, чӣ хел тафтиш мебаранду гунаҳкор чӣ тавр иқрор мешавад.

Бо иҷозатномаи дотситони шаҳр Фатҳулин ҳабс карда шуд. Хушҳолии ҷонишинони вазири умури дохила интиҳо надошт. Фахр мекарданду ҳавобаландӣ, ки сарриштаи як гуноҳи бузургро осон кушоданд. Аммо дили

Олмуҳаммади Раҷаб гувоҳӣ медод, ки рафтори генералҳо дуруст нест. Фатҳулин гунаҳкор намебошад.

Аз миён даҳ рӯз гузашт, Олмуҳаммади Раҷаб Фатҳулинро даъват кард ва бо одамоне, ки ҳамроҳаш дар ин муддат дар ҳабсхона буданд, сари гуфтугӯ нишаст. Одатан, дар ҳабсхона маҳбусон аз саргузашти ҳамдигар ва корҳои иҷрокардаашон зуд огоҳ мешаванд. Олмуҳаммади Раҷабро бар он хулоса водор сохтанд, ки Фатҳулин гуноҳ надорад. Қотили Фёдоров шахси дигар аст, ки ӯро бояд ҷуст. Бинобар ин, Олмуҳаммади Раҷаб Фатҳулинро аз маҳбас озод кард.

Хабари аз ҳабсхона озод шудани Фатҳулин ба гӯши генералҳо А. М. Иванов ва Б.Ф. Зубков расид. Онҳо рафтори Олмуҳаммади Раҷабро як навъ худсарӣ ва барои сардори шуъбаи умури дохила ношоиста донистанду маломаташ карданд.

-Чаро қотилро озод кардӣ?-гуфтанду дӯғ заданд.

-Фатҳулин гунаҳкор нест! Қотил каси дигарест, ки дар давоми даҳ-понздаҳ рӯз дастгир хоҳад шуд,- қатъӣ ҷавоб дод Олмуҳаммади Раҷаб.

-Агар ба қавлам наистам, аз баҳри курсии сардори шуъбаи умури дохила хоҳам гузашт.

Генералҳо дар ҳайрат афтоданд.

Пайгирии қотил дуюмин ҳафта давом кард. Дар шабонарӯзи бистуми ҷустуҷӯ Саид ном ҷавонеро ҳамроҳи панҷ нафар шариконаш дастгир карданд. Ҳангоми кофтуков як миқдор силоҳу афзоре ба даст омад, ки ин даста ба воситаи онҳо амалиёти ҷиноӣ мегузаронданд. Тафтиши дақиқу пухта аз ҷониби ҳамин даста кушта шудани Фёдоровро собит кунонид.

Матни пурсиши Саиду ҳамроҳонаш ва силоҳи аз онҳо ситонидашуда ба Вазорати умури дохилаи Тоҷикистон расиду ҷони Олмуҳаммади Раҷаб аз ситаму таҳдиди минбаъдаи ҷонишинони вазир генералҳо А.М. Иванов ва Б.Ф. Зубков раҳоӣ ёфт. . . «[34, 95-102].

Убайд Раҷаб бо офаридани чунин симоҳои барҷаста кӯшидааст, ки дар ниҳоди ҷавонон хислатҳои наҷибро ҷой дода, роҳи ҳақҷӯиро ба онхо талқин намояд. Олмуҳаммади Раҷаб яке аз чунин нафароне буд, ки барои ба даст овардани ҳақиқат ҳанӯз аз овони ҷавонӣ талош мекард. Дар роҳи ба мақсад расидан аз ҳеҷ чиз намеҳаросид.

Дар баробари ин ки образи Олмуҳаммади Раҷаб дар ин асари ёддоштии Убайд Раҷаб ҳамчун шахсияти далеру ҷасур ва софдил тасвир мешавад, зикри корномаҳои ӯ дар навиштаи ин адиби тоҷик барои тарбияи насли имрӯзу фардо нақши муҳим дорад. Ҳарчанд ки бештари воқеаву ҳодиса ва рӯйдодҳо дар ҳаёти рӯзмараи муаллиф ва қаҳрамони вай ҷараён доранд ва дар асар аз тахаюли бадеӣ камтар ба кор гирифта шудааст, аммо нависанда аз сурати як нафар дӯст ва рафиқи хеш образи як инсони ватандӯст, ростқавл, адолатпарварро тасвир намудааст.

Инсоне, ки Убайд Раҷаб мавриди ситоиш қарор додааст, орзуву омол, эҳсосу андеша ва ангезаҳои олами ботинии ӯро фаро гирифтааст. Вай дуруст дарк кардааст, ки саъю кӯшиш ва меҳнати ҳалол офаридгори бахти инсонанд. Аз ин рӯ, қаҳрамони ӯ дорои чунин хислатҳои шоиста буда, бахри пойдории давлату миллати хеш ҷонсупориҳо кардааст.

Убайд Раҷаб қаҳрамони худро дар зиндагӣ фориғбол нишон надода, балки пайваста дар кӯшишу ҳаракат буданашро нишон додааст.

Вақте ки корномаҳои Олмуҳаммади Раҷабро варақ мезанем, бо ҳисси боварӣ эҳсос мекунем, ки ӯ ҳамеша дар такопӯ ва иҷрои супориши давлатӣ мебошад. Ҳамон лаҳза вай худро осудаву ором ҳис мекунад, ки аз уҳдаи кори ба дӯш гирифтааш сарбаландона барояд.

Аз ишораҳои адиб маълум мегардад, ки ин қаҳрамони асари ӯ ғайр аз адои супоришҳои давлатӣ дар вақтҳои зарурӣ як шахси суҳбаторою дӯсти мушфиқ ҳам мебошад. Ишора намудааст, ки ҳар гоҳе ташвишу такопӯйи зиндагӣ дилгираш кунанд, роҳи мулоқоташро мепӯяд, ҳамнишинияш дарди ӯро сабук мегардонад. Ӯ низ ҳамин тавр рафтор мекунад. Соате суҳбатбарор

буданатон ва паҳлуйи ҳам дар гӯшаи камодаме қадам заданашон ташвиши дунёро ба кӯйи фаромӯшӣ мебарад:

Ёр ба даст ор, ки бас бекас аст,

Ҳар ки мар-ӯро ба ҷаҳон ёр нест.

З-ин ҳама неъмат, ки дар ин олам аст,

Ҳеҷ беҳ аз ёри вафодор нест [34, 33]

Олмуҳаммади Раҷаб бо ҳамин хислатҳои наҷиби худ дар дилу дидаи мардум ҷой гирифтааст. Дар ҳар кучо ва дар ҳар мақоме, ки хидмат кардааст, дақиқназарӣ ва уҳдаборой зоҳир карда, гиреҳи риштаи сахттарин корҳои ҷиноиро оқилона кушодааст ва лоиқи эҳтирому эътиқод шудааст. Нависанда тавонистааст, ки маҷмуи ин хислатҳои қаҳрамони хешро ба таври барҷаста тасвир намояд.

Азбаски Убайд Раҷаб борҳо дар сафарҳо Олмуҳаммади Раҷабро ҳамроҳӣ кардааст, яке аз ёдномаи хотирмонашро чунин ба қалам додааст: «Дафъае сафари Қайроқум доштем. Дар дафтари кори ҷонишини додситони шаҳр ду тан суҳбат мекарданд: соҳиби хона, ки либоси ғайринизомӣ дошт ва марде дар либоси тобистонаи афсари умури дохила. Аз ворид шудани ду марди ношинос ҳар ду чашми таҳайюр дӯхтанд. Ҳайрати онҳоро барҳам задан хоста, Олмуҳаммади Раҷаб лаб ба гап кушод:

- Бубахшед, ки нороҳататон кардем, - ва маро шиносониданӣ шуда, - ошно шавед, ин кас шоир. . .

-Мешиносем, - сухани ӯро бурид ҷонишини додситон,- китобҳояшро хондаем.

-Ҳамроҳи ман подполковники мустаъфии хадамоти дохилаи Тоҷикистон Олмуҳаммади Раҷаб,- дар навбати худ шиносонидам ӯро.

- Ваҳ! – гуфт афсари умури дохилаву чобук аз ҷой хест.

- Бовар намекунам! Наход ҳамон сардори овозадори шуъбаи милиса, ҳамон Олмуҳаммади Раҷаби номбардошта, ки на танҳо шаҳру ноҳия, балки вазиру вазорати умури дохила аз мулоқоташ худро канора мегирифтанд ва

қиссаву корномаҳояш аз даҳон ба даҳон рафта намунаи ибрати милисаҳо шудааст, шумо бошед?! Боварам намеояд, ки рӯбарӯйи шумо истодаам. . .” [34, 7].

Иборае дар байни халқ маъруф аст, «Овозаи Рустам беҳ аз Рустам». Ҳақиқатан, дар симои Олмуҳаммади Раҷаб нависанда то андозае вобаста ба ҳодисаву воқеаҳо ҳамон Рустами достонеро ҷилвагар кардааст, ки баҳри ҳимояи Ватан ва халқи маҳбуби худ ҷонсупориҳо кардааст ва номаш дар таърихи милисаи тоҷик бо хатти заррин сабт гардидааст.

Дар кадом ноҳияе, ки Олмуҳаммади Раҷабро дар курсии вазифае шинондаанд, дар кори худ содиқ буд. Ба муқобили ҷинояткорон муборизаи қатъӣ мебурд. Ҳунару ҷасорату мардонагиаш ӯро дар ин вазифаҳои масъул раҳнамун сохт. Одамро дониста дар курсии вазифавие шинондан ҳам ҳунар аст, равони инсонро бояд шинохт, зеро:

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарру тилост,

Ки ҳар куҷо, ки равад, қадру қиматаш донанд.

Аз навиштаҳои Убайд Раҷаб дармеёбем, ки Олмуҳаммади Раҷаб дар рафти фаъолияти худ ҳеҷ гоҳ саросема набуд, ботамкину хушмуомила рафтор мекард. Бо ҷинояткор тарзе сухан меронд, ки бе ягон мамоният ҷинояткор будани худро ошкор мекарданд. Ҳодисаҳои чандинсоларо тавонист дар муддати ниҳоят кӯтоҳ ошкор намояд. Ҳасадхӯроне, ки дар умури дохила ҳамроҳаш фаъолият доштанд, ба ӯ бо чашми нек нигоҳ намекарданд. Он муаммое, ки тайи ду сол ҳалли худро наёфта буд, дар муддати як ҳафта Олмуҳаммади Раҷаб ошкор намуд, ки дар қиссаи воқеии «Дарёфти қаттолон» омадааст: «Муддате аз миён сипарӣ гашту боз ба роҳ баромад Олмуҳаммади Раҷаб. Ин бор бояд ба ноҳияи Мастчоҳ биравад.

Додари омӯзгор Исмати Ёр шикоят кардааст, ки ду сол инҷониб бародарашро меҷӯяд. Дар куҷост, касе намедонад. Мегӯянд, ки зинда аст. Гоҳ-гоҳ аз Тошканд, Ҷиззах, Самарқанду Бухоро ва ҷойҳои дигар барқия мерасад, ки сиҳату саломат аст, аммо хона намеояд. Чаро? Гурги шубҳа дилу ҷонашро тала мекунад.

Олмуҳаммади Раҷаб дар шаҳри Хуҷанд бо Музаффарови додситони вилоят вохӯрд. Баъд ба Мастчоҳи нав рафт. Гуфтугӯ бо мардум ва идораҳо водораш сохт, ки ҳатман аз кӯҳистони Мастчоҳ дидан бикунанд. Ду сол муқаддам Исмати Ёр ҳамчун намоянда ба Падроғи кӯҳистони Мастчоҳ рафтааст, ки боғҳои деҳаро нигоҳбонӣ кунад ва меваашро ғундораду ҳушконаду ба давлат супорад. Тирамоҳи ҳамон сол бедарак шудааст.

Вақти бозгашт аз Дилварзин Олмуҳаммади Раҷаб боз додситони вилоятро диду хоҳиш кард, ки ду ҳамраҳи санҷидакору сафардида диҳадаш. Мувофиқи хоҳиш додситони ноҳияи Матчоҳ Собиров ва муфаттиши додситони ноҳияи Нов Ӯлмас Сангиновро ба ӯ шарики роҳ гардонид.

Олмуҳаммади Раҷаб бо ҳамроҳон ба шаҳри Панҷакент расиданду овозаи бо дастаи боқуввати мусаллаҳ ва гурӯҳи сагони ботаҷрибаи бӯгир ба кофтукови Исмати Ёр баромадани онҳо ба Мастчоҳ омад. Шояд асари ҳамин овоза бошад, ки онҳо ба деҳаи Шамтучи ноҳияи Айнӣ расиданду одамон мурдаи Исмати Ёрро аз оби Зарафшон баровarданд.

Майитро муоина карданду кушта шуданаш муқаррар гашт. Саҳеҳтараш бо табар зада куштаанд. Саволҳо пеш омаданд; чаро ҷасади марди ду сол муқаддам гумшуда имрӯз ёфта шуд? Кӣ ӯро куштааст?

Ҳамсафарон дар деҳаи Ҳаддишаҳр паноҳ гирифтаанду он ҷоро манзили зист қарор доданд. Аз Ҳаддишаҳр ҳангоми субҳ ба деҳоти Падроғи Виткон мерафтанду бо одамон суҳбат мекарданд ва шомгоҳ бармегаштанд, ки шабро дар манзили Ҳаётхӯҷаи ҳадишаҳрӣ рӯз кунанд.

Тафтиш сари чанд рӯзро хӯрду оқибати кор онҳоро ба ҳузури чӯпони деҳа овард, ки дар пуштаи муқобили ғори Падроғ рама мечаронид. Рамабон ҳарфи зиёдатӣ назад. Тавсия дод, ки асли воқеаро аз Фаросат, духтари Исмати Ёр пурсанд, ки пурра хабар дорад. Фаросат пурсишгаронро ба суҳбати модараш Зебо фиристод, ки ӯ ҳам аз воқеа хабар доштааст. Ҳикояти Фаросат кобишгаронро ба назди бобои Ёрак, писаронаш Бобову Нор ва домодаш Ҷумъа овард, ки ҳама хешу табори Исмати Ёр буданд. Ҳалқаи кобиш тангтар шуд ва шуъла ба рӯйи торикӣ пошид.

Исмати Ёр ба Падроғ меояду сахт монеи торочи ҳосили боғот мешавад; на ба хешон ичозат медиҳаду на ба бегонагон, ки ҳосилро ба ғорат баранд. Ононе, ки дар ин чанд соли беодамӣ ва бесоҳибии боғҳо дастдароз буданд, малул мешаванд, рафтори Исмати Ёр барояшон хуш намеояд, барои аз миён бардоштанаш речa мекашанд.

Тобистон орому осуда мегузарад, тирамоҳ фаро мерасад. Ононе, ки зимистонро дар кӯҳистон гузаронидан мехостанд, ҳезум захира карданӣ мешаванд. Ҳамин давраро барои куштани Исмати Ёр мувофиқ медонанд. Бобои Ёрак хатти амал мекашиду ба дигарон маъқул мекунонид, ҳатто, ба духтараш – зани Исмат ҳам. Шарти ифшо нагардидани роз дар он будааст, ки ҳар касе дар ин хусус лаб во кунад, чояш қаъри оби Зарафшон мешавад.

Ба назди Исмати Ёр меояду маслиҳат мекунад, ки ӯ марди мутасаддӣ ва соҳибвазифа аст, нишон бидиҳад, ки кадом дарахтҳоро хушк бикунанд. Исмати аз қисмат бехабар Бобои Ёраку ҳаммас-лаконашро ба боғи лаби ғор мебараду дарахтҳои хушкидаро нишон медиҳад ва худаш дастаи арраро мегираду бо буридани шохаи хушк мепардозад. Дар ҳамин ҳангом аз пушт бо табар ба китфу тахтапушту гардани ӯ мезананду ба қатл мерасонанд. Чӣ тавр кушта шудани падарро духтараш, ки дар самти рӯбарӯ меистод, баръало мебинад, аммо аз тарси чон ва таҳдиди бобо лаб ба хомӯшӣ мебандад.

Мурдаи Исматро ба лаби об, ба даруни ғори Падроғ, ба чойи шамолраҳа рӯйи санге мегузоранд. Ғори муътадилҳаво ва шамоли об ба вайрон шудани наъш имкон намедиҳад.

Аз овозаи дастаи мусаллаҳ ва сагони бӯйгир ва ба Масчоҳ омадани Олмуҳаммади Рачаб қотилон ба таҳлука меафтанд. Бинобар ин, мурдаро ба об меандозанд.

Тачрибаи андӯхта ва маҳорати корбарӣ имкон фароҳам оварданд, ки сирри рӯпӯшидаи дусола дар давоми як ҳафта ифшо гардад. Додситони вилоят ба Вазорати умури дохила нома фиристода, изҳори миннатдорӣ мекунад ва хоҳише ба қалам медиҳад, ки Олмуҳаммади Рачаб ба мукофот

пешниҳод шавад. Аммо нома дар байни ҳуҷҷатҳо мемонад ва ба ҷойи даркорӣ намерасад [34, 63-64].

Олмуҳаммади Раҷаб таърихи худро варақ мезаду зери лаб мехонд:

Ба яке чашм задан суҳбати ёр охир шуд,

Рӯйи гул сер надидему баҳор охир шуд.

Ӯ аз ин роҳи тайшудаи умри худ он қадар розӣ набуд, дар назараш накӯияш камтар рух менамояд. Вай ба хаёл фурӯ меравад, ки метавонист бештар нафъ расонад, аммо натавонист.

Олмуҳаммади Раҷаб инсофу шарафу қонунро пуштибонӣ кард, ба ҳокимони қонуншикан сар нафаровард. Он найрангу фиреб ва маҳалбозию ришвахорияшон ба дилаш зад. Ҷониби мардумро на аз барои пораю чорае, балки барои эҳтироми шарофати инсонӣ ва ҳимояи қонун гирифт. Озодии худу дигаронро азиз дошт, инсонро бар қонун гузошт, на қонунро бар инсон. Як андешаи файласуфи Юнони қадим Ситсеронро фаромӯш набояд кард, ки гуфта буд: «Сахтгирии бениҳояти қонун ниҳояти беадолатист. Бузургтарин мукофоти ҷиноят беҷазо гузоштани он аст». Олмуҳаммади Раҷаб фармудаи дилу виҷдонро ба ҷой овард, дил ба фармони ӯ не, ӯ ба фармони дил буд.

Сахтгирии устодонаш комиссар Акбар Умаров, Бобо Маҳкамов, Мирзояҳё Аминов, Бӯрӣ Раҳимов, Мирзо Ҷонов, Абдуманнон Қодиров, Нусратулло Абдулҳақов, Мотилев Яков Семёнович ва дигаронро ёд меорад, ки онҳо дар саҳифаи таърихи мақомоти умури дохилаи Тоҷикистон номи неки худро боқӣ гузоштанд.

Баъзан Олмуҳаммади Раҷаб ба андеша фурӯ мерафту хатоҳои қаблан содиркардааш ӯро азият медоданд. Одам хато накарда пеш пой монда наметавонад. Аммо хаторо кас, агар оқилу ҳақҷӯ бошад, сари вақт ислоҳ накунад, бояд ислоҳашро ба фарзандонаш васият кунад.

Дуруст дарёфт. Чаҳор тан аз нуҳ дилбандаш: Холмуҳаммад, Фарҳод, Баҳодур ва Шуҳрат бо амри дил ба хадамоти идораҳои маъмурии Тоҷикистон камар бастанд ва аз падари дар ин ҷода хидматнишондода фотиҳаи сафед

гирифтанд. Олмуҳаммади Раҷаб ба писарони хеш ҳамчун устод ба шогирд менигараду тамкину ташаббус металабад ва таъкидаш ҳамаро бар он аст, ки покдил бошанд, аз лавҳаи ёд набароранд, ки бо инсон сару кор доранд. Нисбати қисмати одам ҳаргиз бепарвою бетараф будан ва ноҳақ муносибат кардан нашояд. Ҳақшинос бояд буд.

Бисту чоруми декабри соли 1994 Олмуҳаммади Раҷаб ба остонаи мубораки шастсолагӣ қадам гузошт. Ҷумлаи дӯстони қадрдон ва ихлосмандонаш аз наздику дур ба муборакбодияш расиданд ва соате гирди хони пур аз нозу неъматаш нишастанд. Ҳар кас фармудаи дили худро нисбат ба Олмуҳаммади Раҷаб мегуфтанд. Он рӯз Лоиқ Шералӣ китоби «Дасти дуои модар»-ро бо соядасте ба Олмуҳаммади Раҷаб тақдим кард, ки дар он омадааст:

Шасти Олмуҳаммад ҳаргиз нагардад.

Убайд Раҷаб дар он ҷашнвораи шастсолагии умри бобаракати дӯсташ иштирок карда, дар ҳузури дӯстон шеъреро, ки барояш иншо карда буд, хонд:

«Худододагонро Худо додааст. . .
Худои таъоло туро додааст,
Ки гӯям мани ёри ҷонипараст,
Чу Оли Муҳаммад маро ёр ҳаст.
Барам ёди танҳоиямро зи сар,
Ба сад шукр гирам чу додар ба бар.
Гаҳе аз раҳе бехабар даррасӣ,
Барандозам аз дил ғами бекасӣ.
Ки бе кас ба беқадрӣ қадри хас аст,
Залили ду олам каси бекас аст.
«Худододагонро Худо додааст. . .»
Худои таъоло туро додааст,
Ки монӣ дили гарми худ рӯйи каф,
Диле не, гуҳар андаруни садаф.

Диле огаҳидил, диле дилнавоз,

Диле ҷони пурдардро чорасоз.

Диле ҳамзабони дили дӯсткор,

Диле дар вафои диле пойдор.

Диле барнавозад сари фарди мард,

Набинад дами сард, ҳам рӯйи дард.

«Худододагонро худо додааст...».

Худои таъоло туро додааст [34, 189-190].

Дар фарҷоми ин асар низ боз ҳам шеваи шоиронаи баён равшан ҷилвагар мешавад. Нависанда ёддоштҳои хешро ба шеъре ба муноси/бати ҷашни зодрӯзи дӯст ва қаҳрамони хеш ба анҷом ороиш медиҳад, ки боз ҳам ин шева ба нуфузи баёни шоирона дар насри адиб ишорат мекунад. Ин шеър дар қолаби тарҷеъбанд ба қалам омадааст ва нависанда бо ин роҳ дар баробари тасвири тамоми хислатҳои қаҳрамони хеш кӯшидааст, ки дар як сурудани манзум ҳамчун шоир симои дӯсти азизи хешро офарида, мавсуфро бо беҳтарин калимот сифат намояд.

Баҳсу баррасиҳои анҷомёфта моро ба чунин натиҷагирӣ водор мекунанд, ки адиб дар офаридани қаҳрамонҳои асарҳои ёддоштиаш аз табақаҳои гуногуни аҳолӣ, хоса кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ чирадаст будааст. Корномаи Олмуҳаммади Раҷаб иддаои моро тасдиқ мекунад. Убайд Раҷаб дар симои ин қаҳрамон як шахси ватандӯсту меҳанпарстро, ки ҳамеша барои ҳифзи марзу буми кишвар содиқ ва зидди беадолатӣ пайгирона мубориза мебурд, тасвир менамояд.

Бо ин тариқ, адиб мухотабонро ба ваҳдату ягонагӣ ва адолатпарастӣ даъват мекунад. Дар баробари ин, ҳарчанд қаҳрамони марказии ин асари ёддоштии адиб дӯст ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аст, аммо нависанда тамоми фазилатҳои зоҳириву ботинии ӯро дар ҷараёни муборизаҳо, фаъолиятҳои шабонарӯзӣ дар амри ошкор намудани ҷинояткорӣ тасвир карда, баробари ин, вайро чун шахсияти огоҳ аз адабиёту фарҳанги

миллӣ, марди маърифатпарвар тасвир намудааст. Андешаҳои адиб тахайюлӣ набуда, балки аз таҷрибаи зиндагӣ, ҳамкориву ҳамнишинӣ ва оини дӯстӣ сарчашм мегирад, ки ин ба нуфузи ҷанбаҳои воқеии асари мазкур ва маҳорати баланди нависандагии муаллиф ишорат мекунанд.

# ХУЛОСАҲОИ БОБИ ДУВУМ

Убайд Раҷаб дар шеваи нигориш ва сохтори ёддоштҳои худ аз равиши устод Айнӣ истиқбол кардааст. Аксари ёддоштҳои ӯ аз ҳикоёти ҷудогонае таркиб ёфтааст, ки вобаста ба як воқеаву ҳодиса дар фазову вақти муайян навишта шудаанд, вале шахсияти меҳварии он воқеаҳо, ки қаҳрамони нависанда мебошад, боиси ба сурати як асари воҳид ёддоштӣ эҷод шудани асар омил гардидааст. Ин шеваи нигориш дар қиссаҳои ёддоштии дар бораи Садриддин Айнӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пулод Толис ва дигарон навиштаи адиб ба мушоҳида мерасад.

Забони ёддоштҳои адиб соддаву равон буда, аз таркиб ва ибораҳои мардумӣ, ашъори суханварон саршор мебошад. Албатта, агар яке аз сабабҳои афзунии шеър дар таркиби қиссаҳои ёддоштӣ дар бораи аҳли адаб будани онҳо бошад, омили дигар талошу кӯшиши нависанда барои оростагии забони насри хеш ба шумор меравад.

Симои Садриддин Айнӣ дар ёддоштҳои адиб хеле барҷаста тасвир шудааст, ҳарчанд адиб устоди адабиёти муосирро дар айёми кӯдакиву наврасӣ ва ҷавонӣ дидааст, вале бардошту хотираҳои вай на танҳо саҳифаҳое аз рӯзгори ин адиби барҷаста ва бузург, балки рӯйдодҳои бузурги адабиёти муосири тоҷикро шарҳу тафсир мекунанд.

Убайд Раҷаб дар баробари иншои ёддоштҳо роҷеъ ба аҳли сухан, шоирону нависандагон як асари ёддоштии бузурге дар бораи ходими намоёни давлатӣ, корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ Олмаҳмад Раҷабов бо номи “Марди майдони талош” ба қалам оварда, дар нигориши намунаи насри мустанад муваффақ гардидаст. Ин асари ёддоштии ӯ низ ҳарчанд аз воқеаву ҳодисаҳои марбут ба мубориза ба муқобили ноадолатӣ, талош барои барқарории адл аз ҷониби қаҳрамони марказии он нақл мекунад, вале бо таяк бар сиришту фитрати шахсияти меҳварии асар забони китоб низ бо шеъру андешаҳои ҷаззоб ороста гардида, миёни ин навишта ва китобҳои дигари ёддоштии нависанда аз лиҳози сабкит иншо қаробате барқарор кардааст.

# БОБИ СЕЮМ. СИМОИ АҲЛИ АДАБ ДАР ЁДДОШТҲОИ УБАЙД РАҶАБ ВА ТАСВИРИ ЧЕҲРАИ МУАЛЛИФ ДАР ХОТИРОТИ ҲАМҚАЛАМОН

## 3.1. Бозтоби чехраи воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар китоби «Зинда ба ишқ»

Табиист, ки шоирон дар заминаи мутолеаи адабиёти классикии форсу тоҷик ва осори даҳонии халқи худ тарбия ёфта, завқи баланди бадеӣ ҳосил мекунанд Устод Мирзо Турсунзода бо олами пурбори маънавии миллӣ маҳдуд нашуда, тавассути омӯзиши таҷрибаи адабиёти ҷаҳон донишу ҷаҳонбинии худро такмил бахшид. Ӯ ба адабиёти форсии мамлакатҳои Шарқ - Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон майлу рағбати гарму ҷӯшон зоҳир намуд, сабақҳои мактаби адабии рус ва тавассути он дастовардҳои адабиёти дигар халқҳоро фаро гирифт. Яке аз донишмандони маъруфи Афғонистон доктор Сайид Махдуми Раҳин нисбат ба устод Мирзо Турсунзода қайд кардааст: «Ӯ осорашро вақфи шарҳи дардҳо ва сияҳрӯзиҳои одамизоди асраш кард. Шеърҳояш латифу беолоиш ва насраш таровишёфта аз гӯйиши мардум буд». Аз ҳамин ҷост, ки эҷодиёти Мирзо Турсунзода намунаи дурахшони анъанаҳои назми миллӣ ва байналмилалӣ маҳсуб мешавад. Ин хусусиятҳо дар шеъру достонҳои шоир ба дараҷаи баланди ягонагӣ расидаанд, ки ҷиҳатҳои миллӣ ва байналмилалии онҳоро аз ҳамдигар ҷудо наметавон кард.

Алии Муҳаммадии Хуросонӣ дар бораи китоби «Зинда ба ишқ» мулоҳиза ронда аз ҷумла менависад, ки «Ҷолибтарин чизе, ки дар хотиранигории адиб ба мушоҳида мерасад, дида тавонистан ба вусъати назар, офаридани сужаҳои шавқовари воқеӣ, маҳорати хуби ба саҳфаи бадеӣ кашидани ҳақиқати рӯзгор, дар лаҳзаҳои хурди ҳаёти шахсӣ ҷилва додани рангҳои назаррабо ва ҷолиби зиндагонии афроди шинохта, дахолати фаъол ба масоили мубрами он рӯзгор ва дар ҳамин замина хидмат намудан ба адабиёт ва ҷомеа мебошад. Инро, пеш аз ҳама, дар китоби калонҳаҷму серғунҷоиши ёддоштҳои ӯ «Зинда ба ишқ», ки ба ҳаёту фаъолияти гуногунҷабҳаву

доманадори адиби барҷаста, устоди каломи бадеъ, чамаотчии равшанзамир, яке аз чеҳраҳои тобони адабу фарҳангамон дар асри сипаришуда Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода бахшида шудааст, дармеёбем [40,127].

Аз осори ин устоди шеър бӯйи муаттари гулу гиёҳҳои равонбахши Тоҷикистон, нашъаи махмуркунандаи бешазорони нопайдоканори рус, нафаси атромези боғу ҷангалҳои афсонавии Ҳиндустон, шӯру қиёми мамлакатҳои Африқо, файзу саховати рӯди Нил ва ҳикмати бостонии кишварҳои араб ва амсоли онҳо амиқ эҳсос мешаванд. Шоир ҳамаи инро бо забони содаву ширин, лафзи рангин ва ҳиссиёти баланди шаҳрвандӣ ифода кардааст. Ба назар чунин мерасад, ки тамоми зебоиҳои мафтункунандаи машриқзамин дар оинаи поку беғубори осори Мирзо Турсунзода акс ёфтаанд, тамоми мамолики Осиё ва Африқо қаҳрамонҳои шеъру достонҳои шоир, тамоми дунёи тамаддун манбаи парвози фикру андеша ва хаёлоти мунаққаши ӯ мебошанд. Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни тахайюли бадеӣ ва образофарии шоир кишвари офтобиамон-Тоҷикистон дар ҷойи аввал қарор дорад. Ватани азиз бо мардуми заҳматкашу бунёдкораш, бо водиҳои зархезу кӯҳҳои осмонбӯсаш, бо рӯдҳои хушсадо ва чашмасорони пурҷилояш, бо хиёбонҳо ва гулгаштҳояш, ба майдону боғистонҳои шаҳдрезаш дар осори Мирзо Турсунзода мақоми шоистаеро ишғол кардаанд. Шоир барои васфи онҳо аз мағзи дилу ҷон суханҳои мувофиқу муносиб пайдо менамояд. Ин аст, ки ӯ шоири ҷаҳондида бошад ҳам, ҳамеша бо Ватан буд ва худро фақат дар оғӯши Ватан шоду масрур медонад:

Агарчи борҳо афтодаам аз ёру диёрам дур,
Ба сайёҳӣ маро карданд гарчи дӯстон машҳур.
Вале ман дар ҳама ҷо, дар ҳама кунҷу канори даҳр,
Ҳамеша бо Ватан будам, ҳамеша бо Ватан масрур [35, 15].

Убайд Раҷаб яке аз шоироне буд, ки қалби саршори меҳру муҳаббат ва садоқати устоди арҷманди худ Мирзо Турсунзодаро ёд меоварду талқин мекард, мехост ба эҳтиромаш шаб зинда дораду чанд вараqи сафедро аз ёддоштҳои устодаш сиёҳ кунад. Барои Убайд Раҷаб ба ёд овардани

ёддоштҳои устод ҳам осону ҳам душвор буд. Осон буданаш аз он нигоҳ дуруст буд, ки шахсияти устодро тули 17 сол хуб медонист, ҳамроҳаш фаъолият дошт, дар суҳбат ва мулоқотҳояш ширкат меварзид ва дар сафарҳои наздику дур ҳампой ва ҳамхабар буд. Душвор ва сахт буданаш дар он аст, ки устод як фарди фидоӣ ба шумор рафта, нангу номуси халқро таҷассум мекард, вуҷудаш барои миллати тоҷик месӯхт. Фазилатҳои одамгарӣ, инсонпарварӣ ва дар умум бузургии он касро тасвир кардан кори осон нест. Имрӯз ҳар кас дар ҳар андеша аст, донисташу надониста, ҳар хел сухан мегӯяд, яке аз рӯи адл ва дигаре аз рӯи ҳасад ва нотавонбинӣ.

Мақсади асосии Убайд Раҷаб дар он аст, ки устодро чӣ тавре ки дидааст ва ҳарфашро шунидаву маънӣ бардоштааст, ҳамон гуна ӯро ёд бикунад ва чеҳраашро тасвир намояд. Он хотираҳое, ки Убайд Раҷаб дар бораи устод баён кардааст, ба тариқи лавҳа ва лаҳза айнан нақл шудаанд. Бо ин роҳ Убайд Раҷаб мехост, ки дар иҷрои ин кори сангин аз руҳи устод мадад хоҳад.

Асари «Зинда ба ишқ» ҷанбаи қавии ёддоштӣ дошта, бо сабки дигаргуна ва шеваи баёни ба худ хос иншо шудааст. Тавре таъкид гардид, агарчӣ бештари осори ёддоштии Убайд Раҷаб бо шеваи нигориши устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» ба бахшҳо ҷудо шуда, таҳти унвони алоҳида ба сурати ҳикоёти ҷудогонаи ба ҳам пайванд ба қалам омадаанд, аммо китоби «Зинда ба ишқ» тарҳ ва сабки дигаргуна дорад. Он аз «Аввалсухан», қисмати асосӣ ва охирсухан таркиб ёфтааст. Ин ҷо Убайд Раҷаб қисмати асосии ёддоштҳои хешро ба воситаи рақамҳо аз ҳам ҷудо намудааст. Дар қисмати аввал, нахустин мулоқот ва шиносоии Убайд Раҷаб бо Мирзо Турсунзода, ба кори тарҷумонӣ ҷалб шудани муаллифи ёддошт ва аввалин маротиба аз имтиҳони ду устоди бузурги адабиёт- Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода гузаштани ӯ тасвир шудааст. Аз рӯи ҳамин бахши ёддоштҳои Убайд Раҷаб маълум мешавад, ки вай нахустин бор шеъри шоири туркман Мамед Саидро тарҷума кардааст.

Ҳамин тавр, асар чунон оғоз мешавад, ки Убайд Раҷаб баъди хӯроки чошт сари қадам ба нашриёт мераваду рафиқаш Абдулмаҷиди Замон ба вай мегӯяд, ки ӯро Боқӣ Раҳимзода ду маротиба занги телефонӣ кардааст. Ҳангоми шунидани ин суханҳо чӣ хаёлҳое ба сари ӯ омад ва тез ба назди Боқӣ Раҳимзода рафтанро пеша кард. Вақте ба назди Боқӣ Раҳимзода расид, ӯ саргарми таҳрири шеър буд.

Воқеаро Убайд Раҷаб батафсил ба ёд меорад, ки дар китоби «Зинда ба ишқ" чунин омадааст: «Хуб кардӣ, ки омадӣ, Турсунзода пурсида буд, шояд гапе дорад. Ҳар ду ба назди Турсунзода рафтанд. Мирзо дар ин лаҳза саргами суҳбати телефонӣ буд ва вақте ки шарфаи по ва сурфаи огоҳомези Боқиро шунид, гапро кутоҳ намуд.

-Муллоубайд ана ҳамин кас, -муаррифӣ кард Боқӣ Раҳимзода, -шинос шавед, Мирзоҷон.

-Мешиносам, онҳоро ба нишастан даъват намуд.

-Кори рӯзнома вазнин нест Муллоубайд? Тоқат кардан мумкин аст? Сипас, онҳо ба сари матлаб омаданд, ҳамин шеърро таъҷилӣ ба тоҷикӣ бояд гардонид. Ба онҳо ду рӯз вақт дод. Оё ба коратон халал намерасонад, Убайдҷон [35, 4].

Дар идома муколамаи устод Мирзо Турсунзода бо муаллифи ёддошт Убайд Раҷаб чунин баён шудааст: «Матни шеърро аз дасти устод гирифт. Тарҷума тайёр шавад аз назари Боқӣ гузаронед.

-Албатта, гуфта берун баромад.

Дар он айём дар Тоҷикистон Ҳафтаи адабиёти туркман мегузашт ва ду рӯз пас маҷлиси хотимавӣ барпо мегардид. Дар ҷамъбасти маҷлис шоири туркман, муаллифи шеъри «Рӯди Душанбе» Мамед Саид баромад мекунад. Аз ин лиҳоз, бояд шеъраш тарҷума шуда, баъди суханрониаш шеъраш ба забони тоҷикӣ садо диҳад [35, 4-5]

Ҳамин тавр, нависандаи ёддоштҳо ба кӯча баромаду дар сараш суханҳои гуногун пайдо гардид. Ба андеша рафт, ки чаро маҳз ин корро ба

ман супорид? Чаро дили устод маҳз ба ман об хӯрд? Ҳарчанд кӯшид, сабаби ин муамморо пайдо карда натавонисту аз пайи иҷрои он гардид.

Шеърро бо пуррагӣ тарҷума намуда, ба назди Боқӣ Раҳимзода раҳсипор гардид. Дар ин лаҳза ӯро дар ҷойи кораш хушдил дида, тарҷумаро болои мизаш гузошт. Убайд Раҷаб тарҷумаро хонд.

Боқӣ гуфт:

-Як маротибаи дигар хонед.

Оид ба кор кардани баъзе сатрҳои шеър маслиҳат доду ҳамроҳ таҳрир намуданд. Аз нигоҳи устод маълум гардид, ки тарҷума хуб баромадааст.

Онҳо ин тарҷумаро бо ҳамроҳии Боқӣ пеши устод бурданд ва баъди хондан, дубора хондани онро хоҳиш кард ва инчунин якчанд хатти ишора кашид. Баъд аз ин онҳо якчанд мисраъро ҳамроҳ тарҷума намуданд. Баъди хондани ду устоди бузург хомии шеър пухта гардид ва ин шаклро гирифт:

Салом, эй рӯди кӯҳӣ, аз Копеттоғ,
Ба наздат омадам шоду сарафроз,
Чу фарзанди худ истиқбол гирӣ,
Маро аз соҳили хушбахраат боз.

Ба ёдат ҳаст, оё, рӯи санге
Замоне дар барат биншаста будам.
Ба хоку сабзаву кӯҳи канорат
Чу як дилбанди ту дил баста будам.

Чу аспи маст мерафтӣ сӯйи пеш.
Бағал бар рӯи ман бикшода будӣ.
Бубин, эй рӯди шӯх, албоми худро
Дар он акси маро ҷо дода будӣ…[35, 6-7].

Устод баъди хондани ин тарҷума ба Убайд муроҷиат карда гуфт, ки ин шеърро дар маҷлис худатон, Муллоубайд мехонед.

Маҳз, дар навбати аввал тавассути ҳамин ёддошт маълум мешавад, ки Мирзо Турсунзода барои оғози фаъолияти тарҷумонии Убайд Раҷаб сабаб гардидаанд.

Мирзо Турсунзода дар маҷлиси хотимаи базми адабиёти туркман, баъди баромади шоири туркман Мамед Саид ба Убайд Раҷаб сухан доданд, ки матни тоҷикии шеърро ба самъи ҳозирон расонад.

Баъди анҷоми Ҳафтаи адабиёти туркман, устод Мирзо Турсунзода Убайд Раҷабро барои кори доимӣ ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хонданд ва дар ин лаҳза он кас бо Абдумалик Баҳорӣ ҳамсуҳбат буданд, ки чанд моҳ пеш ба ҷойи Толис муҳаррири «Шарқи Сурх» таъин шуда буданд.

Баъди аз рухсатӣ баргаштан, Убайд Раҷаб хабари аз ҷониби ҳайати кормандони «Комсомоли Тоҷикистон» ба муҳарририи нашрия пешбарӣ шудани худро дониста бошад ҳам, ба касе даҳон накушод.

Он боварие, ки устод М. Турсунзода нисбат ба ӯ дошт, аз лавҳи хотираш дур намегашт. Ӯ аз устод Абдумалик Баҳорӣ ва Мисаид Миршакар хоҳиши маслиҳат доданро намуд, аммо онҳо ихтиёрро ба худи ӯ ҳавола карданд. Пагоҳи рӯзи дигар ба назди устод М. Турсунзода хоҳиши омадану маслиҳат гирифтан намуд. Вақте ки ба остонаи дари устод расид, ӯ бо касе телефонӣ суҳбат мекард ва фикри мусоҳиби худро рад мекард.

-Не, намешавад, аз дигар ҷо муҳаррир ҷӯед, ман барои аз ин ҷо рафтани Убайд Раҷаб маслиҳат намедиҳам. Ӯ пай бурд, ки ин суҳбат дар хусуси ӯ рафта истодааст. Умуман, маслиҳати Гулҷаҳон Бобоевнаро напазируфт. [37,9]

Бо ҳамин суҳбати телефонии устод масъалаи муҳаррири «Комсомоли Тоҷикистон» таъйин шудани У. Раҷаб аз миён бардошта шуд.

Он меҳрубониҳое, ки устод Мирзо Турсунзода нисбати Убайд Раҷаб дошт, аз поквиҷдонӣ ва ҳалолкории ӯ маншаъ мегирифтанд. Шояд устод Мирзо Турсунзода аз ҳамин сабаб ҳама вақт дар тамоми сафарҳои дохилӣ ва

хориҷӣ гоҳ-гоҳ ӯро ҳамроҳи худ мегирифт. Тавре таассуроти сафари Доғистони кишвари Россияро Убайд Раҷаб хуб ёддошт кардааст:

«Вақте ки дар шаҳри Махачқалъа, пойтахти Доғистон иди адабиёт кушода шуд, Убайди Раҷаб ва Акобир Шарифӣ аз шумори иштироккунандагони ин маърака буданд. Меҳмонони ҳозиршударо ба ду гурӯҳ ҷудо намуданд. Ба гурӯхе, ки Расул Ҳамзатов роҳбарӣ менамуд, Убайд Раҷаб ва Акобир Шарифӣ шомил буданд. Ба ноҳияи Хунзах, ба водие, ки сукунатгоҳи асосии мардуми авар аст, тавассути тайёра раҳсипор шуданд. Мақсади асосӣ ба баландтарин нуқтаи Доғистон бурдани мо ин буд, ки меҳмондорон зодгоҳи шоирони бузурги худ Маҳмуд, Ҳамзат Садаса ва Расул Ҳамзатовро нишон додан мехостанд. Ҳангоми вориди он ҷо гардиданд, ба табиати зебо ва чашмаҳои нуқрасову равонбахши он ҷо ҳаловат бурданд. Баъди тамошои дилфиребиманзараҳои Доғистон, ба тарафи маркази шаҳраки Хунзах раҳсипор гардиданд. Онҳоро хеле хуб қабул намуда, суннати деринаро ба ҷо оварданд: меҳмононро хона ба хона бурданд.

Маҷлиси мулоқот дар Хонаи маданият барпо гардид ва меҳмононро ба ҳам пайваст. Баъди анҷоми маҷлис ҳама ба ҷои таъиншудаашон раҳсипор гардиданд. Чун лаҳзаи ба хонаи котиби якуми кумитаи ҳизби ноҳия рафтани Мирзо Турсунзода фаро расид, Расул Ҳамзатов ба онҳо монеъ гардида, гуфт:

«Муншии муҳтарам, мо ба хонаи шумо рафта наметавонем. Худатон медонед, ки ба падари шодравонам пеш аз вафоташ чӣ қавле додам. Хоҳиши охирини падар аз ман ин буд, ки шаҳрӣ шуда, роҳи деҳаи Садаро аз ёд набарам ва ҳар боре, ки саргаштаи ин ҷониб шавам, дар Сада, дар хонае бихобам, ки ӯ маро ба дунё овардааст, вагарна рӯҳаш парешон мешавад. Қавл додам, ки ҳамон тавр рафтор мекунам, чунонки ӯ мехоҳад. Бинобар ин, ба Сада меравем ва меҳмони азиз Мирзо Турсунзодаро низ ҳамроҳ мебарем. Ӯ бародархонди ман аст. Писар бояд дар хонаи падар шабро ба сар барад» [35, 14].

Дар заминаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар мавриди сафари мазкур чанд масъалаҳои дигар низ равшан мешаванд. Хосатан, масъалаи робитҳои адабии замони мазкур дар мисоли дӯстии устод Мирзо Турсунзода ва Расул

Ғамзатов хеле барҷаста ва ба таври мушаххас тасвир ёфтааст. Дар идомаи ҳамин лаҳзаи тасвиршуда баробари пайвандҳои муҳими адабӣ, робитаҳои дӯстии халқҳо дар мисоли адибон бо шеваи ҷолиб баён гардидааст: « Онҳо шаш нафар ба мошин нишастанд. Бо хоҳиши Расул Ҳамзатов нависанда Умураҳил Шапиева низ ҳамроҳашон мерафт.

Ба деҳаи Сада расиданду дар хонаи писарамаки Расул Ҳамзатов, ки дар шафати хонаи худи онҳост, ба меҳмонон ҷой густурданд.

Манзараи деҳа дар зери нури чароғҳои фурӯзон тамошо карданаш душворие надошт. Сада дар поёнии шохаҳои бузурге, ки торашон майдони фурӯдгоҳи ҳавопаймост, доман кашидааст.

Суҳбати Мирзо Турсунзода, У. Раҷаб, А. Шарифӣ бо устод Расул Ҳамзатов гарму ҷӯшон идома ёфт. Онҳо дар бораи адабиёти форсу тоҷик ва адибони Доғистон суҳбат намуданд. Он шаби кӯтоҳи борони тобистон чӣ гуна саҳар шуд, касе надонист.

Дар робита ба ҳамин рӯйдод метавон як нуктаи муҳимро таъкид дошт, ки Убайд Раҷаб вобаста ба нақли воқеаҳову ҳодисаҳо сарчашмаи баъзе аз шеърҳои Устод Мирзо Турсунзодаро низ дақиқ намудааст. Масалан, вақте аз суҳбати гарм ва хушгӯиҳои устод Мирзо Турсунзода ва Расул Ғамзатов дар зодгоҳи ӯ ёдовар мешавад, аз ҷумла таъкид мекунад:

«Шояд ҳамин чанд лаҳза буд, ки баъдтар дар шеъри ба Расул Ғамзатов бахшидаи устод чунин сатрҳо рӯи коғаз омаданд:

Дӯстон бигзор бошад, кӯза лабрези шароб,

Гӯши ман, бигзор бошад банд бо чангу рубоб.

Ёри мо, бигзор бошад бо шоир ҳамнафас,

Ҳар дуро санҷида бинмояд якеро интихоб. [35, 14-15]

Яке аз он воқеаҳои хотирмоне, ки дар ҳаёти Убайд Раҷаб то охир боқӣ монд, ин ғамхориҳои падаронаи устод Мирзо Турсунзода нисбати қаламкашони эҷодкори солҳои 50-60- уми асри XX буд. Устод Мирзо Турсунзода аз рӯйи имконият ба ҳар кадоме аз ин шахсон имкон фароҳам

овардааст, ки бо нобиғаҳои ин ё он адабиёти ҷаҳон шинос гашта, аз эҷоди эшон баҳравар гарданд. Масалан, Убайд Раҷаб аз забони устод Мирзо Турсунзода дар бораи Н. Тихонов чунин ёддошт додааст:

Фурсат даст доду ин ҳикояро аз забони устод шунидам.

«Ман ҳаждаҳ сол боз бо ин мард сафар мекунам,-гуфтанд устод, -аммо бо асарҳояш пештар шиносӣ пайдо кардам. Хусусан, баъди хондани достони «Самӣ». Симои ҳиндуписар Самӣ, ки аз зарби тозиёнаи аҷнабии соҳиб қомат хам кардааст ва рӯзи беҳро аз айём металабад, аз лавҳи хотирам ҳеҷ дур намеравад. Ин достон аз шаҳкориҳои назми рус мебошад. Яке аз шоҳбайтҳои он пайваста вирди забони ман аст:

Мех мебоист кард аз ин касон,

Сахт мехе з-он набудӣ дар ҷаҳон.

Чунин байтро фақат Николай Тихонов барин шоири бузург гуфта метавонад. Дар тули солҳое, ки ҳамроҳ сафар мекунем, ба ростӣ гармию сардиро фаровон дидем, шаби зиёдеро дур аз ёру диёр ҳамроҳ рӯз кардем, ба ғаму шодии якдигар шарик шудем» [35, 23].

Хотироте, ки устод Мирзо Турсунзода ба ҳамроҳии Мусо Ойбеку Анатолий Сафронов дар Покистон доштанд, низ қобили мулоҳиза ва таваҷҷуҳ мебошад. Яке аз чунин ёддоште, ки нависанда Убайд Раҷаб аз забони худи устод шунидаву дар китоби хеш нақл кардааст, ба ин сурат аст:

«Ин воқеа соли 1949 ба вуқуъ пайваста буд. Сафари онҳо се моҳ тул кашид. Вақте ки онҳо аз хоки Афғонистон ба хоки Покистон майли гузаштан карданду хостанд аз сарҳад гузаранд, ҳангоми тафтиши сарҳадӣ Мирзо Турсунзода, ки забони форсиро медонист, шиносномаҳоро болои ҳам гузошта, ба афсари сарҳадбон дароз кард. Афсари сарҳадбон як марди миёнқади гандумгуни ҷиддитабиате буд, бодиққат ва оромона шиносномаҳои онҳоро тафтиш мекард. Ба сурати устод нигариста, баъд ба сӯяш назар афканд ва боз чашм ба сурат давонд ва аз устод суол кард.

-Ҷаноби мухтарам, ба ман бигӯед, ки оё Мирзо Турсунзодае, ки шиносномааш дар дасти ман аст ва Мирзо Турсунзодае, ки «Қиссаи Ҳиндустон»-ро навиштааст, ҳар ду як нафар ҳастанд?

-Бале, ҷаноб, дуруст пай бурдед, посух дод устод, мақсади пурсишашро надониста.

-Агар ин тур аст, аз ин сӯ гузаред, афсар ғавҷӯбро боз карда, онҳоро ба хона даъват намуд. Ҳангоми роҳрав онҳо дар дил хаёлҳои гуногунро пеши назар меоварданд. Вақте ки вориди хона шуданд, диданд, ки хон густурда шудааст. Ҳама ҳайратзада буданд ва аз таги гап бехабар, андеша ба сад кӯй мебурд» [35, 24 ].

Баъди пазироии онҳо, суҳбат аз шеъру адабиёт ба миён омад ва ба ин васила се-чор соат ин суҳбати онҳо идома ёфт. Баъди шиносоиҳо фурсати хайрбод фаро расиду қабл аз ташаккур гуфтан устод суолаш кард, ки инчунин лутфу марҳамат аз ҷониби ишон ба ҳама касон аст, ки аз ин нуқтаи сарҳад мегузаранд, ё танҳо барои мост. Дар ин ҷо бо овардани матлаби мазкур бори дигар Убайд Раҷаб собит месозад, ки устод Мирзо Турсунзода миёни мардуми Ҳинду Покистон ҳамчун мунодии сулҳу дӯстӣ чӣ қадар обруву эътиборро соҳиб гардидаст. Дар идома бар иртибот бо масъалаи мазкур чунин менависад: ««Дар Покистон саду панҷоҳ миллион одам ҳаст, на ба рӯи ҳар кас бахт он тавр механдад, ки се-чаҳор соат бо муаллифи «Қиссаи Ҳиндустон» ва ҳамсафарони ӯ гирди як хон сари суҳбат нишаста бошад. Биравед, ҳамаи роҳҳо ба рӯятон кушода, Покистон дар ихтиёри шумост.

Чанд қадаме вориди сарҳад гардиданду Николай Тихонов шодона хитоб кард:

-Ана, дӯстони азизи ман, қувваи каломи шоир чӣ гуна аст! Кореро ба ҷо меорад, ки шамшер адо карда наметавонад» [35, 24].

Бахши дигари ёддоштҳои Убайд Раҷаб фарогири фурсатҳое ҳастанд, ки аз сафари ҳар ду дар ҳавопаймо нақл мекунанд. Ҳангоми азми сафар бо устод Мирзо Турсунзода бо ҳавопаймо фазои баҳри Аралро пас монду хоб аз чашмонаш гурехт. Ба тиреза менигаристу, дид, ки зеҳи шафақ сурате, ки гули

ҳафтрангро монад, доман кашидааст. Устод Мирзо Турсунзода ҳам бедор шуданд, рангҳои субҳро тамошо мекард. Барои кӯтоҳ гардидани роҳ Убайд Раҷаб аз устод хоҳиш кард, ки чизе аз сафарҳояш ҳикоят кунад. Таклифи ӯро қабул намуда, саргузашти яке аз сафарҳояшро ба тафсил нақл намуд, ки аз хотири вай ҳеҷ гоҳ дур намегардад, иброз медорад устод Убайд Раҷаб. Ин ҷо ба назар мерасад, ки дар навбати аввал дар қисмате аз воқеаву ҳодисаҳои марбут ба ҳаёти устод Мирзо Турсунзода бевосита нависанда худ шоҳид ва иштирок кардааст ва бахши дигарро аз рӯи нақли худи устод навиштааст. Аз ҷумла дар ҳамин сафар яке аз рӯйдодҳои дигарро қаҳрамони марказии ёддошт устод Мирзо Турсунзода чунин нақл мекунад:

- Барои иштирок дар маҷлиси муҳофизони сулҳ азми шаҳри Москва кардем. Аз ҳамаи гӯшаҳои олам вакилон омаданд. Рӯҳонии англис Хюз ҳам дар байни меҳмонон буд. Мо бо ӯ шиноси деринем. Ҳар бор дар ҳар куҷое ки маро бинад, «ҷаноби Турсунзода, ман мазҳаби шуморо қабул мекунам ва, албатта, мусалмон мешавам, дар пиронсолӣ ин мазҳаб ба ман хуш омадааст»,- мегӯяд. Рӯзи аввал, ҳамин ки аз дур якдигарро дидем, бардам-бардам қадам монда, наздам омад.

-Чӣ ҳол доред, ҷаноби Хюз, -пурсон шудам,-кайфият ва сиҳатӣ чӣ тавр аст?

-Хуб аст, ҷаноби Турсунзода, аз сиҳатӣ шикоят надорам, аммо ба шумо гуфта наметавонам, ки ҳама корҳоям нағзанд. Ба ваъдаи худ ҳанӯз вафо накардаам, шуморо дидаму ба ёдам расид, ки ҳанӯз ҳам мазҳаби исломро қабул накардаам. Мусулмон шудан чандон осон нест, ҷаноби Хюз, гуфтам, шартҳое дорад, ки шумо иҷро карда наметавонед, синнатон даст намедиҳад. – Не- не ман ҳамаи шартҳояшро мепазирам, забони арабиро, меомӯзам, ана мебинед, ки гапи ман қатъист. Ҳама шарташро иҷро кардан мумкин аст, ба ҷуз яктоаш,- истодагарӣ кардам дар назди ҷаноби Хюз.

Маҷлис поён ёфту вакилон ба ҳар диёр рафтанд. Барои ба Инглистон гуселонидани ҷаноби Хюз ба фурудгоҳ омадам. Ман аз қавлам нагаштам, ҷаноби Турсунзода,- гуфт пирамард,- ба Ватан, ки баргаштам, мусалмон ме-

шавам. Не, наметавонед, ҷаноби Хюз, -гуфтам, -мусулмонӣ ба гап намешавад, як шарти хеле муҳим дорад, ки иҷрояш барои шумо гаронӣ мекунад. Кадом шарт аст, ки шумо ҷаноби Турсунзода, маро аз иҷрояш ин қадар метарсонед, -гуфт ҷаноби Хюз. Агар он шартро ба ман нагӯӣ, вориди тайёра намешавам. Шарти асосии мусулмонон суннат кардан аст. Фарзанди мусулмон, пеш аз ҳама, бояд хатна кунад, -гуфтам ноилоҷ. Духтари тарҷумон аз шарму хиҷолат зери обу арақ тарҷума кард. Но! Но![Не!Не!], -хитоб кард ҷаноби Хюз,- ба ин шарт ман ҳаргиз розӣ шуда наметавонам. Ҳар куҷое, ки бо вай вохӯрем, пеш аз салом додан»Но! Но!» мегӯяд[35, 43-44].

Яке аз хотираҳои нодир, ки барои шинохти масоили адабиётшиносӣ, хоса заминаҳои зуҳури шеъри нав дар Тоҷикистон низ нақши муассир дорад, шарҳу тафсири рӯйдодҳои он рӯзҳое мебошад, ки адибиётшиноси номвари Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ ва шоири маъруф Нодири Нодирпур ба Тоҷикистон  омадаанд. Ба ибораи дигар, сафари доктор Парвиз Нотили Хонларӣ ба Тоҷикистон бо ҳамроҳии Лутфалии Суратгар ва Нодири Нодирпур соли 1967, ки бар асари он дар Тоҷикистон суҳбате дар атрофии шеъри кунунии форсӣ барпо шуда буд, як саҳифаи хотирмоне аз ҳаёти устод Мирзо Турсунзода аст, ки онро Убайд Раҷаб ёдрас шудааст. Дар толори УДТ [ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон] базми шеър барпо гашт. Устод Мирзо Турсунзода меҳмононро ба ихлосмандони шеър шиносонда, дар ҳаққи Парвиз Нотили Хонларӣ, ҳамчун як фарди фидоии адабиёти форсизабон, ҳамчун васлгари дилҳои адибони мамолики форсигӯ сухан гуфтанд. Устод Мирзо Турсунзода дар ин базми шеър бори аввал шеъри «Ҳамин кофист»-ро қироат карданд:

Туро сад бор гуфтам, ки ғуломат ман, ҳамин кофист,
Фидои як каломат, як саломат ман, ҳамин кофист,
Навиштам, пахш кардам мухр, мондам даст бегуфтор,
Ҳаётамро, мамотамро ба номат ман, ҳамин кофист.

Вақте сатрҳои банди охирро қироат карданд, толорро мавҷи кафкӯбӣ фаро гирифт:

Вафо кун, гуфта будӣ, ман вафо кардам, ҳамин кофист,

Диламро дар вафо обу адо кардам, ҳамин кофист.

Агарчи ибтидои ошиқон дар ишқ ҳар ранг аст,

Вале бо номи ту ман ибтидо кардам, ҳамин кофист.

Парвиз Нотили Хонларӣ аз ҷой хесту дасти устод Мирзо Турсунзода-ро фишурд ва офарин хонд, устод китоби худро тақдим намуд. Дар он базми шеър дар қатори дигар шоирон Убайд Раҷаб шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме»-ро қироат намуд. Ҳангоми аз минбар баргаштан Парвиз Нотили Хонларӣ дасти Убайд Раҷабро гирифта муборакбод намуд ва як нусхаи шеърро аз шоир талаб намуд. Аз ҳамон вақт то инҷониб шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» дар Эрон саргузаште пайдо кард.

Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода хотироти хеле зиёд дорад, ки дар ин китоби арзишманди ӯ аксари онҳо нақл шудаанд. Ғамхории Мирзо Турсунзода нисбати Убайди Раҷаб таърихи аҷибе дорад. Тавре зикр кардем, Убайд Раҷаб 17 сол дар паҳлуи устод фаъолият намуда, зимни сафарҳои корӣ бисёр пастию баландиро аз эшон омӯхтааст, ки ин дар китоби «Зинда ба ишқ» басо воқеъбинона инъикос ёфтааст.

Он меҳру муҳаббат, самимияту меҳрубониҳои устодро Убайд Раҷаб ҳеҷ аз ёд бароварда наметавонист. Ҳангоми шунидани марги устод Мирзо Турсунзода Убайди Раҷаб бисёр ғамгину маъюс гашта буд. Аз байн шахсе рафт, ки ба Убайд ғамхории падарона мекард, шахсе рафт, ки ҳамдаму ҳамроз, ғамхору мушфиқи ӯ буд.

Убайди Раҷаб мисли дигар шуарои адабиёт барои устоди худ марсияе эҷод намуда. Ба қавли шоир, «он рӯз тавассути ин сатрҳо дили пур аз дард» холӣ шуд:

Рафт ӯ,

Хоксори хоксорон,

Меҳрубони меҳрубонон,

Дӯстдори дӯстдорон,

Қадрдони қадрдонон,

Пуштибони мулки шеъру достон,

Рафт чун барқи баҳорон,

Ахтаре аз каҳкашонҳо канда шуд,

Ашки мо аз дидаи мо канда шуд.

Чашма шуд чашмони гирён,

Нури чашми як ҷаҳон рафт.

Об шуд дилҳои бирён,

Бо сиришк аз дидаи дарёдилон рафт…

Рафт ӯ,

Дар дили гарми Лучоби шодмон,

Дар баландӣ, чун уқобе

Монд зебо ошён

Рафт ӯ…

Шеър монду меҳр монд,

Қисса монду достон [35, 232].

Ба таври куллӣ метавон изҳор дошт, ки ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода нисбати дигар адибон ба таври васеъ дар як китоби алоҳида нақл шудаанд, ки воқеан аз ҳар ҷиҳат дорои арзиш ва аҳамият мебошанд. Бо устод солиёни зиёд ҳамкорӣ карда, дар суҳбатҳо ва сафарҳо ӯро ҳамроҳӣ кардааст. Ғамхориҳои падаронаи устод дар қалбу дидаи Убайд Раҷаб ҷой гирифта, аз ин рӯ, аз мулоқотҳои вай дилкандагӣ надошт. Насиҳатҳои устод Мирзо Турсунзода нисбати навқаламон бисёр муфид ва ҳар нуктаашон омӯзанда аст. Баробари ин, мутолеаи ин ёддоштҳо имконият медиҳад, ки дар баробари равшан гардидани бисёре аз саҳифаҳои зиндагонии адиб, ҳамкориҳо ва пайвандҳои адабӣ, сарчашма ва сабаби эҷоди баъзе аз ашъори устод Мирзо Турсунзода низ дақиқу равшан гарданд, ки бешак ин хотираҳо барои нақду сухансанҷӣ ва адабиётшиносии муосири тоҷик низ муҳим ва арзишманд мебошанд.

## 3. 2. Симои бадеии адибони тоҷик дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб

Устод Убайд Раҷаб ёдкардҳои хотирмони хешро дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» роҷеъ ба устодони каломи бадеъ ба монанди Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина, Ҳабибулло Назаров ва Лоиқ Шералӣ ба қалам додааст. Онҳо аз зумраи адибоне ҳастанд, ки бо Убайд Раҷаб ҳамкории хуб дошта, ҳатто дар ҷодаи эҷод барои нависандаи хотирот кумакҳои фаровоне намуданд. Хотираҳои Убайд Раҷаб дар бораи адибони дигар асосан дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» баён шудаанд. Вале як ёддошти бисёр ҷолиб ва алоҳидаи ӯ дар бораи шоир Ашӯр Сафар дар маҷаллаи «Садои Шарқ» ба чоп расидааст, ки дар ин китоб ҷой надорад. Тавре қаблан низ ишорат шуд, ҳарчанд қаҳрамони марказии ин ёддошт Ашӯр Сафар аст, аммо зимнан дар бораи дигар шоирону адибон низ дар ин навиштаи ҷолиб сухан меравад. Барои дақиқ ва мушаххас баён шудани мулоҳизаҳо роҷеъ ба ин адибон хотираҳои нависандаро ба таври алоҳида баррасӣ хоҳем кард.

**Абдусалом Деҳотӣ**, як марди шариф ва равшанзамир, гарчанде аз вафоти ӯ солҳои зиёде сипарӣ гардида бошад ҳам, чеҳраи гандумгуни саршори меҳр, лабханди самимияш ва ҳангоми суҳбат хирадмандона сухан гуфтанашро Убайд Раҷаб дар хотироти хеш таъкид намудааст. Лаҳзаи охирини дидорбинӣ ду ҳафта пеш аз марги устод ба вуқуъ пайваста буд. Файзулло Ансорӣ сабаби робитаи ҳамкорӣ-эҷодии ин ду тан дилбохтаи фарҳангу адаби муосири тоҷик гардид, ки ин дидорбинӣ соли сеюми таҳсил дар омӯзишгоҳ ба амал омад. Мавсими ҳосилғундорӣ расида буду ҳаво каме сард ва чоштгоҳ гарм мешуд, ки ба ҳусни табиат зебогие зам мегардид. Дар байни мардум миш-миш пайдо гардид, ки шоир Абдусалом Деҳотӣ ба Панҷакент омадааст. Бо шунидани ин хабари хуш эҳсоси нотакроре вуҷуди устодро фаро гирифт ва мунтазири дидори ӯ гардид. Барои боварии қатъӣ ҳосил кардани худ ба назди муаллим Абдуҷаббор Шарифзода, ки ӯро ростгӯйтарин шахси рӯйи олам мепиндошт, рафта ва омадани Деҳотиро

пурсон шуд. Ӯ хоҳиш кард, ки Абдусалом Деҳотиро ба омӯзишгоҳ даъват кунанд, донишҷӯён хоҳиши бо ӯ вохӯрдан доранд. Ин хоҳишро ба мудири омӯзишгоҳ Қутбиддин Раззоқ расонданд, ки ҳамроҳи донишҷӯён саргарми мевачинӣ буданд. Сипас, мудир ин хоҳишро истиқбол ва муаллим Абдуҷаббор Шарифзодаро рухсат дод, ки талаби шогирдонро ба меҳмон бирасонанд. Хоҳиши донишҷӯёнро ба устод Абдусалом Деҳотӣ расониданд, ӯ бо камоли майл қабул намуд, ки матлаби зерин дар китоби «Душ будам ҳамнишин» гуфтаҳои моро таъйид мекунад: «Мулоқоти донишомӯзон ва устодон бо Абдусалом Деҳотӣ ду соат давом кард. Чунин воқеаҳоро аз сар гузаронидани Убайд Раҷаб, ҳангоми бо Файзулло Ансорӣ ба Иттифоқи нависандагон дар ҳалқаи устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар ва Боқӣ Раҳимзода Абдусалом Деҳотиро дидан, дарҳол ӯро шинохтан ва ҳамон маҷлиси мулоқот ва суҳбати ширинаш ҳамааш як-як ба ёдаш омад» [36, 25].

Яке аз далелҳои мустанаде, ки Убайд Раҷаброро барои аз домани шеъри кӯдак минбаъд маҳкам доштанаш сабаб шуда ва таконе ҳам дода буд, ин воқеаи баҳори соли 1955 мебошад. Убайд Раҷаб баҳори ҳамон сол таҳти унвони «Табиати дилкушо» шеъри тозае навишта ва барои таҳрир бо дили пур аз меҳру садоқат ба назди Абдусалом Деҳотӣ омад, ки дар он солҳо вазифаи ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро ба уҳда дошт. Баъди ду рӯз Убайд Раҷаброро дар хонааш мунтазир шуд. Моҳи август ҳанӯз ҳам ҳаво гарм буд, аз кӯчаҳои мумфарш ҳаракат кардан ба кас душворӣ мекард. Ҳангоме ки Убайд Раҷаб вориди ҳавлии устод Абдусалом Деҳотӣ гардид, барои пешвоз аз ҷо бархост. Суханро Абдусалом Деҳотӣ оғоз намуда, дар бораи шеърҳояш ҳарф зад: «Шеърҳоятро хондам, писарам, бад нестанд, мавзӯяшон хушам омад. Нағз кардед, ки табиати деҳаро ба риштаи тасвир кашидан хостед, он чӣ ки дар адабиёт кам аст» [36, 26].

Ҳангоми рафъи нуқсонҳо Убайд Раҷаб ба замин чашм дӯхта, самимона гӯш медод ва дар андешаи он буд, ки шеърҳояш писанди устод меомада бошад. Устод Деҳотӣ вараqи якуми шеърҳои Убайд Раҷаброро берун оварда, таҳрири саҳифаи якумро дида, зери обу арақ монд ва ӯ ин лаҳзаро

дида, гуфт: «Ман ба се шеър дасти таҳрир задам, ҷо-ҷо баъзе сатрҳо суфта шудаанд ва дар поварақ мулоҳизаҳоямро навиштам. Хона, ки рафтед, бо диққат бинед» [38, 27]

Шеъри аввали силсила «Баҳори мо нав-нав тароват медиҳад» ном дошт, ки Абдусалом Деҳотӣ бо қалами сабзранг рӯйи он хат кашида, дар ҷояш «Деҳаи мо» навишт. Аз ин маълумот нуктаи хеле муҳими дигар низ равшан мешавад, ки дар камолоти эҷодии Убайд Раҷаб дар баробари Мирзо Турсунзода Абдусалом Деҳотӣ низ нақши пуртаъсир гузоштааст.

Дигар шахсияти бузургу рӯзгордида, ҳалиму меҳрубон устоди раҳнамо, **Боқӣ Раҳимзода** мебошад, ки дар фаъолияти илмӣ-адабии Убайд Раҷаб нақши муассире дорад. Устод Убайд Раҷаб, вақте ки китоби «Роҳи тайшуда»-и Боқӣ Раҳимзодаро мутолиа мекард, чанд калимаи барояш ба унвони ёдгор бо меҳру муҳаббат аз назар мегузаронд.

«Ба дӯст ва бародарам Убайдуллоҳ!

Хотирае аз давраи ҳамкорӣ ба Шумо тақдим мешавад.

Умед аст, ки маро ба некӣ ёд мекунед.

Боқии шумо,

24 сентябри соли 1967» [36, 64].

Убайд Раҷаб, ҳангоме ки чеҳраи нуронии Боқӣ Раҳимзодаро мебинад, дилаш гум мезанад ва муаллими бузург бо чашмони пур аз меҳр ба рӯяш менигарад: «Умед аст, ки маро ба некӣ ёд мекунед» ва оҳиста –оҳиста он рӯзгори нотакрор дар навори хотира акс меёбад ва мурғи хаёл бол мекушояду садое дар сарои дил мепечад:

«Ало, эй ҳамнишини дил. . . маро рӯзе мабод он дам, ки бе ёди ту биншинам. . .» [38,64]

Ду тан аз бузургони адаби тоҷик Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода аз миёни шоирону нависандагони синни муборакашон аз остонаи панҷоҳ гузашта, фарқ мекарданд. Дар Иттифоқи нависандагон одат чунин буд, ки вақти мулоқоту муколама ҳамкорону шогирдон якдигарро бо нидои

«муаллим» ном мегирифтанд. Аммо ҳамагон Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзодаро «муаллими бузург» меномиданд . Ин номгузориҳо сабаби худро доштанд, ки Мирзо Турсунзода аз рӯйи эҳтироми шоирӣ ва мақому мартабаи иҷтимоияш чунин нидо мекарданд. Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои хеш сабаби «Муаллими бузург» хондани Боқӣ Раҳимзодаро ба чанд маънӣ шарҳ медиҳад: «Яке ба ҷиҳати қоматбаландиву хушчеҳрагиву чаҳорпаҳлугии вай ва дигаре ҷиҳати зарофатгӯйиву ҳозирҷавобӣ ва пухтабаёниву дақиқназарии ӯ буд. Ҳангоми дар суҳбати устод нишастан дил мехост, ки аз мулоқоташ дур наравӣ. Аз шунидаҳои Убайд Раҷаб, ки калимаи «бузург» ба номи Боқӣ Раҳимзода баъди ҳазлу хушгӯйиҳои Абдусалом Деҳотӣ часпидааст. [36, 65]

Абдусалом Деҳотӣ ҳам лақаб дошт. Дӯстон ва ҳамнишинонаш ӯро, бинобар сари ҳар масъала таассуф хӯрдану таҳти дил «уф» гуфтанаш, «ҳазрати уф» лақаб карда буданд. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи дигар шоирон низ сарчашмаи эҷоди ашъори онҳо низ равшан ва дақиқ шудааст. Аз ҷумла, Убайд Раҷаб менависад: «Боқӣ Раҳимзода дар як шеъри ба Абдусалом Деҳотӣ бахшидааш ҳазломез ҳамин одати ӯро ёд овардааст:

Қаламро гаҳ асо кардам,
Ба роҳат ман вафо кардам.
Напурсидӣ чиҳо кардам,
«Ту ҳам ёде бикун аз ман».
Маранҷонам, макун ҷангам,
Ту медонӣ, ки дилтангам.
Уф-ф-ф. . . Охир бубин рангам,
«Ту ҳам ёде бикун аз ман» [36, 65 ]

Абдусалом Деҳотӣ, ки марди зиндадил ва ҳазлдӯстдор буд, ҳангоми дидани ҳар чизи аз андоза бузургтаре мешукуфту мегуфт: «Ваҳ, мурам, Боқӣ Раҳимзодааш-ку!». Хоҳ себу шафтолу бошад, хоҳ ноку анор, хоҳ тарбузаву

харбуза, ғайри муқаррарӣ, ки тофт, бо ҷуссаи Боқӣ Раҳимзода муқоиса накарда наметавонист [36,65]

Аз навиштаҳои Убайд Раҷаб маълум аст, ки сабаби меҳри саршор доштани ӯ нисбат ба Боқӣ Раҳимзода дар Иттифоқи нависандагон ғамхору меҳрубони навқаламон будани ин адиби маъруф ба ҳисоб мерафт. Дар суҳбатҳои устод доимо иштирок дошта, ба вай дарди дил мекарданд ва ӯро пушту паноҳи худ меҳисобиданд. Қобили зикр аст, ки устод Боқӣ Раҳимзода хислатҳои наҷибро доро буда, бо суханони хуб дили афтодаро ба даст оварда, шогирдонро аз вазъияти душвор мераҳонид ва дар дилу дидаи онҳо аз муҳаббат барояшон ошён мегузошт. Накӯ марде буд.

Устод Боқӣ Раҳимзода шоирони ҷавону навқаламро ба роҳи ҷавонӣ ва некӣ кардан бо дунёи зиндагӣ ворид месохт. Масалан:

Рав некӣ кун, ки мар-туро дастрас аст,

К-ин олам ёдгори бисёр кас аст.

Тавре ки Убайд Раҷаб воқеаҳои ёддоштии худро дар нишасту суҳбатҳояш ёдоварӣ мекунад, устодро дар муддати бист соли огоҳӣ ва ҳамкорию ҳамроҳӣ чунин дарёфтааст. Нависанда ёддошти хешро дар қолаби лаҳзае ё гуфтае, тавре ки аз забони худи ӯ шунидааст, рӯйи коғаз овардааст.

Аз гуфтаҳои дар боло зикргардида маълум гардид, ки Убайд Раҷаб нисбати ин устоди мушфиқу ғамхори худ эҳтироми хоссае дошта, маҷмуи эҳтиром, муносибат ва муколамаҳои хешро дар асараш холисона ба риштаи таҳрир кашидааст. Меҳру самимияти бузургони каломи бадеъ, аз ҷумла, Боқӣ Раҳимзода дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» таҷассум ёфта, ки дар ҷараёни таҳлилу баррасии дидгоҳҳои шоир ва хотироти рангини ӯ ҳақиқати ин амр ҷилвагар гардид.

**Пӯлод Толис** аз назари Убайд Раҷаб адибе буд, ки дар суханварӣ моҳир, дақиқназар ва ғамхору мушфиқ ва шахсияте буд, ки дар байни ҳамкасбони худ дорои эҳтироми хосса буд. Ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи ин нависандаи номвар, вале ҷавонмарг дар ду маврид баён шудаанд.

Нахуст, ёддошти тулонии ӯ, ки воқеан сурати як асари мустақилро ҳам дорад, дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» таҳти унвони «Дили пурдард» ҷой гирифтааст. [38, 134-178]. Ҳамзамон, дар нашрияи миллии «Садои Шарқ» ёддоште аз Убайд Раҷаб таҳти унвони «Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ» ба чоп расидааст, ки хотироти ӯро дар бораи фаъолият дар идораи ин маҷалла фаро мегирад. Бахши зиёди ин хотирот низ ба зиндагӣ ва фаъолияти адабии Пӯлод Толис ихтисос ёфтааст.

Убайд Раҷаб дар ёддоштҳояш таъкид мекунад, ки ҳамеша талош дошт, ки аз суҳбату маслиҳати ин нависандаи варзида баҳраманд гардад. Он ёддоштҳое, ки Убайд Раҷаб нисбати Пӯлод Толис дошт ва рӯйи қоғаз овардааст, воқеист ва бе ҳеҷ обу ранг мебошанд. Дар солҳое, ки Убайд Раҷаб дар Донишкадаи омӯзгории шаҳри Душанбе таҳсили илм дошт, ба навиштани шеър даст зада буд. Ҳамасола маҷлиси солонаи адибони ҷавони ҷумҳурӣ дар маҷлисгоҳи Кумитаи марказии комсомоли Тоҷикистон мегузашт, дар қатори дигар шоирони ҷавон Убайд Раҷаб низ даъват карда шуд. Дар ин маҷлис аз ҳисоби ҷавонон якумин шуда Пӯлод Толис ба минбар хонда шуд, ки ин якумин дидорбинии Убайд Раҷаб бо Пӯлод Толис буд.

Аз навиштаҳои Убайд Раҷаб дар қиссаи ёддоштии ӯ «Дили пурдард» маълум мешавад, ки меҳру муҳаббат ва муносибати Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода ба Пӯлод Толис хеле самимӣ буд, онон дар симои ӯ як нафар насрнависи болаёқат ва борикбинро медиданд. Боқӣ Раҳимзода Пӯлод Толисро ба ҳукми фарзанди хеш дӯст медошт ва гаштаю баргашта таъкид мекард: «Дидадаро шав, ба дида ҷо шав»,-мегӯянд дар урфият. Бо ҳамин табиати дидадароияш Толис дар дилу дидаи Боқӣ Раҳимзода ҷо шуда буд ва Боқӣ Раҳимзодаи беписар ӯро ҳамчун писари худ медонист. Он хислатҳое, ки дар ниҳоди Пӯлод ҷилвагар буд, писанди Боқӣ Раҳимзода гардид. Пӯлод Толис ду хислати аҷибро меписандид: китобхонӣ ва шоҳмотбозиро. Китобро бештар шабона мехонд. Агар чакидаи қалами шоир ё нависанда бошад, онро ба тафсил мехонду қимати асарро муайян намуда, зарро аз мис ҷудо мекард.

Баъди мутолиа китоби писандидашро як сӯ гузошта, роҷеъ ба он фикру мулоҳизаҳои худро мухтасар сабт мекард. Ин муносибати Пӯлод Толис нисбат ба интихоби китобҳо Убайд Раҷабро дар ҳайрат монд ва боре пурсид, ки чаро китобҳоро барои мутолиа интихобан намегирӣ. Толис дар ҷавоб гуфт: «Ҳама чизи хубу нохуби ба мутолиаи мардум пешниҳодшударо бояд хонд ва бояд донист, ки адабиёти тоҷик имрӯз дар кадом пояи инкишоф аст, чӣ бурду чӣ бохт дорад, хуб кадому бад кадом аст» [36, 54].

Яке аз саҳифаҳои хотирмони ҳаёти Толис бо нависандаи Югославия дар хотири Убайд Раҷаб нақш баста буд ва он ба меҳмонии ин адиби югославӣ ба Иттиҳодияи нависандагони Тоҷикистон робита дошт. Аз устод Толис хоҳиш карданд, ки ҳамроҳи меҳмон ба сафари Тоҷикистон бароянд. Сафари устод Толис бо нависандаи югославӣ як ҳафта тӯл кашид. Ҳангоми аз шаҳри Норак баргаштан, аз гарданаи Чормағзак ба ҳусни манзараҳои водии Ҳисор нигаристанд, тамошои табиати атроф ба меҳмон хуш омад. Лаҳзае он ҷо таваққуф карданд ва дар бораи адабиёт сухан оғоз карданд. Толис аз мавзӯи китобҳои меҳмон огоҳ буд ва ӯ ҳангоми шунидани ин суханҳо мутааҷҷиб шуд, ки дар сарзамини дуре аз диёраш навиштаҳои ӯро хондаанд ва хуб медонанд.

Инчунин, дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин»-и Убайд Раҷаб ёддоштҳои зиёдеро дар бораи Толису Мирзо Турсунзода, ки як саҳифаи дурахшони ҳаёти онҳоро ҷилвагар менамояд, ба қалам додааст. Устод Мирзо Турсунзода шавқу рағбати бозии шоҳмотро дошт ва аз ин рӯ як лаҳзаи хотироти онҳоро ҳангоми бозии шоҳмот Убайд Раҷаб чунин баён кардааст. Мирзо Турсунзода одатан ҳазломез, ба вай чунин муроҷиат мекард: «Хуш, Муллотолис, эҳтиёт мешавед-дия? Банда сахт бозӣ мекунад, саҳл нагиред, ки бозигари ҳазл нестам. Аз ёд набаоред, ки ман бо худи Михаил Тал қувва озмудаам» [36, 164].

Пӯлод Толис то кадом дараҷа ҷиддӣ будани сухани устодро медонисту сир бой намедод. Аммо устод Мирзо Турсунзода гаштаю баргашта ин суханро такрор ба такрор мегуфт. Воқеаи бо Михаил Тал бозӣ

кардани устод Мирзо Турсунзодаро Толис медонист ва, аз ин рӯ, ба ҳазлҳои устод сарфаҳм мерафт. Мирзо Турсунзода ҳар вақте ки бо нияти шоҳмотбозӣ бо Толис паси тахтаи шоҳмот менишастанд, он хотироти худро бо Михаил Тал пеши назар оварда, таъкид мекарданд. Толис табиатан ҷавонмард ва баландҳиммат буд ва такроран ба забон овардани байти зерро дӯст медошт:

Ҳиммат баланд дор, ки мардони рӯзгор

Аз ҳиммати баланд ба ҷое расидаанд [36, 164].

Бо ҳамин сабаб аст, ки ёддоштҳои хешро дар ин бахши китоби хеш Убайд Раҷаб «Ҳиммат баланд дор» ном ниҳодааст. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ он аст, ки аз ёддоштҳои Убайд Раҷаб маълум мешавад, ки Пулод Толис дар оғози эҷодиёти хеш ба шеър гуфтан низ машғул шудааст. Ӯ дар бахше аз ин ёддошт, ки «Ошиқи шеъри хуб» ном дорад, чунин навиштааст: «Толис дар ибтидои эҷодиёти хеш шеър мегуфт. Агар ба номи ёру дӯстон нома нависад, онро бо порае аз шеъраш оро медод. Шеърнависии Толисро ҳама касон намедонистанд. Ман огоҳӣ доштам. Бобо Ҳоҷӣ номаҳои шеъромези аз Маскав фиристодаи Толисро хондааст. Аз назарҳо пӯшида набуд, ки Толис ошиқи шеър аст, байте ё мисраи шеъреро шунавад, ҷон мегирад, гул мекунад. Дар рафти муҳокимаи шеър дар идораи “Шарқи Сурх”, ки бо ташаббуси ӯ мунтазам барпо мешуд, фаъол аст, бамавқеъ мулоҳиза мегӯяд, ба бориктарин нуктаҳои шеър сарфаҳм меравад, нозук эрод мегирад, аммо аз забони худаш шеърашро нашунида будам « [38, 169].

Аз ин ишороти Убайд Раҷаб на танҳо ба шеър низ шуғл варзидани Пӯлод Толис равшан мегардад, балки маълум мешавад, ки ӯ дар нақди шеър ҳам дасти тавоно доштааст ва фаъолият дар маҷаллаи «Шарқи сурх» ба ҳайси сармуҳаррир дар ин ҷода барояш хеле кӯмак намудааст.

Вохӯрии охирини Убайд Раҷаб бо Толис ҳафт рӯз пеш аз вафоташ-нуҳуми сентябри соли 1961 ба вуқуъ пайваста буд. Ин рӯйдодро нависанда дар бахши қабл аз охири ёддошти хеш бо номи «Суҳбати охирин» овардааст. Убайд Раҷаб он рӯз бо Мӯъмин Қаноат, Мустафо Шарқӣ дар идораи «Шарқи сурх» менишастанду Гулчеҳра берун рафта буд. Убайд Раҷаб он рӯз аз

сафари Зарафшон баргашта буд, салому паёми шиносҳои зарафшонии ҳамкоронро мерасонид, яъне тули даҳ рӯз куҷо рафтан ва чӣ кор кардаашро як навъ ҳисобот медод.

Ҳамин вақт бо чеҳраи хуш ба табассум Толис ба идора ворид шуда, чун ҳамеша як-як даст дода, вохӯрӣ кард. Толис ҳамроҳи онҳо нишаста, саргарми суҳбат шуданд. Аммо дар чеҳраи ӯ як ноҷурие намоён буд ва суоле карданд. Пӯлод ба онҳо чунин посух дод: «Дар сафар каме нотоб шудам. Хостам, ки ду-се рӯз дам гирам. Шуморо бинаму аъзоҳаққиро супорам гуфта аз хона баромадам» [36, 173]. Убайд Раҷаб ҳаминро нисбати Толис ба хотир оварда, гуфт: сабаби ба ин аҳвол афтидани Толис дар он буд, ки аз сафари Мастчоҳ ҳафт моҳ гузашта бошад ҳам, ӯ ҳанӯз ҷойи кори муайян надошт. Вақти аз кор рафтанаш барояш ваъдаи дигар дода буданд, аммо чӣ чора ки ба ваъдаашон содиқ намонданд. Толис азоби моддӣ ва маънавӣ мекашид, аммо вонамуд намекард. Вақте ки Убайд Раҷаб ба рӯяш менигарист, аз чашмони ҳаққҷӯяш осори азоби аламро дарёфт. Ҳаминро ба инобат гирифта, ба мақолаи «Панди бебаҳо»-и устод сад сӯм ҳаққи қалам доданд, вале Убайд Раҷаб қарздориашро намедонист, вагарна боз ҳам дасткушодтар мешуданд. Ба ин саховатмандии онҳо Толис ташаккур гуфт.[36, 173]

Ёдовар бояд шуд, ки дар ҳақиқат ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи Пӯлод Толис барои омӯхтани муҳимтарин лаҳзаҳои зиндагӣ, фазилатҳои шахсӣ, доираи эҷодиёти ӯ нақши муҳим доранд. Ҳатто дар охирин лаҳзаҳои ҳаёти вай дар сари ҷисми беҷонаш омадани Убайд Раҷаб садоқат, иродати муаллифро ба ин нависандаи ҳаққи устодӣ ба ӯ дошта нишон медиҳад.

Симои адиби хушсалиқа, хушгуфтор, суҳбатоpо, ки бо Убайд Раҷаб солиёни зиёд дӯстӣ доштанд ва риштаи дӯстии онҳоро фарзандашон идома додаанд, дар мисоли Нуъмон Розиқ ба назар мерасад. Убайд Раҷаб ва Нуъмон Розиқ аз давраи донишомӯзиашон дар Донишгоҳи омӯзгории шаҳри Душанбе шиносоӣ доштанд ва тез-тез ба дидорбинии якдигар меомаданд. Убайд Раҷаб рӯзҳои хурсандӣ ва соатҳои нохуширо бо ҳам гузаронид, барои ҳалли баъзе масъалаҳо якҷоя сари маслиҳат менишастанд. Нуъмон Розиқ

падари як оилаи серфарзанди тифоқ аз омадани меҳмон рӯҳ мегирифт ва рӯзе набуд, ки ба хонааш аз роҳи дуру наздик меҳмон наояд. Бештари меҳмонҳои ӯ нависандагон ва шоирон буданд. Яке аз хотираҳои ҷолиби онҳо ҳангоми сафар ба Латвия ба ҳисоб меравад. Ҳар ду соли 1973 бо мақсади истироҳат дар соҳили баҳри Балтика ба Латвия азми сафар намуданд. Ин лаҳзаи хотирмонро Убайд Раҷаб чунин тасвир намудааст: «Вақте дар саробӯстони Дубулти ҷобаҷо шудему ба нияти аз ҳавои баҳр нафасе озод гирифтан берун омадем, Нуъмон Розиқ поро қафо кашид ва гуфт: «Убайдҷон, узр мехоҳам, як дам таваққуф кун, ман ба як рафиқ телефон кунам, ки фардо дер мешавад» [36, 247]. Баъд аз соате, аз омадани дӯсташ маро огоҳ намуд. Бо он шахс мисли дӯстони дерина суҳбат доштанд. Маро бо онҳо шинос намуд. Он шахс дар хонааш моро ба сифати меҳмон дидан мехост. Шиносӣ бо ин мардро аз Нуъмон Розиқ пурсон шудам ва ин қиссаро ба ман ҳикоя кард. Ду сол пеш як бегоҳ сари дуроҳаи назди хонааш баромада, марду занеро мебинад, ки борхалтаро рӯйи роҳ монда, интизори мошин нишастанд, сӯйи Явроз ба тамошои дараи Ромит рафтан мехоҳанд. Аммо чӣ тавр ба он ҷо рафтанро сарҳисоб намераванд. Шом расида буд ва хоҳиши ба Душанбе баргаштанро доштанд. Нуъмон Розиқ онҳоро дар ҳолати парешонхотирӣ дида, ба наздашон рафта, онҳоро ба хона даъват намуд. Аз меҳмоннавозии устод онҳо хеле хурсанд гардида, арзи сипос намуданд. Тайи рӯзҳои дар Тоҷикистон буданашон онҳоро ба тамошои дараи зебоманзари Ромит, Симиганҷ, Чормағзаку шаҳри Норак, Варзобу Алмосӣ, қалъаи Ҳисор мебарад. Шиносоии онҳо аз ҳамин вақт оғоз меёбад ва он шахс таъкид мекунад, ки албатта Нуъмон Розиқ ба Рига сафар кунад ва ҷавоби некиҳояшро бармегардонанд. Нуъмон Розиқ ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қабул шуду шумори сарсупурдагони ин адабиёт як нафар афзуд ва ӯ дар нимаи аввали солҳои шастум ҳамчун як тан фидоии шеъри кӯдак шинохта шуд. Нуъмон Розиқ дар зиндагӣ пайваста вақти холигии худро дар ниҳолпарварӣ мегузаронид. Ҳамин шавқ буд, ки вақти холии худро мудом сарфи нигоҳубини боғи ободаш мекард. Ҳар фарди дар деҳқонӣ соҳибтаҷриба ҳам боғи ӯро дида, ба ҳав-

сала, пухтакорӣ ва хушзавқияш қоил мешуд. Муҳаббати ӯ ба табиат ва муҳити зист дар шеърҳояш то ҷое ифода ёфтааст. Дилбастагӣ ба табиати зебо ва набототу растанӣ ва боғдорӣ барои Нуъмон Розиқ шавқеро бедор кардаанд, ки дар баробари шеър ҳикоя нависад ва ин оламро барои мухлисони осораш хубтар ба риштаи тасвир кашад. Нуъмон Розиқ хислати хуб ҳам дошт, ки дар табиати дигар нависандаву шоири бароям наздик ва азиз камтар дидаам,- қайд кардааст Убайд Раҷаб. Ӯ ҳар чизи бо номи бузургони фарҳанг ва тамаддун алоқамандро эҳтиром мекард ва пос медошт ва саъйи тамом ба кор мебурд, ки он чиз ба фаромӯшӣ наравад. Охирин дидорбинии Убайд Раҷаб бо Нуъмон Розиқ ду рӯз қабл аз сафари Ашқобод ба вуқуъ пайваста буд. Дар Туркманистон бояд иди китоби кӯдакон мегузашт. Нуъмон Розиқро барои иштирок даъват намуд, аммо бо сабаби беморӣ бо Убайд Раҷаб ҳамсафар шуда натавонист. Вақте ки аз Ашқобод баргашт ба хонааш телефон намуд, мутассифона, ба ҷое рафта будааст, ҳамгап шуда натавонистанд. Басир Расо ба Убайд дар тамос шуда, барои хабаргирӣ рафтан маслиҳат намуданд. Аммо аз шаҳри Кофарниҳон [Ваҳдат] аз олам гузаштани ӯро хабар доданд. Баъди ба хок супурдани ӯ дӯстии Убайд Раҷаб бо аҳли оилаи марҳум идома дошт. Сабаби асосии дар сари дуроҳа манзил гирифтани Нуъмон Розиқ он буд, ки то мардумро хубтар шиносад ва одамон ба меҳмониаш зиёдтар оянд, чунки одамонро хеле дӯст медошт. Гарчанде ки аз вафоти ӯ солҳои зиёд сипарӣ гардида бошад ҳам, аммо мардум хотираи ӯро ба фаромӯшӣ надодаанд. Гӯё, шоир ин байтро барои вай гуфта бошад:

Бе гули рӯйи ту ҳар гул, ки ба бӯстон бинем,

Медиҳад ёд зи боғи дили пурҳасрати мо. [36, 134]

Хотираи Убайд Раҷаб дар бораи Нуъмон Розиқ як давраи тулониро фаро гирифтааст, ки дар ҳар як пастию баландии зиндагӣ ҳамроҳ буданд. Нуъмон Розиқро бошандагони ҷамоати Симиганҷ, ҳамчун як нафар ободгари маъракаи худ, хуб мешинохтанд. Ӯ хислати накӯи дигаре ҳам дошт, ки дар табиати дигар нависандаву шоири барояш наздик ва азиз камтар ба чашм мерасид.Дар баробари шинохти фазилатҳои шахсӣ роҷеъ ба паҳлуҳои

эҷодиёти адиб низ нуктаҳое аз ин ёддоштҳои адиб ошкор мегардад, ки бисёр муҳим ва зарурӣ ба назар мерасад.

Ҳамчунон, Убайд Раҷаб дар бораи адиби шинохта ва шахси ҳалиму меҳрубон **Ҷумъа Одина** ёддоштҳои ҷолибе дорад, ки зиндагии ӯро пеши назар ҷилвагар мегадонад. Аз навиштаҳои ин адиби кӯдакон равшан мегардад, ки рӯзе набуд онҳо бо якдигар во нахӯранду дар мавзуе суҳбат наороянд. Он лаҳзаҳои охире, ки Убайд Раҷаб ӯро дар ҳолати ноҳинҷорӣ медид, ҳис менамуд, ки устод нотоб аст, аммо сир бой намедод, худро устувор мегирифт. Суханони нависанда ҳеҷ гоҳ меҳру муҳаббати Убайд Раҷабро аз худ коста намекард: «Сабил монад, поям накашид, ки як назар надида равам». Ҳар лаҳзае ки вориди дафтари кории Убайд Раҷаб мешуд, лаб кушода, «Убайдҷон, маро бубахш, ки барои аз вазифа сабукдӯш гардиданат сабаб шудаам». Бовар кун, «Гузашти айём» танҳо баҳонае буд. Аммо Убайд Раҷаб гаштаву баргашта таъкид мекард, ки ин ҷойи узрхоҳӣ нест, дигар ин суханҳоро аз хотираат маҳв кун.

Ҷумъа Одина синнаш аз сиву ду гузашта бошад ҳам, муҷаррад буда, танҳо зиндагӣ мекард. Сабаби издивоҷ накарданаш ин будааст, ки ҳангоми таҳсил бо як ҳамсабақаш аҳди муҳаббат баста, он шарикдарсаш ба аҳд вафо накарда будааст. Аз он лаҳзаҳо ёди ишқу муҳаббатро накардааст. Убайд Раҷаб боре меҳмони устод гардида, дар бораи хонадоршавии онҳо сухан кушод ва таъкид намуд, ки дар ин синну сол танҳо умр ба сар бурдан хуб нест, мард бояд дар зиндагӣ соҳиби зану фарзанд бошад. Ҷумъа Одина дар ҷавоби сухани устод Убайд Раҷаб байте аз Рӯдакиро хонд:

«Иёл не, зану фарзанд не, маунат не,

Аз ин ҳама танам осуда буду осон буд.

Бубахшед, ин байти устод дар баёни ҳоли шумо нест,-гуфт Убайди Раҷаб,- зан ними давлат аст, «Зани нек офияти зиндагист», бародар, албатта, бояд зан гиред. Ҷумъа нигоҳе ба рӯйи Убайд карда, байте аз Саъдиро мисол меорад:

Эй гирифтору пойбанди иёл,

Дигар осудагӣ мабанд хиёл». [36, 198]

Хулоса, Убайд Раҷаб барои Ҷумъа Одина аз Ҳисор як зани порсоеро пайдо намуданд, ки дар натиҷа бо ӯ издивоҷ намудаанд. Аз ин матлаб нуктаҳои муайяни рӯзгори ин адиб равшан мегардад, ки он ҳам аҳамияти ёддоштҳои нависандаро бозгӯӣ мекунад.

Убайд Раҷаб дар бораи ин марди фидоӣ хотираҳои зиёдеро дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» ба мутолиаи хонандагонаш пешкаш намудаст.

Яке аз хотироте, ки дар бораи ӯ ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекард, ин хотираи хуб доштани ӯ мебошад. Сужети аксари китобҳои хондаашро муфассал ҳикоя карда метавонист. Ба ҳамин тарз ӯ ба қаъри баҳри эҷоди даҳҳо суханварони ҷаҳоншумул ғӯтавар мешуд, то гаҳваре пайдо кунад. Вақте ки онҳо дар шаҳри Душанбе дуруст шинос шуданд, аз як нафар ошнои муқаррарӣ ба дӯст ва бародар мубаддал гашт.

Марди дидадаро, суҳбатоcustomро, соҳибмаърифат ва дилсоф **Ҳабибуллои Назар** буд, ки устод дар бораи ин марди шариф хотироте иншо намудааст. Ба сабаби меҳру садоқати вофир доштанаш соле ду-се маротиба ба дидорбиниаш мерафт. Устод дар лобалои гуфтаҳояш баён менамояд, ки ҳангоми мутолиаи китобҳои Ҳабибуллои Назар ҷанбаи воқеӣ доштаи онҳо ҳамчун як пораи хотираи овони ҷавониаш пеши назар ҷилвагар мегардад. Ӯ як умр дар хизмати мардум буда, аз як ҳуқуқшинос то ба мартабаи вазири адлия ва додхоҳи кулли Тоҷикистон расида буд. Ба серкориаш нигоҳ накарда, ҳаёташро бо шеъру шоирӣ гузаронидааст. Шиносоии Убайд Раҷаб бо Ҳабибуллои Назар дертар сурат гирифта бошад ҳам, он судманд буда ва бештар дар ҷодаи илму адаб сурат мегирифт.

Убайд Раҷаб устод Ҳабибуллои Назарро ба сифати як шоир ва нависанда хуб мешинохт. Вақте ки қиссаи «Дар ҷустуҷӯйи Карим Девона»-ро мутолиа менамояд, нисбат ба нигорандааш дар дилаш таваҷҷуҳи беандоза бедор мегардад. Ҳамин дилбастагӣ ба адабиёт Ҳабибуллои Назарро водор менамояд, ки ба мулоқоти Убайд Раҷаб аз деҳаи Тӯда ба Иттифоқи нависандагон, ба идораи «Садои Шарқ» ояд. Ҳабибулло Назар боре дар

суҳбаташ дар бораи Мирзо Ризо сухан оғоз намуд. Маълум гардид, ки онҳо дӯстони дерин буда, дар ҳамсоядеҳа зиндагӣ доштаанд. Мирзо Турсунзода, ки дар ҳузури онҳо буд, хоҳиш намуд, ки дар бораи чунин ҷавонони сарсупурда чизе нависад, чунки мисли вай Мирзо Ризоро касе намешиносад. Ин хоҳиши устодро пазируфта, баъди чанд моҳи сипаригардида Ҳабибуллои Назар бо дастнависе, ки дар болояш таҳти унвони «Мирзо Ризо» сабт гардида буд, ба идораи Иттифоқи нависандагон меояд. Устод ин қиссаро қабул намуда, ба Убайд Раҷаб барои хондан месупорад. Баъди таҳрир муддате нагузашт, ки «Мирзо Ризо» саҳифаи «Садои Шарқ»-ро оро дод. Аз чопи ин асар Ҳабибулло Назаров барои эҷоди асарҳои бузургҳаҷм боварӣ ҳосил кард. Убайд Раҷаб солҳои зиёд аз шахсияти Ҳабибуллои Назар ҳамчун нависанда ва ходими давлат ҳарф зада, инсони покизадил ва накӯкор буданашро тавсиф кардааст.

Хотироти Убайд Раҷаб дар бораи шоир Туғрал, ки тавассути Ҳабибуллои Назар бегуноҳиаш собит шуда буд, фаромӯшнашаванда аст. Баъд аз ин нисбати ӯ эҳтироми хосса изҳор менамуд. Туғралро ба қатл расонидаанд, сафед кардан имкон надорад, - баъзе олимтарошон. «Ку, дар кадом шеъри ӯ шумо оҳанги душманонаро дидаед?- даъвои онҳоро рад кард Ҳабибулло,- ӯро душманон ва нотавонбинони миллат парондаанд. Ғазалҳояш вирди забони халқ буд ва ӯро дӯст медоштанд. Дар охир Ҳабибуллои Назар бегуноҳии Туғралро исбот намуд. Ин рӯйдоди таърихӣ, ки бевосита аз забони худи нависанда нақл мешавад, барои омӯзиши саҳифаҳои зиндагонии ин шоири шаҳири аввали асри XX тоҷик хеле муҳим ва омӯзанда мебошад.

Ҳабибуллои Назар нафаре буд, ки ҳамаи азобу машаққатҳое, ки дар зиндагӣ дидаву  чашидааст, паси сар карда, барои ба мақсади худ расидан талош намудааст. Меҳри муҳаббати самимии як фарде, ки дар ҷодаи илму адаб талош дорад, тавонист риштаи дӯстии онҳоро пайванд намояд. Чеҳраи офтобхӯрда ва нигоҳи гарм ва табассуми дилнишини Ҳабибуллои Назар пеши назараш меомаду муддати мадиде боз асири хешаш мегардонид.

**Лоиқ Шералӣ** аз зумраи бузургони адабиёти муосири тоҷик аст, ки мавриди таваҷҷуҳи бевоситаи Убайд Раҷаб қарор дошт ва нисбати ӯ дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» хотироти хонданибоб таълиф намудааст. Чиҳил сол зиёд Убайд Раҷаб бо Лоиқ ҳамчун бародарони мушфиқ ошноӣ доштанд. Лоиқ вақте ки дар соли аввали Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон таҳсил мекард, мусаввадае дар даст ба идораи «Садои Шарқ» омад. Шеъри нахустинашро овард ва устодон хонданду маслиҳаташ доданд, гӯш ба ҳарфашон ниҳод. Баъди ҳафтае ҳамон шеърашро дар шакли таҳриршуда манзури масъулони маҷаллаи мазкур гардонид. Онро бори дигар хонданду баъди таҳрир «Ном» унвон гузоштанд ва барои чоп дар маҷалла нигоҳ доштанд. Он рӯз барои Лоиқ як рӯзи фараҳбахш буд. Идораи «Садои Шарқ» баъд аз ин барояш азизтарин макон шуд. Ҳеҷ набошад, моҳе як маротиба пой бар остонаш мегузошт ва ҳамроҳи худ шеър меовард. Лоиқ як чеҳраи тоза, замири мунир ва табъи равоне дошт ва ашъораш саршор аз навовариӣ буданд. Шоир сӯзи дили ҷавонии худро бо ранги хосе баён кардан мехост, ба пайроҳаи худ пеш мерафт. Убайд Раҷаб мегӯяд, ки рӯзе устод Мирзо Турсунзода шеъри дар васфи Зарафшон гуфтаи ӯро мутолиа карду ҳарфи дили худро рӯпӯш карда натавонист. Бо дархости устод Мирзо Турсунзода як нишасти муқаррарӣ бо ду сухансарои зарафшонӣ баргузор гардид, ки ҳар ду рӯди Зарафшонро дар ашъорашон таҷассум намуда буданд. Аҳли адаб шеъри эҷодкардаи Лоиқро, бо сабаби он ки сухани такрор ва забонзада набуд ва тозагии бештаре дар он дида мешуд, пазируфтанд.

Баъдан, давоми солиёни зиёд Лоиқ ҳангоме ки дар идораи «Садои Шарқ» ифои вазифа мекард, ҳамчун шоир ба камол расид. Чунонки, устод Убайд Раҷаб аз қавли М. Турсунзода дар ёддоштҳои хеш овардааст: «Лоиқ шоирест, ки хонанда бояд дар миқёси тамоми хоки шӯравӣ ашъорашро бихонаду бидонад» [36, 269].

Лоиқ дар куҷое, ки адои хидмат кард, санҷидакорӣ, якрӯиву яксуханӣ ва нексиголӣ аз худ нишон медод, аз мунофиқӣ ва дурӯиву дусӯйи ҳамвора карона ҷуст. Вай ба шеъру шоирӣ бо диди мунтақидона назар андохта, шеъри

хубро хуб ва шеъри бадро бад мегуфт ва шоири боҳунарро дастгирӣ карда, пайваста аз сухангӯйи беҳунар дур буданро авло медонист. Дар ниҳоди Лоиқ ҳеҷ вақт хислатҳои ношоистаи инсонӣ ҷой надошт, бо вуҷуди ба пояе расидан ва мартабае дарёфтан, ҳеҷ вақт худро аз ҳалқаи ёру дӯстон дар канор нагирифтааст.

Самимияту қадршиносии Лоиқро ҳаргиз Убайд Раҷаб фаромӯш накардааст. Ин ҳам бошад, вақте дар арафаи панҷоҳумин солгарди зодрӯзаш раёсати Иттифоқи нависандагон масъалаи ба унвони ифтихории Шоири мардумии Тоҷикистон номзадии ӯро муҳокима кардан хост, Лоиқ бо қатъият гуфт: «То вақте ки бародарони бузургам, ҳамчун Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром ва Ашӯр Сафар ба ин унвон шарафманд нашаванд, ман нахоҳам гирифт» [36, 270]. Аз ёддоштҳои мазкур чунин бармеояд, ки Лоиқ нисбати Убайд Раҷаб эҳтироми хос доштааст ва ҳатто ӯро ҳамчун роҳбари хеш мепиндошт. Дар баробари ин, саҳифаҳои нотакрори рӯзгори ин шоири шаҳир дар ёддоштҳои адиб хеле барҷаста тасвир шудаанд, ки барои омӯзиши бисёре аз саҳифаҳои ҳаёт ва эҷодиёти устод Лоиқ Шералӣ, марҳилаҳои эҷод ва сабабҳои ташаккули шахсияти адабии ӯ равшан мегарданд.

Ҷои дигар дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб таъкид мешавад, ки вақте ки санаи шастумин солгарди зодрӯзи Убайд Раҷабро дар ҳалқаи азизон ба навор сабт кунониданд, дар он суханронии Лоиқ хеле хуб таҷассум ёфтааст. Чун дар садри маҷлис инони суханро ба ихтиёри Лоиқ вомегузоранд, мегӯяд, ки банда дар назди Убайди Раҷаб умре қарздорам, чунки ӯ барои фарзандонаш ҳукми бобогӣ дорад, рӯзгоре падарвакилаш будааст ва завҷаи меҳрубонашро хостгорӣ кардааст. Иқрор шуд, ки Убайд Раҷабро бо айби бебунёде, адлу инсофро зери по гузошт, аз вазифаи сармуҳарририи «Садои Шарқ» сабукдӯш кардем. Бояд ҳаминро иброз намуд, ки «Садои Шарқ» муҳаррире ҳамчун Убайд Раҷаб, дигар наёфтааст [36, 271].

Охирин вохӯрии Убайд Раҷаб бо Лоиқ Шералӣ пагоҳии моҳи майи соли дуҳазорум аз дур, дар пайроҳаи паҳлуи муҷассамаи Шайхурраис Абуалӣ ибни Сино сомон гардида буд. Лоиқ ҷузвдоне зери даст ғарқи хаёл поён

меомад. Убайд Раҷаб дар ин маврид мегӯяд: «Ҳар вақте ки омаданаш ба чашмам менамояд, дастам намекашад, ки дар ҳаққи ӯ сухани ёдкардаро ба рӯйи қоғаз барам. Ҳанӯз ҳам имонам комил намешавад ва боварам намеояд, ҳарчанд нағз медонам, ки дигар ӯ дар миёни мо нест. Аммо, ҷое ӯ дар хонаи дил дорад.

**Ҳамин тариқ**, аз гуфтаҳои боло чунин натиҷа гирифта мешавад, ки Убайд Раҷаб нисбати шоирону адибон ихлосу эҳтиром дошт ва онҳоро дар асараш холисона ба риштаи таҳрир кашидаст. Лаҳзаҳо ва хотираҳои онҳо ҷанбаи воқеӣ доранд, зеро нависанда аксаран бо ҳар яки қаҳрамонони худ вохӯрда, ҳақиқатро навиштааст, ки ҷанбаи воқеӣ доштан ва намунаи барҷастаи насри мустанад будани ёддоштҳои адибро ошкор месозад. Масалан, аз ин ёддоштҳои Убайд Раҷаб маълум мешавад, ки Лоиқ Шералӣ дар куҷое, ки адои вазифа намуд, содиқона хизмат карда, ҳамчун шоир камол ёфт, силсилаҳои «Резаборон», «Ҷоми Хайём» ва «Дасти дуои модар»номи ӯро шуҳрат доданд ва машҳур гардониданд. Баробари ин, бебокона камар ба машқи ғазал баст, эҳтиромаш афзуд, дар шумораи аввали ҷӯяндагон ва пӯяндагони навоварӣ дар шеър ном бардошт, пайгирон ва ихлосмандоне пайдо кард. Дар ин ҷода шеъри тоҷикро аз лиҳози маънӣ, шакл ва тарзи баён ва ҳусни тасвир ба асли худ қаринтар кард ва хонову шево гардонид. Ин ҷо дидгоҳҳои Убайд Раҷаб дар бораи шеъри Лоиқ ва заминаҳои камолоти ӯ низ муқаррар мешаванд, ки мавқеъ ва мақоми вайро нақди ин шоири забардасти адабиёти мо равшан мегардонанд.

Ба таври умум, таҳлилу баррасиҳои анҷомёфта равшан мегардонанд, ки меҳру самимияти Убайд Раҷаб нисбат ба бузургони каломи бадеъ дар китоби ёддоштии «Дӯш будам ҳамнишин» ба таври басо ҳунармандона таҷассум ёфтааст. Аҳамият ва муҳимияти илмии ин китоби ёддоштӣ дар он зоҳир мешавад, ки мутолеаи он саҳифаҳои зиёдеро аз рӯзгори адибони номбурда равшан мегардонанд, ки ҳамаи аснод ва маводи мазкур барои омӯзиши зиндагинома, мероси адабӣ ва нукоти марбут ба шинохти

таълифоти эшон, аз ҷумла сарчашмашиносии навиштаҳои мавриди назари адибони ёдшуда қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

### 3. 3. Чеҳраи Убайд Раҷаб дар ёддоштҳои аҳли илму адаб

Убайд Раҷаб дар таърихи адабиёти муосири тоҷик яке аз чеҳраҳои маъруф маҳсуб шуда, бо ашъори дилнишини хеш дар байни шоирони мумтози тоҷик мақоми сазовореро ишғол кардааст. Маҷмуаҳои ашъори Убайд Раҷаб саршор аз эҳсосоти меҳрпарваронаи инсонӣ, ишқ ба забони модарӣ ва меҳан, нишона аз меҳру муҳаббат ва дилбастагиҳо нисбат ба ҳувият ва арзишҳои миллӣ дар даврони сиёсати ҳукумати шӯравӣ мебошанд. Агар ба адабиёти замони Шӯравӣ ва даврони истиқлолияти Тоҷикистони маҳбубамон некбинона рӯй биоварем, Убайд Раҷаб яке аз шинохтатарин адибон ба шумор меравад. Убайд Раҷаб фаъолияти эҷодии хешро дар қатори адибони маъруф зери сарпарастии Мирсаид Миршакар оғоз бахшида ба бахши адабиёти бачагонаи тоҷик бо дили гарм ва ҳавасмандии тамом ворид гардид. Чи тавре ки огоҳӣ дорем, эҷоди асари бадеӣ барои кӯдакону наврасон заҳмати зиёде мехоҳад. Барои эҷоди чунин асари бадеӣ ба табиати кӯдакон, рафтор ва дунёи пур аз орзую ҳавасҳои ширини онҳо ворид гардидан лозим аст. Танҳо дар ин сурат шеъре метавон гуфт, ки писанди онҳо гардад.

Дар китоби «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» ёддоштҳои зиёде аз ҷониби адибон, олимон, омӯзгорон дар бораи устод Убайд Раҷаб мавриди мутолиа қарор дода шудааст. Аз ҷумла, шоири халқии Тоҷикистон Камол Насрулло хотираҳои худро дар ин китоб дар бораи устод баён менамояд, ки шоистаи зикр аст. Тибқи гуфтаҳои вай, Убайд Раҷаб ҳамчун марди шариф барои тарбияи адибони ҷавон саъю талошҳои зиёде кардааст ва кӯшидааст, ки дар ин роҳ ҷавонони навқалам дилмонда нагарданд. «Садои Шарқ» маҳбубтарин нашрияи адабӣ дар байни мардум ба шумор мерафт, ки шумораҳои онҳо даст ба даст мегаштанд. Чунин муҳити солими адабӣ, чунин обрӯву эътибори баландро «Садои Шарқ» дар даврони Убайд Раҷаб соҳиб гардида буд. Убайд Раҷаб як инсони тануманд, аммо диле дошт кӯдакона, андешаҳои хешро чунон баён мекард, ки ба кас бад нарасад. Камол Насрулло дар ин маврид

баён менамояд: «Дар муддати панҷ соле, ки банда ба сифати ходими адабӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» кор кардам, боре ҳам дуруштии Убайд Раҷаб, садои баланду сухани қабеҳи он касро нашунидам. Он қадар инсони нармдил, нармнигоҳ, нармгуфтор буд Убайди Раҷаб» [40, 173-180].

Убайд Раҷаб шахси маҷлисоро ва зеби маҷлисҳову минбарҳо буд, он базму маҳфилҳое, ки устод ба онҳо сарварӣ мекард, хеле шавқовару шӯрангез, дилнишин ва хотирмон мегузаштанд. Вай шахсе буд соҳибзавқ ва огоҳии хубаш аз адабиёт ва таърих ба суҳбаташ шукӯҳу маънои дигаре мебахшид. Ӯ инсоне буд ҳамеша дар ҷустуҷӯву такопӯ, дар ташкилу иҷрои корҳои аҷиб ҳамеша омода. Дар сараш бисёр андешаҳои ҷолибе буд, аммо барои амалӣ гардидани онҳо фурсат барояш даст надод. Таҳти сарпарастии Убайд Раҷаб бисёр адибони ҷавон ба майдони адабӣ ворид гардиданд. Ин адиби номвар дар давроне ба камол расида буд, ки аз мактаби бузурги устод Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Пӯлод Толис, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода ва чанде дигарон баҳраманд гардида буд. Убайд Раҷаб то охири умр садоқат ба адабиёт дошт ва ғами адабиётро мехӯрд, ғами маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро мехӯрд, мехост, ки «Садои Шарқ» он мақоми баланде, ки дошт, онро дубора соҳиб гардад. Камол Насрулло ин байтҳоро дар даврони зиндагии устод гуфта буд:

Агарчи соҳиби фазлу камол аст,
Дили ӯ чун дили тифлон зулол аст.
Ба табъи хуш, ба рӯву суҳбати гарм,
Ба амри хайр як марди ҳалол аст. [40, 33]

Аз ин ёддоштҳо равшан мегардад, ки Камол Насрулло ҳанӯз дар даврони дар қайди ҳаёт будани устод дар бораи ӯ шеъре сурудааст ва ба ин восита таърихи нигориши чунин ашъор ҳам барои хонанда маълум мегардад.

Устоди шоирони ҷавон Мирсаид Миршакар таваҷҷуҳи хосе ба Убайд Раҷаб дошт ва пайваста бо ӯ ҳамкорӣ мекард. Убайд Раҷаб низ аз кумаку ғамхориҳои устод миннатдор буд. Ҳамин хизматҳои Убайд Раҷаб нисбати

адабиёти бачагон буд, ки Мирсаид Миршакар дар рӯзи ҷашни шастумин солгарди зодрӯзи ӯ ба вай чунин баҳо дода буд: «Шумо хидмати калоне барои адабиёти атфол кардаед. Ман хеле хурсандам, ки чун нав ба адабиёти кӯдакону наврасон қадам монда будед, Шуморо тарафдорӣ намудам, нашриётро маҷбур кардам, ки аввалин маҷмуаатонро барорад. Имрӯз шодам, ки хато накардаам. Шумо падари адабиёти наврасону кӯдакони тоҷик шуда, корҳои зиёдеро анҷом додед. На танҳо барои нашри адабиёти атфол, балки барои тайёр намудани нависандаҳои нави кӯдакону наврасон хидмати арзандае кардаед. Дар ин давра вазифаи ҳар як нависанда, аз ҷумла ману шумо, ки нависандаи кӯдакону наврасон ҳастем, иборат аз он аст, ки дар ин мавзуъ ба хонандагони азизи худ асарҳои ҷолибе нависем. Чунин асарҳое нависем, ки шуҳрату тавоноии Сомониёнро тасвир кунад…» [ 40, 430].

Убайд Раҷаб яке аз чеҳраҳое ба шумор меравад, ки дар таҳаввулоти адабиёти солҳои шастум нақши босазо гузошта, дар таҷдиди шеъри нав ҳам барои кӯдакон ва ҳам барои калонсолон кӯшишҳои арзанда намудааст. Шоири халқии Тоҷикистон Муъмин Қаноат дар мавриди Убайд Раҷаб мегӯяд: «Ман Убайд Раҷабро зиёда аз чил сол боз аз наздик мешиносам, ба ҳайси ҳамкор дар Иттифоқи нависандагон, ҳамчун ҳамсояи наздик, ҳамчун дӯсти қарин. Маълум аст, ки адабиёти классикии мо намунаи кунунии адабиёти атфолро надошт ва бузургони мо тифлро ба дарёи бекарони шеъри форсӣ меандохтанд, ки содатарини он «Гулистон»-и Саъдӣ буд. Убайд Раҷаб ҳам пайравони ҳамин равия буд. Убайд Раҷаб ҳамчун ифодагари воқеият, яъне ки зиндагӣ ва ҷаҳони тифлон аст. Ман аз тақдиру сарнавишт бисёр хурсандам, ки маро бо чунин шахс, ҳусни ҳамсоягиву бародарӣ ато фармуд. Дар адабиёти атфол баъди Мирсаид Миршакар Убайд Раҷаб симои дуюм мебошад, ки кӯдакон ташнагони шеърҳои ӯ мебошанд. Қалами устод Убайд Раҷаб дар навиштани китобҳои ёддоштӣ ҳамто надошт. Дар хотираҳо, китобҳои ёддоштҳое, ки ифшо намудаанд ва аз устодони худ, аз пирони худ, аз ҳамқаламони худ ёдовар шудаанд, бо беҳтарин ваҷҳ, бо беҳтарин суханҳо, бо беҳтарин муҳаббат ва самимият ин муносибатҳоро ифода кардаанд. Дар

ҳақиқат, ҳамчун инсони комил, ҳамеша ҳақиқатро тараннум мекунад. Дар китобҳои ёддоштии худ, поси намак, пос доштани бузургон ва устодони худ, поси ошёни бузурги шеъри дарӣ-тоҷикиро бисёр хуб доштаанд. Убайд Раҷаб як инсони биҳиштӣ буданд » [40, 431].

Шоири халқии Тоҷикистон шодравон **Лоиқ Шералӣ**, ки солҳои тулонӣ бо устод Убайд Раҷаб ҳамкорӣ доштанд, якдигарро ҳамчун бародар ҳурмату эҳтиром мекарданд. Лоиқ Шералӣ гуфтаву навиштаҳои зиёде нисбати устод Убайд Раҷаб дорад. Аз ҷумла, вай дар бораи Убайд Раҷаб гуфтааст: «Убайд Раҷаб бо забони кӯдак ҷаҳонро ба назари мо бисёр беғубору равшан ҳам намоён кардаанд. Ҳангоми ба чеҳраи устод назар кардан мебинем, ки бисёр ҷавон аст ва аз он хотир ҷавон ҳастанд, ки дар дунёи кӯдакӣ зиндагӣ мекунад. Чӣ тавре ки Соиб мугӯяд: Иксири шодмонист хоки ҷаҳони тифлӣ . Ман орзуи онро дорам, ки ҳамин иксири шодмонӣ бо устод Убайд Раҷаб то садсолаҳо бошад. Ман аз мактаби бузурги «Садои Шарқ» гузаштам, ки Убайд Раҷаб 14-сол сардабири он буданд, ки аз заҳматкаштарин ва покизакортарин дабирони ин маҷалла буданд. Ба дуриҳои таърих агар назар андозем, мебинем, ки дар замони фаъолияти устод барои поксозии забон сари ҳар калима, сари ҳар ҷумла, сари ҳар мисраи шоирону нависандаҳо кор мекарданд. Хушбахтии устод Убайд Раҷаб он буд, ки пеш аз мо аз мактаби устод Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода ва Пӯлод Толис гузашта, сабақҳои устодонро ба мо мерос гузоштанд. Яке аз хислатҳои бисёр наҷиби Убайд Раҷаб он аст, ки бисёр марди тоза ҳастанд, бисёр замири пок, тинати пок доранд ва ба ҳама, аз хурд то бузург, як хел рафтор мекунанд ва ҳамаро бо як чашм мебинанд. Мисли Убайд Раҷаб маҷаллаи «Садои Шарқ» дигар чунин сардабир намеёбад [40, 439].

Адабиётшиноси тоҷик **Абдунабӣ Сатторзода** дар рӯзи падруди устод Убайд Раҷаб бо сӯзу гудоз сухан баён намудааст: «Убайд Раҷаб дар зиндагӣ ва дар адабиёт деҳқонзода буд: заҳматкаш, ҳалолкору ҳалолхӯр, ростгӯю ғамхору меҳрубон ва хайрхоҳу ёрирасони ҳамаи хурду калон. Ва ҳамаи он обрӯю эътибор, мартабаву манзалати волоеро, ки дар зиндагӣ ва адабиёт,

барҳақ, насибаш гардида буд, ба шарофати ҳамин хислатҳои писандидааш ёфта буд:

Кардаам сад хирмани андеша бод,

З-он ки деҳқонзодаам.

Росткорӣ, ростгӯӣ пеши ту

Буда умре ҷодаам.

Дили меҳрубону меҳрпарвари Убайд Раҷаб, муҳаббати фавқулодаи ӯ ба зиндагӣ ва инсон,бештар ва беҳтар аз ҳама дар шеърҳои барои кӯдакон офаридааш бозтоб ёфтааст. Бо итминони комил арз мекунам, ки дар адабиёти кӯдак пас аз устод Мирсаид Миршакар то имрӯз нафаре хубтар аз Убайд Раҷаб шеъри бачагонаро нагуфтааст [40, 442].

Файласуфи шинохтаи тоҷик **Кароматуллоҳ Олимов** Убайд Раҷабро ҳамчун инсону шоири дилогоҳ шинохтааст. Ӯдар бораи Убайд мегӯяд: «Устод шахсияти нодире буд, ки аз суханрониҳою навиштаҳояш покии дилу ният ва хайрхоҳию ҳақиқатпарастиаш ҳамеша ҳувайдост. Ҳамчун дилбохтаи адабиёти кӯдакон дар назари ман яке аз бузургтарин ва пурбортарин шоирон дар ин равияи адабиёти мо буд [40, 34].

Ба ақидаи файласуф, барои дарки ҷаҳони кӯдак на танҳо мушоҳидаи дақиқи олами рафтору андешаи кӯдакон, балки заковат ва дониши васеъ, дили поку ҳусни нияти инсонӣ дар пайвастагӣ ба халлоқияти адабӣ зарур аст. Ҳамин ду ҷанбаи муҳим ба Убайд Раҷаб имкон додааст, ки дар эҷоди асарҳои ҷолиб барои кӯдакону наврасон соҳиби муваффақияти бузург гардад.

Донишманди соҳибном бевосита дар бораи ёддоштҳои Убайд Раҷаб низ мулоҳиза ронда таъкид мекунад, ки «дар адабиёти навини тоҷик дар навиштани ёддоштнависӣ низ маҳорату истеъдоди хосае дошт. Ин истеъдоди баланди ӯ аз китоби «Зинда ба ишқ» равшан падидор аст. Устод дар ин ҷода тавонистааст, ки дар лавҳаҳои хотироташ симои устод Мирзо Турсунзодаро ҳамчун шахсияти миллии шуҳрати ҷаҳонӣ пайдокарда, инсони саропо дар ғами миллату адабиёти он буда, муборизи шуълавари сулҳу озодӣ, тарбият-

гари дилсӯзи ҷавонон, ошиқи зебоии Ватану халқи маҳбуб нишон диҳад. Ӯ ин асарро дар даврае ифшо намуда буд, ки гурӯҳе аз бефарҳангон ба устод Мирзо Турсунзода, ки кайҳо оламро падруд гуфта буд, санги маломат меандохтанд, хизматҳои ӯро нодида мегирифтанд, ашъори аз муҳаббат саршори ӯро беқадр карданӣ мешуданд. Ин китоби устод Убайд Раҷаб, ки ёддоште воқеъбинона, ҳақиқатнигорона, боинсофона, қадршиносона ва бо камоли одобу эҳтиром ва ҳақшиносӣ дар бораи устоди муътабари худ нигошта шудааст, далел ба бузургии шахсияти худи нависанда низ мебошад. Хотираҳои худро устод Убайд Раҷаб дар ин китоб дар бораи талошҳои устод Мирзо Турсунзода барои расмӣ кардани ҷашни Наврӯз ва дар ҷараёни ин талошҳо асабӣ шудани ӯро ба қалам дода, дар охир бо самимият ва камоли ҳақгузорӣ навиштааст:

«Фидоӣ буданд устод, фидоӣ.
Фидоӣ надорад зи мақсуд чанг,
Агар дар сараш тир боранду санг». [40,35]

Шоираи халқии Тоҷикистон **Гулчеҳра Сулаймонӣ** бо як меҳру муҳаббати хосса дар бораи устод Убайд Раҷаб чунин нигоштааст: «Убайд Раҷаб бо олами шеъри равону рангини худаш дар адабиёти бачагони мо як боби нав кушод. Чунонки офтоб оламро гарм мекунад, шеъри Убайд Раҷабро мавзӯи дӯстиву бародарӣ ба дилҳо наздик мегардонад. Яке аз ҷиҳатҳои шеъри Убайд Раҷаб он аст, ки дар он бачаҳо ҷаҳони худро мебинанд ва ба саволҳое, ки дар дил доранд, ҷавоб меёбанд. Борҳо бо устод дар сафарҳо будам, дар ҳалқаи бачаҳо будем. Вақте ки Убайд Раҷаб шеър мехонад, худаш кӯдак мешавад ва акси онро дар чашмони дурахшони бачаҳо дида, ман хурсанд мешавам, ки дар ҳақиқат Убайд Раҷаб шоири бачаҳост. Убайд Раҷаб як умр дар олами кӯдакии худ монд ва ин хушбахтии калон аст. Дар асарҳояш ҳамеша самимиятро ҳис мекунем» [40, 436].

Ҳангоме ки хабари аз олам гузаштани Шоири халқии Тоҷикистон Убайд Раҷабро шунидам, маҳзун шудам ва мусоҳибаи шоира Ҳадиса Қурбоноваро, ки бо устод чанде пеш аз маргашон дар рӯзномаи «Ваҳдат» [№8, ав-

густи соли 2004] сурат гирифта буд, мутолиа карда, аз орзую умедҳои пешазмаргии шодравон воқиф гардидам, бо арзи сипос иброз медорад **Раҷабалии Худоёрзода.** Аз посухҳои устод маълум гардид, ки барои тозанавис кардани қисмати дуюми «Дӯш будам ҳамнишин» ном китобашон фурсат наёфтаанд. Ба андешаи ин олими тоҷик устод касалӣ имкон надодааст, ки ин корро анҷом диҳанд. Убайд Раҷаб як ҷаҳон гапҳои ногуфтаашонро ногуфта рафтанд. Онҳо суханҳое буданд, ки барои насли имрӯзу фардо чӣ қадар қимату арзиши бузурге доштаанд. Вале афсӯс, ки марг корашро кард. Дар мусоҳиба чизи аз ҳама диққатҷалбкунанда он буд, ки як шеър бо номи «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме…» навиштаи устод, ки дар васфи забони модарист, ҳанӯз соли 1967 на танҳо дар Тоҷикистон, балки тавассути маҷаллаи «Сухан» дар Эрон низ машҳуру маълум гашта, шоирони маъруфе чун Муҳаммад Муҳити Таботабой бо номи «Эй ҳамзабони ман!» ва Яздонбахши Қаҳрамон бо унвони «Мар туро дуруд!» ба он ҷавобия навишта буданд. Пас аз мутолиаи ин суханҳо дар дили Раҷабалии Худоёрзода хоҳиши қироати он шеър пайдо гардид ва онро аз китоби «Саррез»-и устод дастрас намуд ва баҳои ба он додаи шоир ва олими адабиётшиноси Эрон Парвизи Нотили Хонларӣ пеши назараш омад, ки гуфтааст: «Ман дар форсӣ шеъре дигар чунин пуршӯр дар баёни алоқа ба забони форсӣ суроғ надорам».

Шоир ва адабиётшинос **Муҳаммадалии Аҷамӣ** маҳбубияти Убайд Раҷабро дар шеърҳояш эҳсос намудааст. «Маҳбуб он аст, ки солҳо дар шеъри кӯдак муҳаббату меҳри кӯдаконаро таҷриба кардааст, солҳо барои кӯдакон шеър гуфтааст. Ҳузури ӯ шеъри кӯдакро дар адабиёти муосири тоҷик навтар ва ширинтар кард, ҳарфи шеъри кӯдакро комилтар кард ва ӯ тавонист бо нигоҳи кӯдакона ва ишқи кӯдакона дунёи рангини ононро дар калимот ба наққошӣ бигирад. Маъруфияти устод Убайд Раҷаб аз он аст, ки шеъре гуфт ва ин шеър ӯро дар қаламрави шеъри форсӣ шуҳратёр кард, шоир бо он шеър номи худро дар радифи шоирони номошно сабт бинмуд ва он шеъри устод «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» унвон дорад» [42, 151].

Адабиётшиноси номии Эрон доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ дар бораи ҳамин шеъри устод дар китоби «Чашмаи равшан» мақолаи пажӯҳишии муфассале нигоштааст ва алоқаи гарми худро дар робита ба шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» чунин иброз доштааст: « Шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» маро ларзонд ва дигаргун кард, ин ангеза ҳузури ҳолат ва маъно аст, назари донишманд ва шоир Парвиз Нотили Хонларӣ низ дар бораи шеъри устод Убайд Раҷаб аз ҳамин ҷо маншаъ мегирад. Шоир мисли як сарбоз дар замон ба дифои забони модарии худ мехезад ва садо баланд мекунад, бидуни он ки назари адуро ба муҳокима бигирад ва аслан ҳарфи ӯро пуч ва беҳуда медонад. Ҳарфе, ки барои шоир ҳеҷ арзиш ва қурб надорад ва аммо онро зарур медонад инкор бикунад ва инкори шоир сахт ва қатъӣ аст, зеро аду ба муқаддасттарин ганҷи ӯ даст бурдааст, ганҷе, ки барои ӯ аз ҳама дунё боло меистад ва ин ганҷ танҳо моли шоир нест, балки ганҷи ҳастии миллат аст ва ба ҳарфи аду ба ҳеҷ ваҷҳ бовар надорад:

Бовар намекунам!

Бовар намекунам!

Бовар намекунам!

Арзиши ҳар як калима ва ҳар таркиб дар сохтори як шеър мушаххас мешавад ва фазои ҳолат ва маъноро дар кори шоир ранг медиҳад, мисли таркиби ҳозир дар ин шеър, ки Убайд Раҷаб аз он тавониста мутобиқ ба ҳолат ва маъно истифода кунад. Баъди инкори ҳарфи аду шоир ба тавсиф ва таърифи забони модарӣ рӯй меоварад. Ранги шеър дар баёни шоир нарм аст ва чашмро саршор мекунад ва шавқи тамошо, сурати маъно зеҳнро, андешаро ба дунёи пурбор ва маърифат мебарад ва хонандаро ба тафаккур водор мекунад, то бештар қадру қурби ин забони бузург дар маъно ва ширин дар баёнро бишносад ва бидонад. Шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» намоди арзишҳои миллии миллати тоҷик, суннат, фарҳанг ва таърихи он мебошад, башорати шоир ба хонанда дар ин шеър ишқу муҳаббат, сидқу садоқат ва эътиқод ба забони модарӣ, ба таърих, ба миллат аст. Номи шоирони бузург дар шеър мояи сарбаландӣ ва ифтихори устод аст. Бо истифода аз номи бузургони адаб

устод мехоҳад бигӯяд, миллате, ки инчунин бузургонро барои башар тақдим кардааст, магар он ба ҳамин содагӣ, ки аду мегӯяд, нобуд мешавад? Устод Убайд Раҷаб ҳарфи адуро як газоф медонад, беҳуда ва пуч медонад, садҳо марди муътабар аз файзи ин забон ба шуҳуди ишқ расидаанд, рози ҳастиро мушоҳида кардаанд, пас ин забон таҷаллии эъҷоз ва муъҷизаҳост. Дар анҷом бояд ҳаминро қайд кард, ки агар шоир битавонад, дуруст ва солим аз ҳар калима кор бигирад, ҳолат ва маъноро дар балоғати баён шакл бидиҳад, дар шеър ҳамеша муваффақ мегардад. Дар ин ҷода шеъри шоир дар беҳтарин ваҷҳ худро нишон медиҳад ва ба сӯи дилҳо роҳ барояш ҳаргиз баста намешавад ва ин арзиш, ба фикрам, орзуи баланди ҳар шоир аст» [162, 788-795].

Баробари ба ёд овардани ном ва осори Убайд Раҷаб дар хотироти мо даврони кӯдакиҳои беғам, айёми ширини бачагӣ, дунёи рангини наврасӣ ва оғози зебоиҳои рӯзгори ҷавонӣ тагурӯ мешаванд,-қайд кардааст доктори илмҳои филологӣ, профессор **Абдувалӣ Давронов**. Аз шеърҳои давраи мактабхониям аз ашъори Убайд Раҷаб, ки дар хотироти кӯдакӣ сахт нақш бастааст, яке аз ҳамон шеъраки машҳури «Шамол хунук меҳӯрад?» аст, ки ҳанӯз ҳам дар ёдам бо ҳарфу ҳиҷо унс гирифтанамро бозгӯ мекунад. Шабеҳи ин шеърҳо даҳҳо ашъори кӯдаконаи Убайд Раҷабро метавон ёд кард, ки моро дар он рӯзгор ба олами орзуҳои беохири инсонӣ раҳнамоӣ мекарданд ва ҳамзамон водор мекарданд, ки пайваста аз пайи амалӣ шудани орзуҳои ширини худ бошем; бехабар аз он ки онҳо дар мавзуъҳои гуногун гуфта шудаву моро дарси адаб, меҳнатдӯстӣ, ватанпарварӣ, дӯст доштани манзараҳои диёр, кӯҳистони пурфайз ва мардумони касбу кори гуногун меомӯзанд. Агар бо оғози солҳои шастум назар андозем, Убайд Раҷаб ва ҳамзамонони ӯ, ки бо як нафаси тоза ба адабиёт ворид шудаанд, ашъорашон тайи ин солҳо ба мисли худашон дар хизмати ҷомеа буданд ва, мешавад гуфт, ашъори дар масири худшиносии миллӣ гуфтаи шоир пайваста ба шеъри манзара ва талқини ғояҳои худогоҳӣ баробар ҳунармандонаанд. Аз шеъри манзара ва худшиносии миллӣ сухан оғоз кардан танҳо ба хотири муайян намудани моҳияти таърихӣ ва мухтассоти ҳунарии ашъори шоире чун Убайд

Раҷаб бояд бошад. Ман тайи ин солҳо бо Убайд Раҷаб,- иброз медорад Абдувалӣ Давронов,-дар маҳфилҳои адабиву анҷуманҳои нависандагон борҳо вохӯрдаву суҳбат кардам. Ҳар яке аз ин суҳбатҳо бароям як олами дигар, як дарси асрори адабиёт буд, ки шоир ба гӯшам мегуфт. Ягон вохӯрию маҳфилҳоро дар «Садои Шарқ» бе иштироки устод тасаввур кардан ғайри имкон буд. Дар фикру хаёли ман Убайд Раҷаб дар баробари шоири тавоно, марди коргар, инсони соҳибхирад ва ботадбир будан, ҳамчунон, дӯсти хубу рафиқи шафиқе буд, ки бо ҳама баробар муносибати хайр мекард. Ӯ аз наздиктарин шогирдону ҳамкорони устодоне ба мисли Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода буд. Бори сеюм аст, ки муҳаббатномаи шоир «Зинда ба ишқ»-ро, ки ба Мирзо Турсунзода бахшида шудааст, мехонам. Убайд Раҷаб қарзи виҷдонии худ медонист, ки ин хотироти пурасрори адибро, ки дар фаросӯи ҳабдаҳ соли ҳамкорӣ ва паҳлу ба паҳлу бо устод будан фаро омадаанд, танҳо ба хотири сипос ба рӯҳи устод Мирзо Турсунзода нависад. Лаҳзаи хотирмон дар ҳаёти ман, шоми тобистони 18 июли соли 2004, ки барномаи «Аёдат»-и дар шабакаи аввал бахшида ба дидорбинии Убайд Раҷаб ва суҳбат бо ӯ ташкил намуда буданд, аз хотирам ҳеҷ гоҳ фаромӯш намегардад. Аз он суҳбати устод се лаҳза дар ёдам мондааст. Чизи дигар ин буд, ки гуфт: «Аз умри гузашта розиам ва дар ин умр хато накардаам. Тавониста бошам агар, танҳо некӣ кардам» [40, 297].

**Холмурод Шарифов** собиқ Котиби идеологии комитети марказии ҳизби коммунисти Тоҷикистон таҳти унвони «Фоли нек» хотироти хешро дар бораи устод Убайд Раҷаб ба таври зайл нигоштааст: «Убайдулло, ки дар оилаи деҳқони асили меҳнатдӯст –Раҷаби Одина ба олам омада, ба воя расидааст, аз мушкилиҳо наҳаросидааст, бо саъйи комил ба дарсҳо иштирок намуда, зиёдтар ба машғулиятҳои устодони варзида-Боқӣ Раҳимзода, Холиқ Мирзозода, Носирҷон Маъсумӣ, Файзулло Ансорӣ, Абдулғанӣ Эшонҷонов ва дигарон шавқ зоҳир кард, илм омӯхт ва сабақи эҷодӣ гирифт. Дар чунин муҳити маънавию эҷодии донишкадаи омӯзгорӣ ӯ тавонист, ки ба орзуи ширини ҷавонии хеш –эҷоди шеър, бирасад» [40, 199].

Устодони дилсӯзу меҳрубон Абдусалом Деҳотӣ ва Боқӣ Раҳимзода аввалин хонандагони шеърҳои «Афсонаҳои модаркалон», «Табиат» ва ғайра буданд, ки навиштаҳои Убайд Раҷабро писандида, аз заҳмати сангину машаққати эҷодкорӣ огоҳаш намуданд.

Убайд Раҷаб ҳангоми адои вазифа дар маҷаллаи «Садои Шарқ» худро чун сарвари шоиста, мураббии ҷавонон нишон дод. Дар саҳифаҳои маҷалла нашри мақолаву очеркҳоро дар бораи санъат ва арбоби он ба роҳ монд, хонандагонро бо беҳтарин намунаҳои осори классикӣ ошно намуд, ҳаводорони лафзи дариро бо намунаҳои чакидаҳои хомаи суханварони муосири Эрону Афғонистон ва Ҳиндустону Покистон шинос кард, ки боиси баланд гардидани обрӯи маҷалла гардид. Яке аз саҳифаҳои хотирмон, ин сафарҳои устод Убайд Раҷаб ва Кароматулло Мирзо ба Латвия барои иштирок дар ҷаласаи васеи Шӯрои адабиёти кӯдакону наврасон мебошад. Дар ин ҷаласа дар баҳсҳои эҷодӣ ва бунёди нақшаҳои корӣ Убайд Раҷаб фаъол буд. Дар муҳокимаи масъалаҳои умдаи вазъи адабиёти кӯдакону наврасон, ки адибони номӣ, аз ҷумла қаламкашони москвагӣ- Анатолий Алексин, Ирина Токмакова, Яков Аким, Валентин Берестов, аз Украина- Богдан Чалий иштирок доштанд, Убайд Раҷаб дар хусуси ашъори шоири халқии Латвия – Олия Ватистус маърӯза кард, ки он ба сомеон хуш омад. Ҳамон ҷо Ирина Токмакова хабари хушро ба устод тақдим намуданд. Мукофоти байналхалқии ба номи Андерсенро эълон намуд, ки мо ҳамсафаронаш аз ҳама зиёдтар шод гаштем. Ин мукофот ба Убайд Раҷаб барои китоби «Бӯйи замин», ки онро нашриёти «Детская литература» дар Москав ба табъ расонида буд, тақдим гардид.

Дар баробари ин, бояд гуфт,ки дар давраи дар мақоми сармуҳарририи маҷаллаи «Садои Шарқ» фаъолият намудани Убайд Раҷаб масъалаи нашр ва ривоҷи адабиёти кӯдакон, инчунин нақду баррасии ин адабиёт оғоз шуд, ки баъдан ҳам давом ёфт. Нашри силсилаи мақолаҳои худи Убайд Раҷаб дар бораи вазъи адабиёти кӯдакон, нақшу мақоми он дар рушди адабиёти миллӣ дар саҳифаҳои маҷаллаи «Садои Шарқ» аз он дарак медиҳад, ки маҳз

фаъолият дар ин нашрияи бонуфузи миллӣ яке аз сабабҳои ба ин масъала рӯ овардани вай гардидааст.

Убайд Раҷаб деҳқонзода ва устозода аст. Агар меҳмони деҳаи Некноти дараи Киштуд [ноҳияи Панҷакент] гардед, чандин иморатҳои «бобоӣ», меҳмонхонаҳои қабзафурӯмони вассаҷуфти қаламкории зеборо мебинед. Як дида, «боз бинам»- мегӯед. Аксарияти онҳоро бобову падари шоир-Усто-Раҷаб сохтааст,-овардааст **Наримон Бақозода**. Убайд Раҷаб ҳам бо роҳи бобову додояш рафта, усто шудааст, аммо устои шеър, хусусан шеъри бачагона ва иморатҳои сохтаи ӯ дили тоҷикбачагони ташнаи шеърро обод мекунад. Ғайр аз офаридани шеър, тарҷумони сермаҳсул ва хушқалам аст. Шеърҳои адибони бачагонаи машҳури шӯравӣ-Агния Барто, Самуил Маршак, Юрий Яковлев, Андрей Малишко, Ирина Токмакова, Валентин Берестов, Богдан Чалий бо қалами устод тарҷума гардидаанд.

Хулоса, Убайд Раҷаб яке аз эҷодкорони барҷастаи халқи тоҷик мебошад, ки маҳорати худро пеш аз ҳама ва беш аз ҳама барои наврасону ҷавонон бахшидааст. Вай муддати мадиде дар Шӯрои адабиёти кӯдакону наврасони Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон бо Шоири халқии Тоҷикистон-Мирсаид Миршакар фаъолият доштанд ва баъди ба нафақа рафтани устод ин вазифаро ба уҳда дошт.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Абдулҳамид Самадов хотираҳои хубе дорад дар дафтари хеш нисбати шодравон Убайд Раҷаб: «Устод фидоии маҷалаи «Садои Шарқ» ва дар таҳрири асарҳои адибони навқалам басо дақиқкору заҳматкаш, ҷиддӣ ва сахтгир буд. Ҳар як ҷавоне, ки ба ин маҷалла ба кор даъват карда мешуд, дар тарозуи савод, ҳунар ва ахлоқ баркашидаву санҷида, сипас қабул менамуд. Ҳамин сахтгириву серталабии устод буд, ки сатҳи маҷалла ва эътибори он сол то сол хеле боло мерафт. Устод мекӯшид, ки ҳар як шумораи маҷалла беш аз пеш аз ҷиҳати мазмуну мундариҷаву ороиш беҳтар ба чоп расад. Аз ин рӯ, устод ба донишу маҳорат, забономӯзӣ ва сифати қалами таҳрири ходимони маҷалла эътибори амиқ медод. Устод ба таҳрири асарҳои муаллифони маҷалла он қадар сахт мечаспид, ба қавли

шӯхиомези муаллим Мирсаид Миршакар, ҳамаро бо қалам шудгор мекард. Таъкид мекард, ки бисёр нахобему асарҳои хуб нависем, ба ояндагон намунаи ибрат шавем [40, 182].

Меҳру муҳаббат ва самимияти Шоири халқии Тоҷикистон **Сайидалӣ Маъмур** нисбати устод Убайд Раҷаб, аллакай, ҳангоми мактабхонияш пайдо гардида буд. Ӯ дар ин бора қайд кардаст: «Номи Шоири халқии Тоҷикистон, устод Убайд Раҷаб ҳанӯз ҳангоми дар мактаби миёна хонданам ба ман шинос буд. «Соли 1959 боре барои китобгирӣ вориди китобхонаи мактаб шуда, чашмам ба рафи китобҳои бачагона афтод ва китоберо бо номи «Орзуҳои ширин» ба даст гирифтам. Муаллифаш Убайд Раҷаб, соли нашраш 1958 буд. Чанд шеъри маҷмӯаро хондам, маъқулам шуд ва онро ба худ гирифтам. Гаштаю баргашта маҷмӯаро хондам, баъзе шеърҳояшро аз бар кардам ва ҳеҷ дилам намешуд, ки онро ба китобхона баргардонам. Баъди ин орзуи бо устод аз наздик вохӯрданро кардам, навиштаҳои навқаламонаамро аз назараш гузаронам ва маслиҳатҳо гирам. Хушбахтона, ҳамон сол орзуям амалӣ гардид»[40,188]. Бо дастгирии устод Убайд Раҷаб шеъри аввалини Сайидалӣ Маъмур дар маҷаллаи «Садои Шарқ» чоп гардид. Ихлосмандон, алалхусус бачагон, устод Убайд Раҷабро чун шоири худ дӯст медоштанд, аз шеъри ӯ ҳаловат мебурданд. Баъди пешкаш кардани маҷмӯаи «Сӯзанак», ки устод номгузорӣ карда буд, ба хондани вай шуруъ намуда, баъди чанд рӯз мактуберо ба Сайидалӣ Маъмур барои таҳрир баргардонид ва дар он чунин фикрҳо ва маслиҳатҳо ҷой доштанд: «Китобро хондам. Муборак шавад! Хуб аст, ки дар ғами шеъри кӯдак сардард шудаед ва пай бурдед, ки ин заҳмат сангин ва чандон осон нест, ки бисёриҳо гумон мекунанд. Шеърҳоро як бор бодиққат аз назар гузарониданатон лозим аст. Камбудии асосӣ он аст, ки дар ин роҳ навкоред: дар баёну ифода ва таъбирҳо шоири калонсолон буданатон эҳсос мешавад. Чунон кунед, ки туҳфаи аввалатон сазовори таҳсину офарини ҳазорон хурдсолон бошад ва китобро хонда, бо як овоз: -Офарин амаки Сайидалӣ !-гӯянд» [40, 190].

Номи ин устоди зиндаёд дар саҳифаи дили навқаламону шогирдон ва дигар дӯстдорони адабиёт абадӣ сабт гаштааст. Аз Убайд Раҷаб ёд монда, сухан монда,- бо арзи эҳтиром қайд намудааст Нависандаи халқии Тоҷикистон **Кароматуллоҳи Мирзо**. -Соҳиби ин номро чӣ қадар қурбу манзалат, шаҳомат, мухлису ошно ва дӯстоне буд. Садоқату вафодории ӯро дидам ва шоҳид гаштам [40, 192]. Яке аз дӯстони наздики Убайд Раҷаб дар ноҳияи Кофарниҳон Нуъмон Розиқ шоир ва дар он айём раиси колхоз, шахси бисёр ҳалиму меҳрубон, дари дили манзилаш барои ҳама кушода буд. Баъди марги дӯсташ тамоми маъракаҳои ӯро гузаронид ва дуогӯи фарзандони ӯ буд. Ба хотири шоир Нуъмон Розиқ мактаби деҳаи Симиганҷро ба номаш гузоштанд. Дар он рӯзҳое, ки ин тадбир ба амал меомад, аллакай, ҷумҳурӣ ноором буд, ҷангу ҷидоли байни тоҷикон авҷ мегирифт. Дар ҳамон рӯзҳо лавҳаи номи шоирро аз Душанбе дӯсти ӯ Убайд Раҷаб бо чанд нафар адибон аз байни он силоҳбадастон гузашта то ҷойи лозимӣ оварданд. Дар маъракаи номгузорӣ Убайд Раҷаб сарвар буд. Ин нишонае аз садоқатмандии устодро нисбати дӯсти худ нишон медиҳад. Дӯстиву ҳамкории Нуъмон Розиқ бо устод Убайд Раҷаб то лаҳзаҳои вопасини ҳаёт идома дошт то он лаҳзае, ки ӯро ба хок супурданд [42, 193].

Нависандаи соҳибноми тоҷик Ӯрун Кӯҳзод роҷеъ ба фаъолияти Убайд Раҷаб маҷаллаи «Садои Шарқ» изҳори назар намуда, аз ҷумла таъкид доштааст, ки ӯ дар ин давра ба ҳеҷ хатоӣ роҳ надодааст. Ҳатто медонист, ки шиноснома ва нишони маҷалла дар қолаб рехтагӣ аст ва аз қолаб ғалате намегузарад, бо вуҷуди ин, барои эҳтиёт, бори дигар мехонд. Ба навиштаи ин нависандаи бузург Убайд Раҷаб ҳар маводе, ки ба маҷалла ворид мегардид, аввал ба хондани вай бе қалам шуруъ мекард, сипас қалам гирифта, таҳрир мекард. Яке аз хислатҳои наҷиби Убайд Раҷаб дар он зоҳир мегардад, ки дар рӯзгор ва адабиёт ва дар мансаб ба касе ҳасад намебурд, дар вуҷуди ӯ бахилӣ ҷой надошт, аммо шахси сахтгир буд. Асари пухтаро қабул мекард, аммо хом мебуд, қабул намекард, барои ислоҳ маслиҳатҳо медод, то дараҷае ки мавод

табъи дилаш нагардад. Дар майдони адабиёт Убайд Раҷаб адиби холис буд ва барои адабиёт кори холисона кард [185].

Ӯрун Кӯҳзод Убайд Раҷабро «адиби паҳлавон ва холис» номида, аз ҷумла навиштааст: «Убайд Раҷаб як одами ҳузарби паҳлавон буд. Паҳлавон ҳам дар қаду қомат, ҳам дар китфу бозу, ҳам дар кори рӯзгор ва ҳам дар таҳриру такмилу тасҳеҳ. Вай ба ҳар коре, ки даст мезад, хоҳ побел кардани замину задани шоххои зиёдатии дарахт, хоҳ куштану пӯст кандани гову рондани мошин ва хоҳ таҳрири хабару мақолаву ҳикояву повесту роман сарам диламу ҳарому ҳариш иҷро намекард, балки аз таҳти дил машғул мешуд ва ҳалолу покиза аз даст мебаровард. Масъулиятшиноси даҳонӣ не, воқеӣ буд». Ин ҷо равшан мешавад, ки Кӯҳзод ҳамчун нависандаи соҳибзавқ ва соҳибқалам ҳатто дар хотираву ёддоштҳои хеш шахсият ва ҳайсияти Убайд Раҷабро бисёр ҷолиб, қобили таваҷҷуҳ ва бисёр воқеъбинона тасвир намудааст, ки хонанда аз мутолеаи он симои ҳақиқии ин нависанда ва сиришти олии инсонии ӯро пеши назар меоварад.

Аз навиштаҳои Ӯрун Кӯҳзод як нуктаи хеле муҳим равшан мешавад, ки ин пеш аз ҳама муқаррар намудани саҳми арзандаи Убайд Раҷаб дар таҳия ва нашри «Тазкираи адабиёти бачагон» мебошад. Ҳатто дар ҷараёни анҷоми ин кор масъалаи истифодаи истилоҳи адабиёти бачагон низ бо саъйу талоши ин адиб ҳаллу фасли худро ёфтааст,ки онро дар хотироти хеш нависанда Ӯрун Кӯҳзод чунин ёдовар шудааст: «Ноширон барои бачагон китобҳо чоп мекарданду мекунанд ва ба ҷои ифодаи тоҷикии «Кӯдак», «Бача» ва «Наврас» ба тақлид ба забони русӣ синни томактабӣ, синни мактабӣ ва синни калони мактабӣ менавиштанду менависанд, аммо эҳтиёҷ ба китоби хубе барои бачагон буду ҳаст. Зарурати чунин як китоби ҳоҷатбарор ҳамон солҳо дар сару дили Убайд Раҷаб чарх мезад ва ӯ ташаббускор шуд. Таку дав кард. Нақша сохт. Ҳамфикрон ёфт. Мутахассисону муаллифонро ҷалб кард. Китобе мураттаб шуд бо номи «Тазкираи адабиёти бачагон». Ин китоб дар нашриёт дар панҷ ҷилд аз чоп баромад, ки то алҳол беҳтарин китоби ҷомеъ барои бачагон аст». [40, 193]

Хотираҳои Ӯрун Кӯҳзод дар баробари ин ки шахсият ва фитрату сиришти адибро муқаррар намуда,хидматҳои ӯро дар рушди адабиёти кӯдакон мушаххас месозанд, ҳамзамон саҳми Убайд Раҷаброг барои таъмини тозагии забони тоҷикӣ, дар айёми баҳсҳои фаровон дар робита ба мақоми давлатӣ гирифтани он дар солҳои 80 бозгӯӣ мекунанд. Ба таъкиди ин адиби номвар Убайд Раҷаб аз аввалин сарояндагони чунин шеъри ноб дар бораи забони тоҷикӣ дар он айём мебошад, ки баъдан ин шеър бисёр мавқеи баланд касб карда, дар кишварҳои ҳамзабон низ ҳатто ба китобҳои дарсӣ ворид шуд. Дар робита ба ин масъала аз ҷумла Кӯҳзод чунин навиштааст: «Дар айни гармии ҳамин баҳсҳо Убайд Раҷаб дар бобати мақоми забон дар буду боши миллат шеъре бо номи «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме!» навишт, ки аввалин шеъри тоҷикӣ дар ин мавзӯъ буд. Шеър шуҳрат ёфт. Ба хусус дар Эрон он қадар машҳур шуд, ки рӯзномаву маҷаллаҳои зиёде чоп карданд ва дар маҳфилҳо «бай - бай» - гӯён мехонданд. Баъд ба ин шеър шоирони бисёре пайравӣ карданд. Такмил ҳам доданд. Комил ҳам карданд. Адабиётшиносони мо ҳамон пайравони муваффақро кошифи ин мавзӯъ дар адабиёти муосир медонанд, ки муътамад нест». Ин ҷо дар хотираҳои Ӯрун Куҳзод нақду назарҳои қобили мулоҳизаи ӯ дар бораи ин шеър ва маҷмуан заминаҳои таваҷҷуҳи аҳли сухан ба мавзуи забони тоҷикӣ, нақши Убайд Раҷаб дар ин роҳ ба таври воқеӣ ва мушикофона ҷилвагар шудаанд, ки онҳо барои дақиқ намудани нуктаҳои муҳими марбут ба масоили адабиётшиносӣ ва саҳми ин шоири бачагон дар рушди дигар тамоюлҳои адабӣ низ равшан мегарданд.

Хотираҳои шоир **Нозирҷон Боҳирӣ** дар бораи устод Убайд Раҷаб саҳифаи хеле хотирмонеро аз рӯзшгори ӯ ба ёд меоварад. Қайд кардан бамаврид аст, ки Убайд Раҷаб дигар бо мо ба сафар намеравад, шамъи маҷлиси мо, чароғи маҳфили мо, гули сабади давраҳои мо намешавад. Агар дар олам адибе, санъаткоре ва ё сиёсатмадоре аз олам даргузарад, давру замонҳои оянда чунин шахсиятҳо ба дунё меоянд, ҷойи онҳоро пур месозанд, аммо ҷойи як инсони комилро сад инсони комили дигар гирифтаву иваз карда наметавонад. Устод Убайд Раҷаб аз зумраи чунин шахсиятҳои комил

буд. Ҳамчун шахси хоксор дар ӯ кибру ғурур дида намешуд ва инчунин бо вуҷуди бузургӣ фурӯтан бошад ҳам, бузургии худашро худаш ҳис намекунад, бартарии худро нисбат ба дигарон намоён намекунад, ба хурду калон дӯстонаву меҳрубонона муносибат менамояд. .Устод Убайд Раҷаб дар зиндагӣ бо маънои томи сухан марди хоксор буда, барои тамоми табақаҳои гуногуни мардум одами худӣ ҳисоб меёфт. Ҳаминро бояд қайд намуд, ки зимни мушоҳидаҳо борҳо эҳсос намудам, ки мансаб одамро чӣ гуна дигаргун мекардааст, ҳатто, инсондӯстиро фаромӯш мекардагӣ мешудааст. Ин хислатҳо дар ниҳоди Убайд Раҷаб бо вуҷуди ба зинаҳои баланди мансаб расиданаш эҳсос намегардид. Дар таърихи адабиёти муосир Убайд Раҷаб, пеш аз ҳама, чун устоди шеъри бачагона ном баровърда буд ва инчунин асарҳо барои калонсолон низ эҷод кардааст. Осори ёддоштии устодро дар бораи фаъолияти кормандони ҳифзи ҳуқуқу тартибот мутолиа намудаам. Ҳангоми фаъолияташ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» шахси покдил, ҳалолкор, масъулиятшинос, заҳматкаш, дақиқназар, мӯшикоф буд. Устод дар масъалаи шеър заргарона рафтор мекард, нуқсе агар ба чашм расад, он шеърро барои ислоҳ даровардан бо маслиҳатҳо бозпас мекард. Лаҳзаи охирини бо устод видоъ намудан рӯзи дафнаш буд. Ҳар як фард дар он рӯз эҳсос мекард, ки устод чӣ қадар дӯстону ихлосмандони зиёде доштааст. Аз бисёрии одам, ба қавле ҷойи сӯзан задан намеёфтӣ. Ҳоло ҳам эҳсос мекунам, ки Убайд Раҷаб аз кадом сӯе пайдо мешаваду маро ба хона даъват мекунад. Вале ҳайҳот…

Деҳқон будани шоир ё сифати деҳқонӣ доштани ӯ ба ин маъно фаҳмида мешавад, ки бояд дар ниҳод, дар ботин, дар рагу пайванду ҳар қатраи хуни ӯ амали кашшофӣ, офаринандагӣ, созандагӣ бунёдкорӣ ва дилбастагиву муҳаббат ба ҳар офаридаи табиат эҳсос бишавад. Агар деҳқону шоир-ин офаринандагони неъматҳои моддию маънавӣ набошанд, зиндагӣ маънию мазмун надорад,-қайд кардааст адабиётшинос **Юсуфи Акбарзода**. Шодравон Убайд Раҷаб аз зумраи чунин шоироне буд, ки амали деҳқонӣ кору пайкори ӯро дар қалбаш сахт ҷой дода буд. Дар ҳама кору пайкораш чеҳраҳои азизи деҳқону шоир ҳувайдост. Дар роҳи инкишофи бемайлону

баланд бардоштани сатҳу савияи адабиёт ва ҳунару истеъдоди адибон саъю талошҳои зиёде кардааст. Ин талошҳои бесобиқаи устод Убайд Раҷаб буд, ки маҷаллаи «Садои Шарқ» аз шумули беҳтарин ва маҳбубтарин нашрияҳои хондании аҳли фарҳанг қарор гирифт. Дар он солҳо мавзӯи асосии баҳси маводи «Садои Шарқ» масоили худшиносию худогоҳӣ, нангу номусу ифтихороти миллӣ, боло бурдани сатҳи донишу саводу маърифату маънавият, эҳёи суннату анъанот, урфу одат, муқаддасоту арзишҳои миллӣ, ҳисси ватандӯсӣ, ҷавобгарию масъулияти шахсӣ дар назди аҳли ҷамъият ва ватану миллат ба шумор мерафтанд. Беҳтарин намунаҳои адибон дар мавзуъҳои дар боло зикргардида дар ҳамин маҷалла ба табъ мерасиданд. Убайд Раҷаб ҳангоми фаъолият хастагӣ, гуруснагӣ, ранҷу азобро ҳис намекард, гӯё ӯро Офаридгор танҳо барои кор кардану заҳмат кашидану ғами дигаронро хӯрдан офарида буд. Убайд Раҷаб яке аз адибоне буд, ки наҷибтарин сифатҳои кӯҳистониёнро дар замири худ ҷой дода буд. Дар ниҳоди устод нангу номус ва шарафу ифтихори нек ба ҳам омада буданд. Он ҷисму ҷони фавқулода ва хастагинопазире, ки дошт, натиҷаи ҳамин нангу номусу шарафи инсонию миллиаш буд, ки бозгӯю таҷассуми ин сифатҳо шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» буд. Ин шеър, ки дар солҳои шастуми қарни бист ифшо шуда, дар китоби «Пайраҳа» [1967] ба табъ расидааст, дар ҷавоб ба даъвои «Баъзе назариётчиёни буржуазӣ… ки забон ва маданияти миллии халқҳои Осиёи Миёна аз байн меравад»- мегуфтанд, навишта шудааст. Шеъри эҷодкардаи устод, умуман, дар адабиёти мо гардиш ва марҳалаи тоза ба шумор меравад, собит мекунад, ки устод Убайд Раҷаб ба адабиёту фарҳанг, ба арзишҳову муқаддасоти миллӣ, бахусус, ба забони дарии тоҷикӣ чӣ муҳаббату садоқат дошту ба онҳо арҷ мегузошт.

Профессор **Абдусаттор Мухторов** Убайд Раҷаббро номбардори диёр муаррифӣ намуда, қайд намудааст**:** «Дар Тоҷикистон деҳаҳое ҳастанд, ки ба туфайли фарзандони донишманду фарзонаашон маъруфу машҳур гаштаанд. Деҳаи Некноти ноҳияи Панҷакент аз чунин деҳаҳое мебошад, ки бо фарзандони фарзонаи худ номбардори Тоҷикистони маҳбубамон гардидаанд.

Аз он деҳа ва ҳамон мактабе, ки дар он ҷо Убайд Раҷаб таълиму тарбия гирифтааст, 30 нафар олим, аз ҷумла 12 нафарашон доктори илм, гувоҳи ин гуфтаҳоянд. Адибони барӯманд-Файзулло Ансорӣ, Ҷумъа Одина, Убайд Раҷаб сабақи аввалинро аз ҳамин мактаби деҳа гирифта, ба ин қуллаҳои баланд расидаанд. Маҷмуаи ашъори устод Убайд Раҷаб адабиёти кӯдаконаи тоҷикро ғанӣ гардонидааст ва аз тарафи устодон Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар ва дигарон баҳои сазоворе гирифтааст. Пеш аз ҳама барои Убайд Раҷаб аз ҳама ширину гуворо забони модариаш буд. Шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме»-и ӯ бори дигар эҳёгари забони ширини тоҷикӣ гашт. Мақому мартабаи устод бо ин шеъри ифшонамудааш на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар Эрону Афғонистон танинандоз гашт. Ҳаминро бояд қайд кард, ки Убайд Раҷаб ҳамон Убайде буд, ки аз мактаби падараш-Раҷаби Одина, ки яке аз равшанфикрони деҳаи Некнот буданд, таълими хоксориву инсондӯстиро аз бар намуда буд. Ӯ имрӯз ҳамчун номбардори диёр, дар қатори дигар бузургони Некнот ҷовидон хоҳад монд» [40, 244].

**Латофат Кенҷаева** сардабири маҷаллаи «Истиқбол» аз он шоираҳое мебошад, ки бо устод Убайд Раҷаб ҳамкорӣ дошт ва нисбати ӯ гуфтаниҳои зиёде дорад. Ӯ дар бораи Убайд Раҷаб нигоштааст: «Устоди равоншод Убайд Раҷабро мартабаи баланде дар боргоҳи эҷод буд. Ин марди хирадпеша дар анбони хиради хеш беҳтарин армуғонҳо ба кӯдакон анбошта буду дар номаи хирадаш ба онҳо дастури зиндагӣ, ҳикмату дониш ва адабу хирад меомӯхт. Ҳадяҳои анбонаш сухани воло буду бамағз, каломи зебо буду ороста, маънии бадеъ буду ҳарфу ҳиҷои тоза, фазилати нек буду маърифате ғанӣ» [40, 258].

Хотироти нависанда **Маҷид Салим** дар бораи устод Убайд Раҷаб саҳифаи хотирмоне дорад. Мавсуф нигоштааст: «Ногоҳ аз истгоҳ поёнтар нигоҳам ба устод Убайд Раҷаб афтод. Дидам, ки аз парвозу бозиҳои сурурангези парастуҳо чашм намеканд. Устод бо ҳавас ба парастуҳои хушбол назар афканд. Дидам, ки парастуҳо ҳам рафтанӣ нестанд. Онҳо машғули навозишу дӯстдории ҳамдигар буданд…» [40, 308].

Ба устод салом кардаму хостам дуртар равам, ки андешамандона гуфт: -Парвози парандаҳо маъқул шуд, ҳа? –Бале, устоди азиз! Дар ин лаҳза хостам, ин ҷо шеъри устод «Парасту»-ро мисол орам, аммо фурсат наёфтам. Ман дар суҳбату маҳфилҳои устоди зиндаёд Убайд Раҷаб бисёр иштирок доштам ва бо камоли эҳтиром гуфтаниям, ки ӯ чун як адиби маҳфилоро дар қалби мо маскан гирифтааст. Тасвири табиат, ситоиши фаслҳои сол, талу пуштаҳои пургулу лола, симову хислатҳои аҷиби ҷонваронро бисёр табиию самимӣ дар ашъори худ ба қалам додааст. Хаёлам, адиб ин мавзуъро чунон хуб омӯхтаву аз бар намудааст, ки ҳар як чеҳраву симоҳои офаридааш самимӣ ва дилнавозанд. Дар эҷоди устод ҷонварон иштироки фаъолона дошта, ҳаракату ташвиш ва талоши онҳо табиӣ қаламдод шудааст, ки дар тарбияи табиатдӯстии хонанда нақши муассир доранд» [42, 308].

Дар ҷараёни таҳқиқи хеш адабиётшинос Фарҳод Ҳусейнзода ба ҳамин ҷанбаи эҷодиёти Убайд Раҷаб аҳамият дода аз ҷумла қайд кардааст: «Дар эҷодиёти ӯ, табиати дилрабои Тоҷикистон хеле ҷаззоб тасвир шудааст. Ба назар чунин менамояд, ки шоир нозукиҳои касби наққоширо хуб медонад. Аз тасвири хониши булбул, садои чӯпон, чаридани рама ва тараддуди марди деҳқон бо дамидани субҳи содиқ дили кас кушода мешавад» [138, 35].

Суҳбати Шоираи халқии Тоҷикистон **Ҳадиса Қурбонова** бо устод Убайд Раҷаб дар арафаи 70-солагии зодрӯзаш як саҳифаи хотирмонеро дар бораи шоири зиндаёд пеши назар меорад. Суҳбати Ҳадиса Қурбонова бо устод Убайд Раҷаб бо чунин суол оғоз гардид. Дар мусоҳибае, ки шоира Ҳадиса Қурбонова бо Убайд Раҷаб дар нашрияти «Ҷумҳурият», майи соли 2002 зери унвони «Ошёни уқоб» анҷом додаст ба суоли шоира чунин ҷавоб медиҳад: «Нигоҳатон ба умри гузашта чӣ гуна аст ва умри боқимондаро чӣ тавр тасаввур кардан ва дидан мехоҳед? Аз рӯзе, ки худро шинохтааму аз бешу кам ва шодиву ғами ҷаҳон огоҳ гардидаам, ҳамаро чун тасмаи кино дар ёд дорам. Ба мактаби деҳа шомил шудан, хатми омӯзишгоҳ, таҳсил дар Донишгоҳи омӯзгорӣ, фаъолият дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, бахусус «Комсомоли Тоҷикистон» ва «Садои Шарқ», заҳмати пайваста дар

дафтари Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, ки шарҳи муфассалашон чандин ҷилд китоб хоҳад шуд. Дар ҷодаи эҷод барои муштариёни баихлосу боэҳтиром аз самими дил хизмат кардам. Ҳар вақт қалам ба даст мегираму хоҳиши навиштан кунам, пеш аз ҳама, симои онҳо пеш назар меояд ва кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки нигоштаам онҳоро хушдил кунад ва писандашон ояд. Чанд муддат аст, ки баъд аз пош хӯрдани собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҷаҳонро такони нобасомонӣ пеши рӯ омад. Кишвари моро ин такон барканор намонд.

Хушбахтона, мардуми мо инро зуд пай бурда, аз пайи ислоҳи норасоиҳо шуданд ва шукри Худо, ки имрӯз мо, мардуми тоҷик, пайроҳаи худро пайдо намудаву ба ҳаёти мустақилонаи осуда гузашта истодаем. Оянда мехоҳам, Тоҷикистони азизамон аз ҳар ҷиҳат дар фазои озод бо мардуми дилшод бошаду мо аҳли қалам, васфи дастовардҳои шоёни онро бикунем»[40, 412].

Аз ин суҳбатҳо маълум гардид, ки шодравон Убайд Раҷаб ҳаёти бобаракати худро зоеъ нагузаронидааст. Барои халқи худ, бахусус насли наврас ёдгорие боқӣ гузоштааст. Аммо орзуҳое, ки дар оянда дошт, албатта нотамом монданд, марг ба ин даст надод.

Ҳикмат Розиқ, ҳамчунин, ба ёд меорад: «Рӯзе падарам бо якчанд нафар дӯстонаш ба хона омаданд. Дар миёни онҳо як марди қоматбаланд низ буд, ки аснои суҳбат падарам ба он кас «мулло Убайд» гуфта муроҷиат менамуданд. Сипас, моро падарам бо устод Убайд Раҷаб шинос намуд. Рафтуомади Убайд Раҷаб бо завҷааш ба хонаи мо доимӣ гашт. Бо умеди пайравӣ бо падар гоҳ-гоҳ хома рӯйи коғаз меовардам ва шеъре эҷод менамудам. Ман шеъри худро гирифта, ҷониби бинои Иттифоқи нависандагон раҳсипор гардидам. Ҳар гоҳе ки ба бино наздик мешудам, маро як ҳиссиёти аҷибе фаро мегирифт. Ҳамеша тасаввур мекардам, ки марҳум падарам ин ҷосту ҳамин замон бо дӯстони шоираш-устод Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Қутби Кирому Убайд Раҷаб ва дигарон берун меоянд. Ин ҳиссиёт маро то ҳанӯз ба риққат меоваранд. Донаҳои ашки ҳиҷрон аз дидагонам мечакиданд. Мутаас-

сифона, устод бо сабаби беморӣ ба кор наомадаанд. Сипас, роҳи хонаи устодро пеш гирифт. Дарро ҳамсари устод кушода,маро ба хона даъват карданд. Устод худро ба болин такя дода, фароғат доштанд. Суҳбати устод Убайд Раҷаб бо писари дӯсташ гарму ширин идома намуд. Баъди суҳбати тулонӣ, як лаҳзаи мувофиқ ёфта ниятамро ба устод иброз намудам, ки хурсандона: «Аҷаб кори накӯе пеша кардед!. Агар ин ҳунарро бо завқу ҳавсалаи тамом идома диҳед, арвоҳи падарро хурсанд хоҳед кард»-гуфтанд Убайд Раҷаб дафтари шеърҳоро ба даст гирифта,-«Ба ман ақаллан, ҳафтае имкон диҳед, ки навиштаҳоро дурустакак хонда, маслиҳат дода тавонам»,- бо назари суол ба писари дӯсташ нигариста [40, 319].

Ба **Аҳлиддини Ҳисорӣ** шоир Убайд Раҷаб чун суханвари хушзавқу хушбаён солҳои мактабхонияш шинос буд. Ҳамин амр боис гардид, ки солҳои донишҷӯияш бо ин устод ҳамсуҳбат шавад ва минбаъд бо ӯ дар фаъолияти эҷодӣ ҳамкорӣ намояд. Ба навиштаи ӯ «Аз устод Убайд Раҷаб ҳангоми сафарҳое, ки якҷоя будем, рафтору кирдори неку одобу ахлоқи ҳамидаи он касро мушоҳида намудам ва аз хоксориву меҳрубонӣ, матонату кордонии ӯ дарси ибрат андӯхтам. Дар хондани шеър чунон маҳорати баланд дошт, ки шунавандагон мафтун мешуданд. Яке аз хислатҳои накӯи ӯ дар он зоҳир мегардид, ки бо меҳри бузург, бо дарёдиливу меҳрубонии худ ба дили ихлосмандони каломи бадеъ роҳ меёфт ва шеърхониҳои хоссае дошт, ки бинанда ва шунавандаро ба худ ҷалб менамуд. Устод худ одобу ахлоқи ҳамида дошт ва дигаронро пайваста дар сафарҳояш таъкид мекард: «Бача азиз, одобаш аз он азизтар! Писарам, ҳамеша одобу ахлоқро риоя кунед» [40, 284 ].

Аз ин навиштаи шоир Аҳлиддини Ҳисорӣ маълум мешавад, ки мардум шеърҳои пурмуҳаббати ӯро, ки чун қалби поки кӯдакон зебост, дӯст медоранд, бо шавқ мехонанду азбар мекунанд. Хосатан, дар рӯзгоре, ки ин ёддоштҳо ба қалам омадаанд, на танҳо сурудаҳои бачагона, балки маҷмӯи ашъори шоир миёни аҳли мардум маъруфияти тамом доштанд ва дар аксар маҳфилу маҷлисҳо ин ашъори ҷаззоб суруда мешуданд.

Ташаккули адабиёти кӯдакони тоҷикро бе эҷодиёти устод Убайд Раҷаб тасаввур кардан душвор аст. Барҳақ, бо ашъори пурғановати ӯ ин адабиёт рушду нумӯи тоза ёфт,-қайд кардааст шоир Муродалӣ Собир. Ман аз он хурсанду хушнудам, ки борҳо дар суҳбати ин марди сухан, устоди аксари шоирони кунунии адабиёти кӯдакон, иштирок дошта, аз маслиҳатҳои беминнаташон баҳра бурдам. Дидори марди шариф ва шахсе, ки дили поку беолоиш дорад, бемуҳобо, ба кас рӯҳ мебахшад, суҳбати хоссаашон касро сеҳр мекард. [40, 329]

Баъдтар суҳбати ман бо устод Убайд Раҷаб бисёртар ба вуқуъ пайваст, аммо суҳбати нахустинам меҳру муҳаббати шоириро ба таври ҷовидон дар тинатам равшан намуд. Агар ба адабиёти кӯдакони тоҷик назари иҷмолӣ андозем, шоирони пештози он ангуштшуморанд ва фикр мекунам, баъди устод Мирсаид Миршакар устод Убайд Раҷаб қарор дорад. Мазмуну муҳтавои шеърҳои устод равону салис, хушоҳанг ва аз ин сабаб хеле хотирмон аст. Убайд Раҷаб дар миёни адибони кӯдакони тоҷик ягона эҷодкоре мебошад, ки бо Мукофоти байналмилалии ба номи Ҳ.К Андерсен мушарраф гардидааст. Ин далолат бар он дорад, ки шеъри шоир ба дуриҳои дур парвоз намуда, сарҳади Ватанро убур намудааст. Ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар радифи беҳтарин асарҳои ёддоштии муосири тоҷик қарор доранд вале мутаассифона, то ҳол дар бораи осори ёддошии устод касе кореро ба сомон нарасонидааст.

Бисёр адибони номвари тоҷик, ки дар ин қисмат дар бораи устод Убайд Раҷаб фикру андешаҳои худро иброз намудаанд, саршори самимият нисбат ба ӯ ва осораш доштанд. Аксарияти онҳо ҷанбаи ёддоштӣ дошта, ба хонанда таъсирбахшанд. Таҳқиқ ва мутолиаи ин қабил ёддоштҳо имконият медиҳанд, ки хонандаи насли имрӯз аз гузаштаи пурғановати чеҳраҳои фарҳангии адабиёт огоҳӣ пайдо мекунад, аз рафтору гуфтор ва кирдори эшон сабақ меомӯзад, ба манфиати халқу меҳан хизмат мекунанд.

Меҳмон Бахтӣ, Ашӯр Сафар, Муҳаммад Ғоиб, Ҳизбуллои Ашӯр, Ғулом Ҳусайни Юсуфӣ, Гулназар Келдӣ, Ҷонон Икромӣ, Фаррухи Ҳусейн,

Раҷабалии Худоёрзода, Азизи Азиз, Абдусаттори Раҳмон, Софияи Носир, Аброри Зоҳир, Маҷид Салим, Ибод Файзулло, Карим Мӯсо, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Ҳ. Ғафуров А. Вазиров, Бӯстон Шукурӣ ва чандин дигарон аз шумори онҳоянд, ки меҳру муҳаббати нотакроре нисбати шеъру ёддоштҳои Убайд Раҷаб доштанд ва онҳоро бо самимитарин ҳарфҳо ба қалам овардаанд. Аз фикру андешаҳои ин дӯстону наздикон ва адибон маълум гардид, ки Убайд Раҷаб яке шахсиятҳое мебошад, ки дар рушду нумӯи адабиёти кӯдакону наврасон саҳми босазое гузоштааст. Дар баробари ин, ҳамчун фидоии шеъру сухан ва адабиёти гузаштаву имрӯзаи тоҷик ба камол расида, дар тарбияи шоирони ҷавон нақши муассире дорад.

Бештари ин ёддоштҳо маҳсули ҳамнишинӣ, дӯстӣ ва рафоқат бо нависанда буда, дар заминаи мутолеаи онҳо имконият фароҳам меояд, ки саҳифаҳои нотакрори рӯзгори адиб, заминаҳои эҷодӣ, сабабҳои ба навиштани ёддошт машғул шудани вай равшан гарданд.

Убайд Раҷаб аз мактаби падар таҷрибаи зиндагӣ гирифта, дар ин ҷода саъю талошҳо намуда, бар он орзую омоле, ки аз даврони мактабхониаш дар дил мепарварид, расидааст. Таърихи адабиёти дунё шоҳид аст, ки то инсон дар дили худ бачагиро тару тоза маҳфуз надорад, бо ҳазор истеъдод нависандаи бачагон буда наметавонанд. Ашъори ба кӯдакон бахшидаи устод Убайд Раҷаб гувоҳи навҷӯиҳо ва дастовардҳои қабили таваҷҷуҳи вай дар назми муосири тоҷик мебошанд. Устод сарбаландии худро дар баландии мақоми Ватан, кӯҳҳои осмонбӯси диёри кӯҳистони тоҷикон, рӯдҳои туғёнгару мусаффо ва ҳаётбахш мебинад, ки ҳамаи инро дар назми худ нишон додааст. Ҳангоми мутолиаи шеърҳои шоир эҳсоси вафодорӣ, покии муҳаббат, пайванди меҳру дилҳо бо оби зулолу хоки поки диёр ҷилвагар мешаванд.

Хизмати Убайд Раҷабро ҳангоми фаъолияташ дар маҷаллаи адабии Иттифоқи нависандагон – «Садои Шарқ», ки имрӯз рисолати маҷаллаи миллиро дорад, низ дӯстону наздикон, ки аксари онҳоро шоирону суханварон, олимон ба вуҷуд овардаанд, бо некӣ ёд кардаанд. Зеро Убайд

Раҷаб тавонист дар як муддати кӯтоҳ маҷалларо аз назари мазмуну мундариҷа ва ороиш дар радифи маҷаллаҳои шӯҳратёри собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ ҳампаҳлӯ бигзорад.

Дар баробари ин, фаъолияти босамар дар ин маҷалла ва ҳамкориҳои судманд бо адибон низ омил шуд, ки онҳо андешаву ёддоштҳои хешро дар бораи Убайд Раҷаб ба қалам оварда, хидматҳои шоистаи ӯро дар ин арса қадр намоянд. Аз ҷумлаи, ходими сиёсиву давлатӣ Холмурод Шарифов дар ёддоштҳои худ дар бораи Убайд Раҷаб ва марҳилаи фаъолияташ дар ин маҷаллаи адабӣ чунин навиштааст: «Баҳори соли 1966-ум Убайдулло боре ба хонаамон омад. Баъд аз ӯ аҳвол пурсидам, ба забон омад:

– Ака, – гуфт Убайдулло, – ман наздатон барои маслиҳат омадам, масъала ҷиддӣ.

– Боз он чӣ хел масъала, ки ҷиддӣ ҳам будааст? – пурсидам хандида.

– Имрӯз саҳарӣ домулло Мирзо Турсунзода маро наздашон хонданд ва супориданд, ки вазифаи сармуҳарририи маҷаллаи «Садои Шарқ»-ро ба зиммаам гирам. Чӣ кор кунам?

– Чӣ кор мекардед? Модом ки Мирзо Турсунзода барин шахси муътабар ба шумо эътимоду ихлос баста, ба чунин вазифаи масъул таклиф карда бошанд, бояд розӣ шавед, – гуфтам ва афзудам, – ин фоли нек аст. [151, 123]

Убайд Раҷаб дар ин вазифа ҳам худро чун сарвари ӯҳдабаро нишон дод. Вай дар саҳифаҳои маҷалла нашри мақолаву очеркҳоро дар бораи санъат ва арбобони он ба роҳ монд, хонандагонро бо беҳтарин намунаҳои осори классикӣ ошно намуд, ҳаводорони лафзи дариро бо намунаҳои чакидаҳои хомаи суханварони муосири Эрону Афғонистон ва Ҳиндустону Покистон шинос кард, ки ин ҳама обрӯи маҷалларо хеле баланд бардоштанд.

Дар муддати қариб понздаҳ соли сармуҳарририи Убайд Раҷаб теъдоди нашри маҷалла аз 4,5 ҳазор ба 45 ҳазор нусха расид. «Садои Шарқ» хароҷоташро пӯшонда ба хазина маблағ медодагӣ шуд. Ба коллективи эҷодии

маҷалла ҷавонони хушсалиқа, аз ҷумла Лоиқ Шералӣ, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самадов, Гулназар, Камол Насрулло ва дигарон гирд омаданд, ки бо тозагӯиҳояшон, истеъдоди хосашон эътибори маҷалларо дучанда намуданд.. Ба комёбиҳо муваффақ гардидани сармуҳаррири нав бисёр дустону ҳамкорон, ҳамқаламони Убайдуллоро хурсанд намуд, пеш аз ҳама, устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Фотеҳ Ниёзӣ шод буданд [151, 211-212].

Ҳамин тариқ, заҳматҳои тулонии Убайд Раҷаб дар адабиёти садаи XX-XXI муосири тоҷик дар ёдкардаҳои ҳамкорону дӯстон, олимону аҳли зиёи кишвар воқеъбинона баррасӣ шудаанд, ки мутолиа ва таҳқиқи онҳо барои муайян намудани самтҳои аслии фаъолияти адиб ва хидматҳои вай дар рушди адабиёти миллии тоҷик, адабиётшиносӣ,таъмини покизагии забони давлатӣ нақши муҳим мегузоранд.

Таҳқиқу баррасии ёдномаҳои дӯстону наздикон, ки аксари онҳоро адибону олимон ба қалам овардаанд, равшан месозад, ки Убайд Раҷаб яке аз дурахшонтарин чеҳраи адабиёти муосири тоҷик ба шумор рафта, дар инкишофи на танҳо адабиёти кӯдак, балки дар рушди адабиёти миллии тоҷик бо таълифи осори гаронбаҳое нақши муассир гузоштааст. Бисёр адибони муосири тоҷик ва хориҷи кишвар дар бораи бузургии осори Убайд Раҷаб андешаҳои худро ба таври воқеъбинона баён доштаанд ва аз рӯи онҳо дар баробари муқаррар шудани самтҳои аслии фаъолияти адиб, хидматҳояш дар инкишофи адабиёти кӯдак, тавсеаи муҳимтарин мавзуоти шеър, насри бадеӣ, публистистика, равнақи ҳамаҷонибаи адабиёти кӯдакон тавассути таҳия ва нашри «Тазкираи адабиёти бачагон», матбуоти миллӣ дар сурати фаъолияти тулонии назаррас дар мақоми сардабири маҷаллаи миллии «Садои Шарқ», тарбияи адибони ҷавон, таҳриру такмили маводи онҳо дақиқ ва равшан мегарданд.

Ҳар яке аз ин ёдномаҳо дар баробари муайян намудани мавқеъ ва мақоми Убайд Раҷаб дар адабиёт ва фарҳанги миллӣ, равандҳои муҳимтарини адабиёти миллии замони зиндагонии адиб, тамоюлҳои адабӣ,

фарҳангӣ, муҳимтарин мавзуоти адабиёт ва адабиётшиносиро мушаххас мегардонанд. Бештари ин ёддоштҳо, ки дар китоби «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме» фароҳам омадаанд ва ба қалами олимон ва адибон ва омӯзгорон тааллуқ доранд, арзиш ва аҳамияти ин китобро дар шинохти рӯзгору пайкори Убайд Раҷаб, инчунин саҳму хидмати ӯ дар инкишофи адабиёт ва фарҳанги миллӣ бозгӯӣ мекунанд.

Бар асоси ҳамин ёддоштҳо аст, ки мо имрӯз бо итминон изҳор медорем, ки устод Убайд Раҷабро хонандагони дирӯзу имрӯз на танҳо ҳамчун шоири тавонои адабиёти кӯдакону наврасон мешинохтанду мешиносанд, балки ҳамчун адиби воқеан баркамоли адабиёти калонсолон низ эътирофу эҳтиром мекунанд, ки дар ин арса маҳз ёддоштҳои ӯ, инчунин шеъри дар ситоиши забони модарӣ сурудаи вай нақши муҳим ва таъсиргузор доранд.

Дар баробари ин, ёддоштҳои дӯстону ҳамкорону наздикон низ, ки аксаран аз ҷумлаи аҳли қалам ба шумор меравaнд, дар кашфи саҳифаҳои мухталифи рӯзгори адиб, таърихи эҷоди ашъору дигар анвоъи мероси ӯ барои хонанда, аҳли таҳқиқи замони мо нақши муассир хоҳанд гузошт. Ҳамзамон, дар чунин ёддоштҳои аҳли қалам дар бораи Убайд Раҷаб на танҳо саҳифаҳои рӯзгори ин шоири забардасти адабиёти кӯдакон, балки худи суханварони дигари ҳамкору ҳамнасли адиб боз мешаванд, ки аз ин ҷиҳат низ онҳо дорои арзиш ва аҳамияти муҳим дар нақди адабӣ ва адабиётшиносӣ мебошанд.

# ХУЛОСАҲОИ БОБИ САВУМ

Убайд Раҷаб бо назардошти он ки солҳои тулонӣ бо устоди назми муосири тоҷик Мирзо Турсунзонда ҳамнишинӣ дошт, ёддоштҳои хешро ба сурати китоби алоҳида ва хеле муфассал ба қалам овардааст. Маҳз, тавассути мутолеаи ин китоби ҷудогона, ки "Зинда ба ишқ" ном гирифтааст, хеле аз саҳифаҳои рӯзгор ва эҷодиёти шоири маҳбуби халқи тоҷик равшан мегардад. Бешак, онро як навъ асари ёддоштии таҳқиқи бадеии шарҳи ҳол ва мероси адабӣ, шахсият ва вежагиҳои эҷоди Мирзо Турсунзода низ метавон номид. Хосатан, мутолеаи ёддоштҳои Убайд Раҷаб имконият медиҳанд, ки мо саҳми арзандаи устод Мирзо Турсунзодаро дар тарбияи адибони ҷавон ба таври барҷаста бишносем, ки чунин матлабҳо барои маърифати адабиёт ва заминаҳои пешрафти он муҳим ба назар мерасанд.

Дар китоби "Дӯш будам ҳамнишин" бошад, Убайд Раҷаб ёддоштҳои хешро дар бораи адибони номвари тоҷик чун Боқӣ Раҳимзода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Ҷумъа Одина ва дигарон иншо намудааст, ки ҳар яке аз онҳо дар шинохти саҳифаҳои нотакрори рӯзгори ин адибон ва таҳқиқи сарчашмаҳои муҳими эҷодиёти онон нақши муассир доранд. Баробари ин, қисмате аз қиссаҳои ёддоштии Убайд Раҷаб дар бораи шоир Ашӯр Сафар ва айёми фаъолият дар идораи маҷаллаи "Садои Шарқ" ба таври алоҳида дар саҳифаҳои худи ҳамин маҷалла ба чоп расидаанд, ки аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Агар дар ин ёддоштҳо муаллиф низ гоҳо ба ҳайси иштирокчии ҳодисаву воқеаҳо ва гоҳо шунаванда нақши меҳвари дошта бошад, дар силсилаи ёддоштҳои ҳамкорону ҳамсафони хеш ҳамчун қаҳрамони марказӣ амал мекунад, ки ин матлаб ба симои ӯ ҳамчун образи меҳварии ёддоштҳои адибони маъруф тоҷик таъкид меварзад.

# ХУЛОСАҲО

## НАТИҶАҲОИ АСОСИИ ИЛМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Таҳқиқу баррасии мақоми Убайд Раҷаб дар ташаккули жанри ёддошт муқаррар месозад, ки ин шоири бачагон дар баробари эҷоди шеър ба навиштани чандин асари ёддоштӣ муваффақ гардидааст. Баррасиҳои анҷомёфта моро ба натиҷаҳое мерасонанд, ки онҳоро ба таври хулосаҳои илмии диссератсия чунин метавон баён дошт:

1. Тавре ки аз маъхазҳои таърихӣ маълум мегардад, насри порсӣ дар аввалҳои асри шашум ва нимаи қарни ҳафтум ба авҷи тараққии худ расида, адибони бузург дар забони форсӣ зуҳур намудаанд. Дар баробари ин, дар ин аср марказҳои илмӣ-адабӣ таъсис дода шуданд, ки пайдоиши бисёре аз луғоту таркибот, истилоҳот ва дигар аносири сарфиву наҳвии нав дар насри порсӣ марбут бар намояндагони ин мактабҳо мебошанд. Ҳаминро ёдовар мешавем, ки осори насрӣ аз қабили «Таърихи Байҳақӣ» ва «Сиёсатнома»-и Низомулмулк «Сафарнома»-и Носири Хусрав заминаи хубе барои ёддоштнависӣ ба ҳисоб рафта, рушди минбаъдаи онро таъмин намуданд**[4-М].**

2. Дар адабиёти қадими форсӣ наср дар шаклҳои гуногун зикр гардидааст: достон, сафарнома, солнома, корнома, тазкира, мактуб, мақола, ҳикоёт, ҳадис, ёддошт ва ғайра. Намунаи олии он «Ардавирафнома», “Абумуслимнома», «Доробнома», «Синдбоднома», «Амир Арслон» ва «Сафарнома»-ҳо ба ҳисоб мераванд. Ин нукта аз он башорат медиҳад, ки ёддоштнависии тоҷик таърихи дурудароз ва сарчашмаи қавӣ дошта, дар ҷойи хушку холӣ пайдо нашуда, балки заминаи боэътимоди он адабиёти классикии форсу тоҷик ва эҷодиёти шифоҳии халқ ба ҳисоб меравад**[4-М].**

3. Ёддоштнавис бо огоҳӣ ва ирода ба шарҳи аҳвол, ҳодисаҳо ва рӯйдодҳои гузашта, ки дар зеҳн монда ва барҷаста шудаанд, мепардозад. Ровӣ дар он ҳузури бевосита дорад. Ҷузъиёти замон ва макону чигунагии вуқуи ҳаводис низ дар он сабт гардидааст. Ёддошт, ғолибан таъсири эҳсосӣ–отифӣ бар фард мегузорад. Дар ин навъ осор, асосан, худи муаллиф дар

воқеаву ҳодисаҳо иштирок мекунад ва аз ин рӯ он намунаи барҷастаи насри мустанад низ эътироф гардидааст**[4-М].**

4. Жанри ёддошт дар қарни XX ба як марҳилаи нави ташаккули худ дар адабиёти муосири тоҷик ворид гардид, ки ба ин хидматҳои шоёни устод Садриддин Айнӣ гувоҳ мебошанд. Бо иншои китоби «Ёддоштҳо»-и хеш дар заминаи анъанаҳои классикии он устод Айнӣ муваффақ шуд,ки истиқлоли онро аз дидгоҳи навъи адабӣ таъмин намояд. Муҳимтарин вежагии фарқкунанда ҳузури шахсияти муаллиф ба унвони ровӣ ба унвони қаҳрамони марказӣ ба шумор меравад, ки тамоми рӯйдодҳои асар дар меҳвари ӯ чарх мезананд**[9-М].**

5. Аз таҳқиқи осори ёддоштии У. Раҷаб бармеояд, ки ҳарчанд қабл аз ӯ адибон дар ин ҷода қаламфарсоӣ кардаанд, аммо вай бо зеҳни халлоқи худ ва бо таъсир аз гузаштагони адаби форсӣ-тоҷикӣ осори гаронарзише бар ҷой гузошт. Убайд Раҷаб дар навиштани асарҳои ёддоштӣ бештар аз осори Л. Н. Толстой, Максим Горкий, А. Дониш, Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Мирсаид Миршакар баҳра ҷустааст. Дар навиштаҳои нависанда таъсири сабки нигориш ва равиши устод Айнӣ дар «Ёддоштҳо» бисёр барҷаста аст, зеро бо ҳамин шева аксари ёддоштҳои хешро дар бораи ин ё он шахсият бо гузошти унвон дар қисматҳои алоҳидаи он иншо намудааст. Бешак, ҳамин усули нигориши нависанда тарзи баёни «Ёддоштҳо»-и Айниро ба хотир мероварад. Бо таълифи се китоби ёддоштӣ «Марди майдони талош», «Зинда ба ишқ», «Дӯш будам ҳамнишин» ва чанд ёддоштҳои алоҳида ин шоири барҷастаи кӯдакон дар офаридани асарҳои тозаи ёддоштӣ дар адабиёти муосири тоҷик саҳми қобили таваҷҷуҳе гузоштааст. Ин, аз як тараф, агар решапайвандии адабиёти навини тоҷикро ба адабиёти форсу тоҷик бозгӯйӣ кунад, аз тарафи дигар, ба адиб имкон додааст, ки ба инкишоф додани жанри ёддошт дар марҳилаи нави таърихии даврони муосир саҳми мунир гузорад**[5-М].**

6. Аз назари сохторӣ ёддоштҳои Убайд Раҷаб бештар ба шеваи қисса андар қиссаи адабиёти классикӣ шабоҳат доранд, ки ин усули нигоришро

Устод Садриддин Айнӣ дар “Ёддоштҳо”-и хеш моҳирона ба кор гирифтааст. Ин равиши эҷодӣ асосан дар асарҳои “Дӯш будам ҳамнишин” ва “Зинда ба ишқ” ба чашм мерасад. Ҳар ёддоште, ки нависанда дар бораи ин ё адиб навиштааст, агарчӣ як унвони умумӣ дорад ва дар меҳвари тамоми воқеоти тасвиршуда як шахсият қарор мегирад, вале бо назардошти тасвири рӯйдодҳои алоҳидае бо ҳузури худи муаллиф ё нақли шунидаҳои ӯ ҳар яке ҳикояти ҷудогонаеро мемонанд. Дар баробари ин, дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб ҳарчанд як нависанда ё шоир қаҳрамони марказӣ мебошад, вале вобаста ба нақши воқеаву ҳодисаҳо дигар адибону шоирон ҳамчун персонажҳои дигари осори ӯ нақши муҳим мебозанд**[6-М].**

7. Пажуҳиши ёддоштҳои Убайд Раҷаб бармеояд, ки осори ёддоштии ӯ, бо забони содаву фаҳмо ва дур аз итноб таълиф гардидаанд. Ҳамчунон, дар саропои ёддоштҳояш вижагиҳои сабки содаву равони насрӣ баръало эҳсос мегарданд, ки ин аз истеъдод ва табъи салими муаллиф дарак медиҳад. Дар асарҳои ёддоштии устод аз услубҳои мухталиф ба монанди услуби бадеию образнок ва илмӣ-публисистӣ истифода шудааст. Хосатан, таъсири сабки шеъри ӯ дар ёддоштҳояш ба таври барҷаста аён аст, зеро ҳарчанд ёддоштҳои Убайд Раҷаб вежагиҳои насри мустанадро дар худ таҷассум намуданд, вале баёни шоирона тавассути эҷоди тасвирҳои шоирона, инчунин корбурди фаровони намунаҳои шеърӣ дар услуби нависанда таъсири матлуб гузоштааст**[6-М].**

8. Халқияти забони осори Убайд Раҷабро корбурди фаровони дурдонаҳои мардумӣ, чун воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо, забони гуфтугӯйӣ таъмин намуданд. Тавсифҳо аз ҷумлаи унсурҳои ниҳоят муҳимми забон дар ёддоштҳои адиби чирадаст ба шумор мераванд. Онҳо дар инъикоси зиндагӣ, урфу одат ва расму оини мардум ягона сарчашмаи муътамад маҳсуб ёфта, таҷрибаи чандин насл ва чандинасраи одамонро нишон медиҳанд. Онҳо монанди ҳар як воҳиди фразеологӣ ба сухани нависанда алоқаманд шуда, ҳолат, хулқу атвори қаҳрамонҳои тасвиркардаи ӯ ва муҳити иҷтимоии он давраро пурра инъикос кардаанд. Ба ин маънӣ, онҳо

ҳамчун ҷузъи муҳимми эзоҳдиҳанда дар кушодани моҳияти ҳодисаҳо ва хулосаҳои мантиқии муаллиф нақши арзанда мебозанд. Убайд Раҷаб аз ин ганҷинаи пурғановату рангини забон фаровон ва моҳирона истифода намудааст**[6-М].**

9. Дар осори ёддоштии Убайд Раҷаб шахси муаллиф ба ҳайси мушоҳид нақши калидиро мебозад, ки бо мухотабони худ самимонаву рӯирост суҳбат менамояд, зеро  зеро бештари маврид дар воқеаву ҳодисаҳо бевосита худи вай ҳузур дорад ва бо қаҳрамононаш дар муколама аст. Дар ҳамон вақт асари ёддоштӣ аз ҷиҳати услуб таъсирнок мегардад, ки муаллиф дидаҳо ва шунидаҳои хешро воқеъбинона, ончунонки ҳаст, инъикос намояд. Аз ин рӯ, Убайд Раҷаб кӯшидааст, ки симои хешро дар ёддоштҳоя ба хотири пуртаъсир гардидани каломаш барҷаста ба намоиш гузошта, ҳиссиёти фардӣ, диду назари шахсии хешро дар ҷараёни тасвири воқеаву ҳодисаҳо муассир баён намояд. Дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб чеҳраи муаллиф дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёти ӯ аз айёми хурдсолӣ ё хонандаи мактаб будан, то замони адиби баркамол расидан бисёр барҷаста тасвир шудааст, ки ҳар яке дар ҷои худ нақши муҳим ва муассир доранд**[6-М].**

10. Адиб дар офаридани қаҳрамонҳои асарҳои ёддоштиаш мақоми ҳунарии худро ҳамчун нависанда нишон додааст. Корномаи Олмуҳаммади Раҷаб иддаои моро тасдиқ мекунад. Убайд Раҷаб дар симои қаҳрамони асар як шахси ватандӯсту меҳанпарастро, ки ҳамеша барои ҳифзи марзу буми кишвар содиқ буд ва зидди беадолатӣ пайваста талош мекард, тасвир менамояд. Бо ин тариқ, адиб мухотабонро ба ваҳдату ягонагӣ ва адолатпарастӣ даъват мекунад. Дар баробари ин, нависанда ба офариниши чеҳраи ин шахсияти корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳдуд нашуда, дар симои вай инсони дӯстдори адабиёт ва фарҳанги миллиро низ тасвир намудааст, ки дар лаҳзаҳои душвори ҳаёт ҳамеша ба намунаҳои ашъори суханварони гузаштаи мо руҷуъ мекунад. Ин гуфторҳо ҳарчанд аз забони қаҳрамон нақл мешаванд, вале онҳо ба сабки сухани адиб таъсири хуб гузошта, ҷаззобиёти каломашро таъмин намудаанд**[1-М].**

11. Ёдномаҳои Убайди Раҷаб дар бораи устодони бузурги адабиёти миллии мо, чун Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода хеле муҳим ва арзишманд мебошанд. Хосатан, навиштаҳои адиб дар бораи Садриддин Айнӣ баробари ошкор намудани чандин саҳифаҳои рангини ҳаёти ин нависандаи забардаст, матолиби дақиқ ва мустанадеро низ манзур мекунанд, ки дар омӯзиши марҳилаҳои эҷодии асосгузори адабиёти навини тоҷик муҳим арзёбӣ мешаванд**[3-М].**

12. Ёддоштҳои Убайд Раҷаб нисбат ба Мирзо Турсунзода дар муқоиса ба дигар адибон васеъ ва доманадор мебошанд, зеро муаллиф бо устод солиёни зиёд ҳамкорӣ карда, дар суҳбатҳо ва сафарҳо ӯро ҳамроҳӣ кардааст. Ғамхориҳои падаронаи устод дар қалбу дидаи Убайд Раҷаб ҷой гирифта, аз ин рӯ, аз мулоқотҳои вай дилкандагӣ надошт. Бардоштҳое, ки хонанда аз ёддоштҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода мегирад, иборат аз ахлоқ ва мукотиботи ғамхоронаи устод нисбат ба шогирдон ва навқаламони тоҷик мебошад. Насиҳатҳои устод Мирзо Турсунзода нисбати навқаламон бисёр муфид ва ҳар нуктаашон омӯзанда аст. Шоири ҷавонро сахт танқид намекард, вале бо дигар роҳҳо бо нармии ба худ хос , ҳарфашро мегуфт ва дар баробари ин ба онҳо рӯҳу илҳом бахшида, дилбардорӣ мекард. **[3-М]**

13. Убайд Раҷаб бо ихлосу иродае, ки нисбати шоирону адибон дошт, онҳоро дар асараш холисона ба қалам овардааст. Лаҳзаҳо ва хотираҳои онҳо ҷанбаи воқеӣ доштанд, ки устод бо ҳар яки онҳо вохӯрда, ҳақиқатро дар ин маврид бепарда баён намудааст. Аз ин рӯ, меҳру самимияти бузургони каломи бадеъ дар китоби «Дӯш будам ҳамнишин» таҷассум ёфта, ки муҳимтарин ёддоштҳои арзишмандро дар бораи суханвароне чун Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Абдусалом Деҳотӣ, Пӯлод Толис, Лоиқ Шералӣ, Наримон Бақозода ва дигарон мехонем, ки дар баробари арзиши муҳими ёддоштӣ, аҳамияти шоистаи адабӣ дар шинохти масоили адабиётшиносӣ доранд**[5-М].**

14. Заҳматҳои тулонии Убайд Раҷаб дар адабиёти муосири тоҷик дар ёдкардаҳои ҳамкорону дӯстон, олимону аҳли зиёи кишвар воқеъбинона баррасӣ шудаанд, ки мутолиа ва таҳқиқи онҳо аз манфиат холӣ нест. Аз мутолиа ва пажӯҳиши насри ёддоштии адибон бармеояд, ки онҳо фарогири мавзуъҳои гуногун мебошанд. Дар даврони истиқлол мебоист хотираҳоеро ба қалам дод, ки аз ҳаёти муборизони роҳи озодӣ, муборизони сулҳу ваҳдат, бунёдгарони иншооти аср, фидоиёни ҷангу меҳнат ва дастовардҳои замони истиқлолият асарҳои ҷолиб ҳикоя кунанд. Дар иртибот бар ин, ёддоштҳои Убайд Раҷабро оид ба фазои фарҳангиву иҷтимоии замон, ҳаёт ва эҷодиёти ҳар як адиб дар марҳилаи ҳаёти нави таърихи кишвар, аз ҷумла даврони истиқлоли миллӣ дорои арзиш ва аҳамияти муҳими адабӣ ба шумор овард, зеро тавассути ин осори адиб муҳимтарин рӯйдодҳои адабӣ, фарҳангӣ, нукоти нодири марбут ба рӯзгори аҳли илму адаб ва сиёсат равшан мегарданд, ки барои омӯзиши масъалаҳои куллии адабиёти муосири тоҷик аз аҳамияти муҳимр бархурдоранд**[5-М].**

15. Баҳсу баррасиҳои дар ёддоштҳои адибону олимон дар бораи Убайд Раҷаб ба қалам оварда ин нуктаро муқаррар менамоянд, ки маҳз тавассути ин навиштаҳо, ки бештари онҳо хислати ёддоштӣ доранд, нукоти муҳими зиндагонии адибро барои хештан равшан менамоем. Аз ин нигоҳ, онҳо низ дар шинохти ҷойгоҳи адиб дар адабиёти муосири тоҷик, аз ҷумла идомаи анъанаи ёддоштнависӣ аз арзиш ва аҳамияти муҳим бархурдоранд. Мутолеи чунин хотираҳо,ёддоштҳои қобили таваҷҷуҳ имконият фароҳам меоваранд, ки мо самтҳои пурвусъати фаъолияти Убайд Раҷабро бишносем ва аз он огаҳ шавем, ки ӯ баробари адиби бачагон будан, дар рушди адабиёт ва адабиётшиносӣ, фарҳанги миллӣ, тарғиби адабиёт, дастгирии адибони ҷавон хидматҳои шоистаеро ба анҷом расонидааст. Фаъолияти тулонии ӯ дар мақоми сардабири маҷаллаи миллии «Садои Шарқ», ки дар ёддоштҳои аксари адибони тоҷик ба он руҷуъ шуда, баҳои баланд дода шудааст, худ далели возеҳест ба саҳми арзандаи Убайд Раҷаб дар ташаккул, тарғиб ва

нашри адабиёти қадим ва навини тоҷик, тарбияи адибони ҷавон ва дар умум инкишофи матбуот, публистистика ва адабиёти тоҷик**[5-М].**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:**

Натиҷаҳои ба даст омада аз таҳқиқотро метавон дар оянда барои анҷоми силсилаи корҳои назариву амалии адабпажӯҳӣ мавриди истифода қарор дод, ки тавсияҳои зерин аз ҷумлаи онҳоянд:

1. Дар таҳқиқот муайян гардид, ки то кунун сайри таърихии анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти классикии тоҷик ба таври дақиқ омӯхта нашуда, имкон дорад, ки дар оянда дар ин замина як таҳқиқи мукаммали ин мавзӯъ бо такя бар сарчашмаҳои зуҳури он дар анвои дигар осори насрӣ, ки дар рисола зикри онҳо рафтааст, анҷом дода шавад.

2. Дар таркиби анвоъи дигари осори насрӣ, чун таърихнома, сафарнома, корнома, қиссаву ҳикоёт, маноқибу мақолот унсурҳои ёддоштнависӣ таҳқиқ шаванд ё ба ибораи дигар шеваҳои ёддоштнависӣ дар намунаҳои мухталифи насри классикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шаванд.

3. Дар заминаи маводи рисола мавзӯоти таҳқиқотӣ барои эҷоди рисолаҳои магристрӣ, докторӣ ва дигар навъи корҳои илмии донишгоҳӣ пешниҳод ва раҳнамоӣ карда шавад.

4. Маводи рисола ва натиҷаҳои таҳқиқот барои таҳияи маводи таълимӣ аз фанҳои таърихи адабиёти муосири тоҷик, таърихи насри классикии форсу тоҷик, курсҳои махсус оид ба жанри ёддошт барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ ва журналистика истифода шавад.

5. Дар заминаи маводи рисола дар оянда китобшиносии ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик таҳия ва нашр карда шавад.

6. Дар асоси маводи рисола минбаъд имкон дорад, ки осору мақолаҳои то кунун нашрнашудаи Убайд Раҷаб таҳия ва ба сурати китоби алоҳида чоп карда шавад.

7. Дар асоси таҷрибаҳои шоистаи Убайд Раҷаб дар самти таҳия ва нашри «Тазкираи адабиёти бачагон» имкон дорад, ки дар оянда барои аз сар гирифтани нашри нави мукаммали «Тазкираи адабиёти бачагон дар замони

истиқлоли миллӣ» иқдом шуда, тарҷума ва интишори намунаҳои осори суханварони адабиёти кӯдаки ҷаҳон низ ба роҳ монда шавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА САРЧАШМАҲО:

1. Айнӣ, С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. [Матн] / С. Айнӣ.– Сталинобод, 1944. – 86с.

2. Айнӣ, С. Куллиёт. – Ҷ. 6. [Ёддоштҳо]. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 414 с.

3. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ. 1-13. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Ирфон, 1958-1977.

4. Айнӣ, С. Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам. [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. 1958. – 128 с.

5. Акобиров Ю. Водии муҳаббат. [Матн] / Ю. Акобиров. М. Сов. пис. 1980. – 215 с.

6. Акобиров Ю. Норак. [Матн] / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1983. 384с.

7. Берт, Фарогнер. Хотиранависии эрониён дар асари Қоҷор [тарҷумаи Ҷалилванд Ризоӣ]. [Матн] / Фаронгар Берт. – Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1377.– 326с.

8. Горкий, М. Бачагӣ. [Матн] / М. Горкий. – Москва: Детский литератури, 1984. – 221с.

9. Горкий, М. Дар байни мардум. [Матн] / М. Горкий. – Душанбе: Маориф, 1980. -160с.

10. Горкий, М. Унвеcalistетҳои ман. [Матн] / М. Горкий. – Москва-Ленинград: Нашриёти давлатӣ, 1932. – 246с.

11. Гулрухсор, Сафиева. Занони сабзбаҳор. [Матн] / Сафиева Гулрухсор. – Душанбе: Адиб, 1990. – 352с.

12. Гулчини ашъори Мирзо Турсунзода [бо кӯшиш ва интихоби Муҳаммадҷаъфар Ранҷбар]. [Матн] /– Душанбе, 2011. С. – 279.

13. Дониш, Аҳмад. Наводир-ул-вақоеъ. [Матн] / А. Дониш. – Душанбе: Дониш, 1988. – 287 с.

14. Дурдонаҳои наср. Ҷ. 1. [Матн] /– Душанбе: Ирфон, 1987. – 560с.

15. Дурдонаҳои наср. Ҷ. 2. [Матн] /–Душанбе: Адиб, 1989. – 429с.

16. Дурдонаҳои наср. Ҷ. 3. [Матн] /– Душанбе: Адиб, 1991. – 576с.

17. Ибни Батута, Муаҳаммад ибни Абдулло. Сафарнома Ҷ.1 [тарҷумаи Муҳаммадалӣ Муваҳҳид]. [Матн] / Муаҳаммад ибни Абдулло ибни Батута.– Теҳрон: Огоҳ, 1376. –645с.

18. Икромӣ, Ҷ. Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро. [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 472 с.

19. Икромӣ, Ҷ. Духтари оташ. [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1960. – 558с.

20. Икромӣ, Ҷ. Сафар-махсум дар Бухоро. [Матн] / Ҷ. Икромӣ. –Душанбе: Ирфон, 1982. –224с.

21. Икромӣ, Ҷ. Тахти вожгун. [Матн] / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 338с.

22. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ. [Матн] / Ҷ.Икромӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 384 с.

23. Икромӣ, Ҷ. Устоди ман, мактаби ман, худи ман. – Дущанбе: Ирфон, 1981.

24. Икромӣ, Ҷ.. Он чӣ аз сар гузашт. – Душанбе:, Садои шарқ, 2006.

25. Кӯҳзод, Ӯ. Як рӯзи дароз, рӯзи бисёр дароз. [Матн] / Ӯ. Кӯҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 192с.

26. Меҳмон, Б. Хубон. [Матн] / Б. Меҳмон.– Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 192с.

27. Миршакар, М. Ёди ёри меҳрубон. [Матн] / М. Миршакар.– Душанбе,1989. – 176 с.

28. Ниёзӣ, Ф. Вафо. [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе: Маориф, 2019. – 240 с.

29. Ниёзӣ, Ф. Сарбозони бесилоҳ. [Матн] / Ф. Ниёзӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 416с.

30. Одинаев Ҷ. Авроқи рангин. [Матн] / Ҷ. Одинаев. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 288с.

31. Одинаев Ҷ. Гузашти айём. [Матн] / Ҷ. Одинаев. – Душанбе: Адиб, 1989. – 400с.

32. Орифов А. Дар он сӯйи уқёнус. [Матн] / А. Орифов. –Душанбе: Маориф, 1989. – 80 с.

33. Раҷаб, Убайд. Адабиёти бачаҳо ва тарбияи ахлоқ.-/Садои Шарқ, 1979, №10. Саҳ 137-147

34. Раҷаб, Убайд. Марди майдони талош. [Матн] / Раҷаб Убайд.– Душанбе, 1999. – 192с.

35. Раҷаб, Убайд. Зинда ба ишқ. [Матн] / Р. Убайд.–Душанбе: Адиб, 2001. – 234 с.

36. Раҷаб, Убайд. Дӯш будам ҳамнишин. [Матн] / Р. Убайд.– Душанбе: Адиб, 2002. – 277с.

37. Раҷаб, Убайд. Бародархонда. [Матн] / Убайд Раҷаб.-Садои Шарқ, 2009 №2, 57- 89.

38. Раҷаб, Убайд. Сабақҳои фаромӯшнашуданӣ. [Матн] / Убайд Раҷаб.-Садои Шарқ, 2017 №12, 117- 123.

39. Саъдӣ, Шерозӣ. Гулистон [шарҳи Ғуломҳусайн Юсуфӣ]. [Матн] / Шерозӣ Саъдӣ. – Теҳрон: Ҷовидон, 1363. – 565с.

40. То ҳаст оламе, то ҳаст одаме… Маҷмуи мақолаву ёдномаҳо дар бораи Убайд Раҷаб [Матн] /.– Душанбе, пажуҳишгоҳи фарҳанги форсӣ- тоҷикӣ, 2001. – 467с.

41. Толис, П. Куллиёт. Ҷ. 1-2. [Матн] / П.Толис. –Душанбе: Ирфон, 1975. – 1982. – 462с.

42. Толстой, Л. Н. Ҷавонӣ. [Матн] / Л. Н. Толстой. – М. Белий город, 1982. – 512с.

43. Турсун, С. Се рӯзи як баҳор. [Матн] / С. Турсун.– Душанбе: Адиб, 1988. – 462с.

44. Турсун, С. Санг дар бағал ба тӯфон. [Матн] / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 2002. – 228с.

45. Улуғзода, С. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 4 ҷилд. [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 367с.

46. Улуғзода, С. Восеъ. [Матн] / С. Улуғзода. – Душанбе,

47. Улуғзода, С. Ривояти суғдӣ. [Матн] / С. Улуғзода. –Душанбе: Адиб, 2012. – 199с.

48. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо. [Матн] / С. Улуғзода.– Душанбе: Ирфон, 1967. – 335с.

49. Улуғзода С. Аломаи Адҳам. [Матн] / С. Улуғзода.– Душанбе, 1973.

50. Ҷалил, Р. Асарҳои мунтахаб. Ҷ. 1-4. [Матн] / – Душанбе: Ирфон, 1967-1971. – 408с.

51. Ҷалил, Р. Қаҳрамони канори Днепр. [Матн] / Р.Ҷалил. – Сталинобод: Нашриёти Давлатии назди СКҲ РСС Тоҷикистон, 1944. – 28с.

52. Ҷалил, Р. Маъвои дил.[Матн]/Р.Ҷалил.–Душанбе:Ирфон,1983.–368с.

53. Ҷалил, Р. Шӯроб. [Матн] / Р.Ҷалил. – Душанбе: Ирфон, 1967. – 474 с.

54. Хусрав, Носир. Сафарнома [ба кӯшиши Нодир Вазирпур]. [Матн] / Носири Хусрав. –Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1383.–224 с.

55. Хусрав, Носир. Сафарнома. [Матн] / Носири Хусрав. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 111с.

## II. АДАБИЁТИ ИЛМӢ – ТАҲҚИҚОТӢ

### Бо забони тоҷикӣ

56. Абдуманнонов А. Нуқтаи назар. [Матн] / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Адиб, 1990. – 240с.

57. Адибони Тоҷикистон. [Матн] /– Душанбе: Адиб, 2014. – 320с.

58. Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт. Ҷ. 14. [Матн] / С. Айнӣ. – Душанбе: Матбуот, 2005. – 270 с.

59. Айравонӣ, Муҳаммадризо. Нигоҳе ба хотиранависӣ ва муқоисаи он бо зиндагинома ва сафарнома. [Матн] / Муҳаммадризои Айравонӣ // Маҷаллаи забон ва адабиёти форсӣ. – Теҳрон: Тирамоҳи 1386, № 8.– С. 73-100.

60. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур. [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. –238 с.

61. Амонов Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ. [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 351 с.

62. Аслонова Н. Андешаҳои адабӣ-эстетикии Садриддин Айнӣ. [Матн] / Н. Аслонова. –Душанбе: Шуҷоиён, 2012. – 355 с.

63. Асозода, Х. Адабиёти тоҷик дар садаи XX. [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 447 с.

64. Асозода, Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он. [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. – 127 с.

65. Асозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [давраи нав]. [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе, 2013. – 1018с.

66. Асозода, Х. Чеҳраҳои фарҳангӣ. [Матн] / Х. Асозода. –Душанбе: Адиб, 1996. – 206 с.

67. Асрорӣ, В. Адабиёт ва фолклор. [Матн] / В. Асрорӣ.– Душанбе: Дониш, 1967. – 276 с.

68. Асрорӣ, В. Халқ ва адабиёт. [Матн] / Асрорӣ В.– Душанбе: Ирфон, 1968. – 174с.

69. Афсаҳзод, А. Абдураҳмони Ҷомӣ. [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе, 1978. – 193с.

70. Бақозода, Ҷ. Нависанда ва идеали замон. [Матн] / Ҷ. Бақозода.–Душанбе: Ирфон, 1988. – 256 с.

71. Баҳор, М. Сабкшиносӣ ва татавури насри. Ҷ. 1. [Матн] / М. Баҳор. – Теҳрон: Сипеҳр, 1349. – 499 с.

72. Баҳорӣ, А. Хотираҳои саёҳати бистрӯза. [Матн] / А. Баҳорӣ //Шарқи сурх. №10 – 1955. –С. 31- 40.

73. Баҳорӣ, А. Тамошои се шаҳр. [Матн] / А. Баҳорӣ //Садои Шарқ. №1. – С. 89 - 98.

74. Бобоев Ю. Эстетика ва қадамҳои насру назми тоҷик. [Матн] / Ю. Бобоев. – Душанбе: Адиб, 1988. – 602 с.

75. Бобокалонова Ҷ. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1976. -119 с.

76. Боқиев Ҳ. Саромаде дар тамаддуни навин.- Душанбе: матбаи ДДОТ, 2019. – 190 с.

77. Бозоров Н. Сафарнома ҳамчун жанри публистӣ. [Матн] / Н. Бозоров. – Душанбе. Автореферат, 2002. 18 с.

78. Брагинский, И. С. Ҳаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. [Матн] / И. С. Брагинский. – Душанбе: Ирфон, 1968.

79. Ғаффоров Р. Нависанда ва забон. [Матн] / Р. Ғаффоров. –Душанбе: Ирфон, 1977. – 208 с.

80. Ғиёсӣ, М. Даромаде бар сабкшиносии сохторӣ. [Матн] / М. Ғиёсӣ. – Теҳрон: Шуълаи андеша, 1367. – 179 с.

81. Ғуломризоӣ, М. Сабкшиносии шеъри порсӣ аз Рӯдакӣ то Шомлӯ. [Матн] / М. Ғуломризоӣ. –Теҳрон: Ҷомӣ, 1381. – 296 с.

82. Демидчик, Л. Н. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 2. [Матн] / Демидчик Л. Н. – Душанбе: Дониш, 1978. – 310с.

83. Камолиддинов Б. Ҳаким Карим. [Матн] / Б. Камолиддинов. – Душанбе: Ирфон, 1965. – 81 с.

84. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. [Матн] / Б. Камолиддинов. –Душанбе: Маориф, 1989. – 120 с.

85. Қамарӣ, Алиризо. Бо ёди хотира.[Даромади ба хотиранависӣ ва нигоштаҳои порсӣ дар таърихи Эрон]. Ҷ 1. [Матн] / Алиризои Қамарӣ – Теҳрон: Меҳр, 1373.– 216 с.

86. Кӯчаров А. Масъалаҳои матншиносии адабиёти тоҷик. [Матн] / А. Кӯчаров. – Душанбе: Маориф, 1994. – 144 с.

87. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.

88. Маҳмадаминов А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ. [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.

89. Маъсумӣ Н. Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. [Матн] / Н.Маъсумӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966.

90. Мирзозода Х. Адабиёт аз нуқтаи назари ҳаёт. [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Ирфон, 1973.

91. Мирзозода Х., Сайфуллоев А., Абдуманнонов А. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 1. [Матн] / Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманнонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 356с.

92. Миршакар М. Хотираи чанд рӯз. [Матн] / М. Миршакар //Садои Шарқ. – №12. – С. 114-125.

93. Мустаҷир А. Рӯзномаи сафари Искандаркул. [Матн] / А. Мустаҷир. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 176с.

94. Мусулмониён Р. Назарияи адабиёт. [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе, 1990. – 336 с.

95. Мусулмонқулов Р. Фурӯғи шеъри ҷонпарвар. [Матн] / Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 224 с.

96. Мусулмонқулов Р. Анъана ва навоварӣ. [Матн] / Мусулмонқулов Р. – Душанбе: УДТ., 1985. – 114 с.

97. Набиев А. Ҷусторҳо ва ибтикорот дар наср. [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Адиб, 2009. – 332.

98. Набиев А. Эҷоди бадеӣ, инсон ва замон. [Матн] / А. Набиев. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 144 с.

99. Назиров У. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл //ЭСТ. Ҷ. 6. [Матн] / У. Назиров. –Душанбе, -1986. –С. – 456.

100. Нафисӣ, Саид. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ то поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ. [Матн] / Саид Нафисӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. –1172 с.

101. Нурзод Нуралӣ. «Сафарнома»-и Носири Хусрав ва таҳаввули суннатҳои сафарноманависӣ дар адабиёти форсии Фарорудон. – Маҷмуаи мақолаҳои ҳамоиши Ҳаким Носири Хусрави Қабодиёнӣ. – Теҳрон, донишгоҳи Шаҳид Биҳиштӣ, 1395. с. 618-626.

102. Нуров Н.. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Нуров Нуралӣ.–Хуҷанд: Ношир, 2020.– 447 с.

103. Ободиён, М. Даромаде бар сабкшиносӣ дар адабиёт. [Матн] / М. Ободиён. –Теҳрон: Овои нур, 1372. – 220 с.

104. Одинсов А. Водии файзу баракт [Матн] / А. Одинсов //Садои Шарқ. - №9. – 1964. –С. 3-13.

105. Отахонова Х. Падидаҳои навҷӯӣ. [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.

106. Раҷабӣ, М. Сотим Улуғзода абармарди набард ва андеша. [Матн] / М. Раҷабӣ. – Душанбе: Деваштич, 2004. –172 с.

107. Сайфуллоев А. Ҷону ҷаҳони наср. [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 542 с.

108. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. [Матн] / А. Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 352 с.

109. Сайфуллоев А. Ҳалқаҳои пайванди адабӣ. [Матн] / А. Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2003. – 440с.

110. Саидҳусайн, Ҳусайннажод. Омӯзиши хотирнависӣ. [Матн] / Ҳусайннажод Саидҳусайн. – Теҳрон: Нашриёти Суҳайли пуиш, 1385.–176с.

111. Салимов Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик асрҳои IX-XIII / Носирҷон Салимов.–Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.–398 с.

112. Самад, Абдулҳамид.- Убайд Раҷаб- бузургҷуссаи кӯдакхисол. [Матн] / А. Самад./ Ҷумҳурият, 15 майи соли 2012.

113. Сафаров А. Сафари Покистон [Матн] / А. Сафаров //Садои Шарқ. – №7. – 1950. – С. 104-107.

114. Саъдуллоев А. Публитсистикаи М. Турсунзода. [Матн] / А. Саъдуллоев. – Душанбе: Адиб, 1987. – 112 с.

115. Солиҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он. [Матн] / Ш. Солиҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. –240 с.

116. Солиҳов Ш. Насри муосири тоҷик [бо кӯшиши Масъуди Миршоҳӣ]. [Матн] / Ш. Солиҳов. – Теҳрон: Асотир, 1392. – 250 с.

117. Солиҳов Ш. Роман дар адабиёти тоҷикии асри XX. [Матн] / Ш. Солиҳов. – Душанбе: Дониш, 2011. – 345 с.

118. Табаров С. Материалҳо оид ба омӯхтани адабиёти советии тоҷик. [Матн] / С. Табаров. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1948.– 199 с.

119. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1966. -395 с.

120. Табаров С. Се маорифпарвари тоҷик дар бораи амирони манғит. [Матн] / С. Табаров. – Душанбе: Эҷод, 2006. – 208 с.

121. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 1. [Матн] / – Душанбе: Дониш, 1984. – 353 с.

122. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 2. [Матн] / – Душанбе: Дониш, 1978. – 308 с.

123. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 3. [Матн] / – Душанбе: Дониш, 1984. – 378 с.

124. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ. 4. [Матн] / – Душанбе: Дониш, 1982. – 353 с.

125. Улуғзода, С. Саёҳати Бухоро бо ҳамроҳии С. Айнӣ.[Матн] / С. Улуғзода. //Шарқи сурх. – №3. –1950. – С. 2-11.

126. Улуғзода, С. Шонздаҳ рӯз дар Афғонистон. [Матн] / С. Улуғзода. //Шарқи сурх. – №11. – 1959. – С. 28-41.

127. Хонларӣ, П. Аз шаҳри Ҳофиз то диёри Рӯдакӣ. [Матн] / П. Хонларӣ //Садои Шарқ. -1971. №11. – С. 121-127.

128. Файзуллоев И. Аз баҳри тоҷик то баҳри Балтик. [Матн] / И Файзуллоев //Садои Шарқ. -№10. – 1981. – С. 86-101.

129. Файзуллоев Н. Чашмаи файёз. – Хуҷанд: нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1999.- 214 с.

130. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар қарни XX. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. – 236 с.

131. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон.–Хуҷанд:Нури маърифат, -2010- 664 с.

132. Хоҷаева Матлуба. Сабкшиносии насри муосир [Матн] / Хоҷаева Матлуба.– Хуҷанд: Нури маърифат, 2018.– 420с.

133. Хуросонӣ Алии Муҳаммадӣ. Ҳикоёте дилписанду мондагор. [Матн]./Адабиёт ва санъат. 28 июли соли 2022.

134. Ҳазратқулова Н.Қиссаву афсонаҳои Убайди Раҷаб барои бачаҳо. [Матн] / Ҳазратқулова Н. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [№4 /3/ 113]. – 25с.

135. Ҳакимов А.Дар қаламрави сухан. [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. –224 с.

136. Ҳақонӣ, Меҳрӣ.Равнақи хотиранависӣ дар бозори касоди китоб. [Матн] / Меҳрӣ Ҳақонӣ //Рӯзномаи Эрон. –26.05.1383. –С. 2-3.

137. Ҳодизода Р. Ба пешвози офтоб. [Матн] / Р. Ҳодизода – Душанбе, 1981.

138. Ҳусейзода Ф. Назаре ба достонҳои тамсилии адабиёти атфол. Душанбе: Деваштич, 2008.- 136 с.

139. Ҳусейнзода, Ф. Фуруғи шамъи маҳфилҳо. [Матн] / Ф. Ҳусейнзода. – Душанбе: Адиб, 2010. – 45 с.

140. Ҳусейнода, Ф. Саҳми Убайди Раҷаб дар шинохти адибони номвар. [Матн] / Ф. Ҳусейнзода. //Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – №4[59]. – Душанбе. 2014. – С. 240 -244.

141. Ҳусейнзода, Ф. Заминаҳои суннатии адабиёти атфоли тоҷик. [Матн] / Ф. Ҳусейнзода. –Душанбе: Ирфон, 2014. – 51 с.

142. Ҳусейнзода Ф. Ташаккул ва таҳаввули адабиёти кӯдакон ва наврасон [Аз нигоҳи матн, анъана ва навоварӣ дар мисоли эҷодиёти Убайд Раҷаб]. – Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филология. – Душанбе- 2015. 320 с. э

143. Ҳусейнзода Ф. Адабиёти маърифатоин ва тарбияи фарзанд. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – 80 с.

144. Ҳусейнзода Ф. Таҳқиқи осори бачагонаи Убайд Раҷаб. – Душанбе: Истеъдод, 2018. – 192 с.

145. Ш. Ҳусейнзода. Ҷ. Икромӣ – Сталинобод, 1959. – 102 с.

146. Шамисо, С. Куллиёти сабкшиносӣ. [Матн] / С. Шамисо. –Теҳрон: Фирдавсӣ, 1373. –308 с.

147. Шарифов Х. Назарияи наср. [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2004. – 319с.

148. Шарифов Х. Балоғат ва суханварӣ. [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 2002. – 294с.

149. Шарифов Х. Каломи бадеъ. [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе, 1981. 160 с.

150. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ. [Матн] / Х. Шарифов. У. Тоиров.– Душанбе, 2015. – 412с.

151. Шарифов Х. Ахтарони фарҳанг. [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 362 с.

152. Шарифов, Холмурод. Ахтарон. Маҷмӯи ёддоштҳо. -Душанбе: Шарқи озод, 2004. 337 саҳ.

153. Шукуров М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. [Матн] / М. Шукуров. –Душанбе: Ирфон, 1973. – 159 с.

154. Шукуров М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1966. – 254с.

155. Шукуров М., Демидчик Л. Н. Насри Ҷалол Икромӣ. [Матн] / М. Шукуров. Л. Н. Демидчик. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 142 с.

156. Шукуров М. Насри реалистӣ ва таҳаввули шуури эстетикӣ. [Матн] / Шукуров М. – Душанбе: Ирфон, 1987. – 452 с.

157. Шукуров М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист. [Матн] / Шукуров М. – Душанбе, 2006. – 455 с.

158. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик: насри солҳои 1945-1974. Ҷ. 4. [Матн] / Шукуров М. – Душанбе: Дониш, 1980. – 384с.

159. Шукуров М. Паҳлуҳои тадқиқи бадеӣ. [Матн] / Шукуров М. – Душанбе, 1976. – 273 с.

160. Эделман А. Шоир, мутафаккир, сайёҳ ва ходими бузурги ҷамъиятии тоҷик дар асри Носири Хусрав[Матн] / А.Эделман //Мактаби советӣ. 1952. №12. – С 4-5.

161. Юсупов К. Сотим Улуғзода ва повести тарҷумаиҳолии ӯ «Субҳи ҷавонии мо». [Матн] / К. Юсупов. – Душанбе: Дониш, 1968.

162. Юсуфӣ, Ғуломҳусайн. Чашмаи Рӯшан. Дидор бо шоирон. Теҳрон: Илмӣ, 1373. 857 с.

## III. БО ЗАБОНИ РУСӢ

163. Бобокалонова ДЖ. Таджикская детская литература. – Душанбе: Маориф, 1982.- 119 с.

164. Буало-Депрео Н. Поэтическое искусство. В кн. [Текст] / Н. Буало-Депрео // Христоматия по теории литературы. – Москва, 1982. С. 96-100 с.

165. Волков, И. Ф. Литература как вид художественного творчеста [Текст] //И. Ф. Волков. –М., Посвещение, 1985. -192 с.

166. Гаранин Л. Я. Мемуарный жанр советской литературы. Историческо - теоритический очерк. [Текст] / Л. Я. Гаранин. –Минск: Наук и техника, 1986. – 223 с.

167. Мусулмонкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика X-XV. [Текст] / Р. Мусулмонкулов. – М. Наука, 1989. –240 с.

168. Саидов С. Творчество Абулкасим Лохути для детей и подростков. Автореф. дисс.. канд. филол. наук.- Душанбе: 1986.- 23 с.

169. Тарасов Б. Н. Паскаль. [Текст] / Б. Н. Тарасов. Моладая гвардия. 2006, 275 с.

170. Хазраткулова Нафиса. Поэтика детской поэзии Убайда Раджаба. АВТОРЕФЕРАТ диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук. – Душанбе- 2018. 24 с.

171. Ходжаева М. Своеобразие автобиографического жанра в литературах народов Средней Азии [50-70 гг.]: Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук.–Москва: Наука, 1985.–194 с.–1,25 п. л. [АН СССР, Ордена дружбы народов Институт мировой литературы имени А. М. Горького].

172. Хусейнзода Ф. Убайд Раджаб и эволюция детской литературыю – Душанбе: Ирфон, 2015. -

## IV. ФАРҲАНГ ВА ЛУҒАТНОМАҲО

173. Бурҳон, М. Бурҳони қотеъ. Ҷ. 1. [Матн] / М. Бурҳон. –Душанбе: Адиб, 1993. – 416с.

174. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. [Матн] / Муҳаммад Ғиёсуддин. –Ҷ. 1. –Душанбе: Адиб, 1987. – 480 с.

175. Ғиёсуддин, Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. [Матн] / Муҳаммад Ғиёсуддин. – Ҷ. 2. –Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.

176. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо. [Матн] / Алиакбари Деҳхудо [зери назари Муҳаммад Муин]. Ҷ. 2. [Матн] / – Теҳрон: Сирус, 1335. – 1012 с.

177. Деҳхудо Алиакбар. Луғатнома[захоири электронии адабиёти форсӣ]. – Теҳрон, 1361.

178. Муин, М. Фарҳанги форсӣ. [Матн] / Муҳаммад Муин. – Ҷ. 1. – Теҳрон: Амири кабир. – 1360. – С. 1476.

179. Муин, М. Фарҳанги форсӣ. [Матн] / Муҳаммад Муин. – Ҷ. 2 – Теҳрон: Амири кабир. – 1360. – С. 1477 – 2774.

180. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. [Матн] / – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.

181. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ. 2. [Матн] / – Москва: Советская энциклопедия, 1969. – 949 с.

182. Фозилов М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Қ. 1. [Матн] / М. Фозилов. –Душанбе: Ирфон, 1975. – 368 с.

183. Энсиклодияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 1. [Матн] /– Душанбе, 1988. –437 с.

184. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2.[Матн]/ –Душанбе,1980.–377с.

**Сарчашмҳои электронӣ**

185. Кӯҳзод Урун. Адиби паҳлавон ва холис. https://www.facebook.com/groups/627357037280443/permalink/1854093931273408/?locale2=fi_FI&paipv=0&eav=Afa7PdPARgzf4k65QDTUq6JBzpk_XEC_je0sjg1NQ0GaNfgOml0L_CPMnS1XtjdQOc&_rdr

# ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

## I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

**[1-М]**. Ёддошти воқеӣ аз корнамоии як афсари зиндаёди тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №3. – С. 243-250. С. 145-157.

**[2-М]**.Инъикоси ваҳдат ва ободгарӣ дар адабиёти атфоли тоҷик / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №2. – С. 205-209.

**[3-М]** Таҳқиқи ёдкардаҳои Убайд Раҷаб дар бораи устод Мирзо Турсунзода дар китоби “Зинда ба ишқ” / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2019– №3. – С. 281-287.

**[4-М]** Садоқати баён ва вижагиҳои муҳимми ёддоштнависӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ. Бахши илмҳои филологӣ. –2020. – №3. – С. 207-212.

**[5-М]** Мақом ва ҷойгоҳи адибон дар ёддштҳои Убайд Раҷаб / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ –2021– №1/4[92 – С. 36-38.

**[6-М]** Давлатов, У.М. Вижагиҳои сабкӣ ва тарзи баёни Убайд Раҷаб дар жанри ёддоштӣ / У. Давлатов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Маҷаллаи илмӣ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ – 2021– №1-3[102] – 2022**.- 30-33.**

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

**[7-М]** **Давлатов У.** Фарҳод Ҳусейнзода, Давлатов У. Назаре ба осори публистистии Убайд Раҷаб. – Садои Шарқ.- 2017. №6. -С. 145-157.

**[8-М]** **Давлатов У.** Омилҳои ба кори эҷодӣ даст задани С.Айнӣ. Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 140-солагии бузургдошти устод С.Айнӣ дар мавзуи “Садриддин Айнӣ бунёдгузори асолати сухан ва фарҳанги миллӣ”. Душанбе. “ЭР-граф”. 2018. саҳ.93-98.

**[9-М]**. Давлатов, У.М. Симои воқеӣ ва адабии Мирзо Турсунзода дар ёддоштҳои Убайд Раҷаб. Маводи конференсияи илмӣ-назариявии ҷойгоҳи Мирзо

Турсунзода ва Лоиқ Шералӣ дар адабиёти навини тоҷик. Нури маърифат, Хуҷанд, Нури маърифат, 2021. С.80-84.

**[10-М]**. **Давлатов У.** Анъана ва навоварии ёддоштнависӣ аз тарафи адибон дар адабиёти қарни XX. Маводи конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба “Рӯзи забони давлатӣ”. Паёми ДДД. 2022. №1[11], саҳ. 73-77.